ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №16 (298) 21-уми ноябри соли 2019, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)

## ХУШҚАДАМ ХУСРАВОВ ВА СОРБОН ЛАТИФОВ ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ОИД БА САМБО МЕДАЛҲОИ БИРИНҶӢ БА ДАСТ ОВАРДАНД





Паҳлавони маъруфи тоҷик Хушқадам Хусравов дар Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо, ки 10-уми ноябр дар шаҳри Чҳоънҷуи Кореяи Ҷанубӣ ба поён расид, дар рақобатҳо оид ба самбои варзишӣ дар вазни то - 62 кило медали биринҷӣ ба даст оварда, бо ҷоизаи пулӣ ба маблағи 1500 доллари ИМА мукофотонида шуд.

Ин дуюмин медали варзишгарони тоҷик дар Чемпионати ҷаҳон оид ба самбои варзишӣ ва самбои размист, ки аз 8 то 10 ноябр дар шаҳри Чҳонҷуи Кореяи Ҷанубӣ баргузор шуд.

9-уми ноябр паҳлавонони дигари тоҷик Сорбон Латифов, донишҷӯи факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин чемпионат дар рақобатҳо оид ба самбои размӣ дар вазни то - 62 кило бо медали биринҷӣ ва ҷоизаи пулӣ ба маблағи 1500 доллари ИМА сарфароз гардида буд.

Ёдовар мешавем, ки дар ин чемпионати ҷаҳонӣ ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон нуҳ нафар варзишгари шинохта: Акмалиддин Каримов (вазни то 57 кг), Хушқадам Хусравов (то 62 кг), Парвиз Додов (то 68 кг), Мирзоҷамил Рамазонов (то 74 кг), Зафар Олимшоев (то 90 кг), Одилҷон Сафаров (+100 кг) оид ба самбои варзишӣ ва Сорбон Латифов (то 62 кг), Ҷамшед Умаров (то 57 кг) ва Худоёр Раҷабзода (то 68 кг) оид ба самбои размӣ дохил буданд. Аз байни онҳо ду нафар - Сорбон Латифов ва Хушқадам Хусравов соҳиби медал гардиданд.

Бояд гуфт, ки натиҷаҳои нишондодаи гӯштингирони тоҷик дар мусобиқаи имсола нисбат ба чемпионати самбои ҷаҳон дар соли гузашта хеле паст аст. Ба назари коршиносон, сабаби паст шудани натиҷаҳои варзишгарони тоҷик дар чемпионати самбои ҷаҳон ба ширкати хеле ками онҳо дар мусобиқоти имсолаи байналмилалӣ вобаста мебошад.

Хотиррасон мешавем, ки паҳлавонони шинохтаи тоҷик соли 2018 дар Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо, ки моҳи ноябр дар пойтахти Руминия - шаҳри Бухарест доир шуд, чаҳор медал (1 тилло ва 3 биринҷӣ) ба даст оварда буданд.

Хушқадам Хусравов дар сабқати самбои варзишӣ дар вазни то 62 кило бори аввал ба унвони чемпиони ҷаҳон мушарраф гашта, бо медали тилло мукофотонида шуд. Зимнан, дар таърихи варзиши тоҷик ӯ баъди Саидмуъмин Раҳимов ва Беҳрӯзи Хоҷазода сеюмин варзишгар аз Тоҷикистон аст, ки медали тиллои чемпионати ҷаҳонро оид ба самбои варзишӣ ба даст овард.

Дар рақобатҳо оид ба самбои варзишӣ дар Бухарест Акмалиддин Каримов дар вазни то 57 кило ва Беҳрӯзи Хоҷазода дар вазни то 74 кило бо медалҳои биринҷӣ сарфароз гаштанд. Медали сеюми биринҷиро ба дастаи мунтахаби Тоҷикистон Сорбон Латифов дар сабқати самбои размӣ дар вазни то 62 кило оварда буд.

Чунонки сомонаи расмии Федератсияи байналмилалии самбо (FIAS) хабар додааст, дар мусобиқоти ҷаҳон оид ба самбои варзишӣ ва самбои размӣ дар Чҳонҷуи Кореяи Ҷанубӣ варзишгарон (мардону занон) аз 70 кишвар барои 27 маҷмӯи медалҳо (9 маҷмуъ миёни мардон, 9 маҷмуъ миёни занон, 9 маҷмуъ дар самбои размӣ) мубориза бурданд.

Маблағи умумии ҷоизаи мусобиқаи имсолаи қаҳрамонии самбои ҷаҳон 216 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медод. Барои ҷойи якум 3000 доллар, барои ҷойи дуюм 2000 доллар ва барои ҷойҳои сеюм 1500-долларӣ супурда шуд.

Дар мусобиқаи имсолаи чепионати ҷаҳон варзишгарони 23 кишвар бо медалҳо мукофотонида шуданд, ки дар байни онҳо аксариятро намояндагони 12 кишвари собиқи шӯравӣ ташкил медиҳанд. Зимнан, ватани самбо Россия мебошад. Варзишгарони ин давлат бо касби 25 медал (20 тилло, 1 нуқра ва 4 биринҷӣ) дар ҳисоби умумидастаӣ мақоми аввалро соҳиб шуданд.

Дастаи мунтахаби Муғулистон бо касби 11 медал (2 тилло, 1 нуқра ва 8 биринҷӣ) ҷойи дуюм ва дастаи мунтахаби Украина бо касби 6 медал (2 тилло ва 4 биринҷӣ) ҷойи сеюмро ишғол карданд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо касби 2 медали биринҷӣ ҷойи 16-умро гирифта, дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи охирин қарор гирифт.

Бояд зикр кард, ки дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон бо касби 7 медал (1 тилло, 3 нуқра ва 3 биринҷӣ) ҷойи 5-ум, Қазоқистон бо касби 9 медал (4 нуқра ва 5 биринҷӣ) ҷойи 8-ум, Туркманистон бо касби 4 медал (1 нуқра ва 3 биринҷӣ) ҷойи 10-ум ва Қирғизистон бо касби 3 медал (1 нуқра ва 2 биринҷӣ) ҷойи 11-умро соҳиб шуданд.

***АМИТ "Ховар"***

## ПРЕЗИДЕНТИ МАН



С. 9-10

## КОНСТИТУТСИЯ - ТАҶАССУМГАРИ ОРЗУВУ ОРМОНИ ОЗОДАНДЕШӢ




С. 2

## ИНСОНИ КОМИЛ ВА ОЛИМИ БОТАҶРИБА



С. 6

## БАКАЛАВР МАГАР МАЪЛУМОТИ ОЛӢ НЕСТ?



С. 5

## МИНБАРИ ДОНИШҶӮ



С. 12-13

## ҲИКОЯИ ҒАВҒО



С. 7

## МАКТАБИ ИЛМИИ МИХАЙЛОВ ВА ШОГИРДОНИ Ӯ



С. 4

*Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,*
*Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.* Носири Хусрав

Анвори дониш
№16 (298), ПАНҶШАНБЕ, 21.11.2019

# КОНСТИТУТСИЯ - ТАҶАССУМГАРИ ОРЗУВУ ОРМОНИ ОЗОДАНДЕШӢ



*Садриддин СУФИЕВ,*
*саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

*Конститутсияи кишвар, ки таҷассумгари орзуву ормони озодандешӣ ва гояҳои ҷовидонаи мардуми мо мебошад, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои азими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ба вуҷуд овардани асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳаё намудани фазои мусоид барои ташаккули озодонаи ҳар фард заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт.*
*Эмомалӣ Раҳмон*

Соҳибихтиёрии халқ ҳамчун падидаи ҳуқуқию сиёсӣ ва татбиқи он бо масоилҳое алоқаманд аст, ки онҳо тафовути объективӣ ва субъективии байни иродаю манфиатҳои воқеии халқ ва шаклҳои амалигардонии онҳоро инъикос менамоянд. Соҳибихтиёрии халқ - молики ҳақиқии воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ будани халқро мефаҳмонад. Худ аз худ эълон гардидани соҳибихтиёрии халқ ҳатто дар дараҷаи конститутсионӣ ҳануз комилҳуқуқии ӯро таъмин карда наметавонад. Фақат дар заминаи мустақилии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ халқ метавонад, озодона идоракунии корҳои давлат ва ҷамъиятро ба роҳ монад. Соҳибихтиёрии халқ бо асосҳои демократии сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва татбиқи ҳақиқии онҳо дар ҳаёт вобаста аст. Зеро маҳз дар заминаи ҳамин навъи соҳибихтиёрӣ табиати демократии давлат ҳифз гардида, ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин мешавад ва мавқеи халқ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи идораи давлат собит мегардад. Соҳибихтиёрии халқ аз худи халқ сарчашма гирифта, барои идораи халқ равона шудааст, яъне ин ҳокимияти комилан халқист. Нақши халқ дар ташкили ҳокимияти давлатӣ, таҳияи санадҳои барномавӣ, таълифи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ калон аст. Ба ибораи дигар, ҳокимияти халк, дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии мардум амалӣ мешавад. Соҳибихтиёрии халқ заминаи ташкил ва татбиқи ҳокимият аст, ки аз фаъолияти васеи ташкилӣ ва қудратбахшии халқ ғоз гардида, бо ҳалли масъалаҳо ва ҳимояи манфиатҳои мардумӣ вобаста мебошад. Соҳибихтиёрии халқ роҳи асосии амалӣ гаштани орзую омоли халқ аст. Тавассути он халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият ба воситаи мақомоти давлатии таъсисдодаи худ ба худидоракунии кин даст мезанад. Барои он, ки ҳокимият аз ваколатҳои хеш суиистифода накунад, соҳибихтиёрии халқ истифодаи фишангҳои мухталифи назорати ҳокимиятро пешбинӣ мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ таҷассумгари нақшаҳои имрӯзу ояндаи давлат бо назардошти манфиатҳои ҷомеа ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон пешбинӣ шуда, марҳила ба марҳила амалишавии онро давлат кафолат ва назорат мекунад.

Имрӯз бояд шукргузории онро намуд, ки мо дар як давраи начандон тулонӣ, бо сарварии Президенти муҳтарамамон Эмомалӣ Раҳмон ба ин рӯзҳои бахту шодӣ ва ободию озодӣ расида, давлати моро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, соҳибистиқлол ва дунявӣ қариб тамоми рӯи олам мешиносад ва бо мо ҳамкорӣ мекунанд.

Конститутсияи соли 1994 аввалин бор Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр эълон кард. Соҳибихтиёрӣ хусусияти хоси ҳар як давлат буда, ҳокимияти олии ягона ва истиқлолияти онро дар муносибатҳои хориҷӣ ифода мекунад. Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам асоси сиёсию ҳуқуқӣ, ҳам самти амалӣ дорад. Ҳифзи соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва кафолати ягонагии он бо имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии давлат пайвастагӣ дорад. Дар зери мафҳуми соҳибихтиёрӣ аксар вақт соҳибихтиёрии давлат дар назар дошта мешавад. Ва ин бесабаб нест, чунки бештар вақт сухан дар хусуси ҳокимияти давлатӣ ва волоияти он меравад. Вале қаблан сарфи назар карда мешавад, ки ҳокимият на фақат ба давлат хос аст.

Илми давлатшиносӣ дар радифи соҳибихтиёрии халқ боз ду навъи дигари соҳибихтиёрӣ - соҳибихтиёрии давлат ва соҳибихтиёрии миллиро эътироф мекунад. Соҳибихтиёрии давлат дар волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили давлат ва истиқлоли пурраи он дар муносибатҳои беруна ифода меёбад.

Ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва иҷрои тамоми талабот ва риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳои давлати соҳибистиқлоламон ба ҳадафи асосии эълонкардаи худ, яъне эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ноил шуда метавонем.

Нақши Конститутсия на фақат барои расмӣ гардонидани бунёди давлати нав, инчунин барои таъмини инкишофи он низ калон аст. Чунки дар он асосу заминаҳое муқаррар шудаанд, ки фақат бо роҳи татбиқи дурусти онҳо давлат пеш рафта метавонад. Хусусан, амалӣ гардондани асосҳои дар боби аввали Конститутсия пешбинишуда дар хусуси соҳибихтиёрии халқ ва шаклҳои таҷассуми он, тамо-




судӣ дар шакли пурраашон дар қаламрави давлат амал карда, ҳеҷ гуна дахолати мамлакатҳои хориҷиро намепазирад. Дар муносибатҳои байналмилалӣ низ давлат тобеи иродаи давлатҳои хориҷӣ намегардад. Соҳибихтиёрии давлат пурра ва бидуни истисно зоҳир мешавад ва он нишонаи сифатии ҳар гуна давлат буда, моҳияти сиёсиву ҳуқуқии давлатро ифода мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии бунёди давлати соҳибистилоли тоҷикон, таҷассумгари ормонҳои давлатдории миллӣ мебошад. Агар ба таври умумӣ нигарем, он маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки аз як тараф, муносибатҳои ҷамъиятии байни инсон ва давлат, инчунин асосҳои ташкил ва фаъолияти худи давлатро танзим менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам асоси сиёсию ҳуқуқӣ, ҳам самти амалӣ дорад. Ҳифзи соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва кафолати ягонагии он бо имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии давлат пайвастагӣ дорад. Аз ин рӯ, кӯшиши мустаҳкам кардани асоси иқтисодии давлат ва баланд бардоштани самти некӯаҳволии зиндагии мардум ба пойдоргардонии соҳибихтиёрии давлат бевосита алоқаманд аст. Қобили ифтихор аст, ки имрӯз давлати Тоҷикистон ба сифати созмони сиёсии муташаккил ва қудратманд қодир аст тамоми самтҳои фаъолияти худро, ки Конститусия муайян намудааст, иҷро намояд.

Ҳар як сокини мамлакат ҳамеша бояд дар хотир дошта бошад, ки эҳтиром ва риояи ҳатмии Конститутсия ва қонун ҷониву виҷдонӣ ва амали ҳаррӯзаи ӯст. Зеро мо танҳо дар сурати мияти арзии давлат ва кафолатҳои он, бо роҳи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ шудани он, эътибори олии ҳуқуқи Конститутсия ва бевосита амал кардани меъёрҳои он, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ донистани санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, асоси иқтисодии давлат ва объектҳои моликияти истисноии давлат заминаҳои пойдории Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамин тариқ, бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва сулҳу субот дар мамлакати мо 25-умин солгарди рӯзи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро ботантана ҷашн гирифтем, ки он 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ҳамчун Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул гардид. Қабули Конститутсия мамлакат ҳам сарогози таърихи навини давлат ва ҳам рӯи кор омадани равобити иҷтимоии ҷадид ва танзими ҳуқуқии онҳо ва ҳам дар ниҳояти кор, арзи ҳастӣ намудани самтинавини илми давлатшиносии давлати ҷавони Тоҷикистон мебошад. Конститутсияи кишварро одатан бахтномаи шаҳрвандон меноманд ва ин сухан муҳобота нест, зеро кулли буду набуди инсон маҳз марбути Конститутсияи аст. Аз ин лиҳоз, рӯзи Конститутсияи кишвари соҳибистиқлоламон барои мо иди фирӯз аст. Бинобар ҳамин, ҳар яки мо вазифадорем, ки ба хотири манофеи Ватан, ба хотири ободии кишвар, боз ҳам баландтар шудани сатҳи зиндагонии мардум дилсӯзона заҳмат кашем, меъёрҳои муқарар намудаи Конститутсияро риоя намоем.

## ДУРДОНАҲОИ БУЗУРГОН

Ду чиз аст, ки ҳокимиятро побрҷо медорад, ҳифз мекунад ва меафзояд: артиш ва пул. Ин ду бе якдигар маънӣ надоранд.

***Сезар Юлий (сарлашкари бузурги римӣ)***

ХХХХ

Ҳар кас худ сарнавиштаро месозад.

***Сезар Юлий (сарлашкари бузурги римӣ)***

ХХХХ

Беҳтар аст зуд бимурд, то дар интизори марг ба сар бурд.

***Сезар Юлий (сарлашкари бузурги римӣ)***

ХХХХ

Пирӯзӣ баста ба нотарсии сарбозон аст.

***Сезар Юлий (сарлашкари бузурги римӣ)***

ХХХХ

Омад, дид, пирӯз гардид.

***Сезар Юлий (сарлашкари бузурги римӣ)***

ХХХХ

Ҳангоме, ки пурсиданд, чӣ гуна марг беҳтар аз ҳама аст, Сезар нахуст садо зад: марги ногаҳон!

***Сезар Юлий (сарлашкари бузурги римӣ)***

ХХХХ

Кулли комёбиҳои ҳар оила аз дараҷаи тарбияи фарзандон вобаста аст.

***Л. Н. Толстой***

ХХХХ

Нахуствазифаи оила тарбияи шоистаи фарзандон аст. Мактаби асосии тарбия муносибати байниҳамдигарии зану мард, падару модар мебошад.

***В. А. Сухомлинский***

ХХХХ

Дар ҳаёти оилавӣ эҳтироми арзу ниёз, талабу хоҳиш ва ҳиссиёти ҳамдигар аҳамияти бағоят муҳимро дорост.

***В. А. Сухомлинский***

ХХХХ

Дар оила худтарбиякунӣ ва тарбияи якдигар набояд лаҳзае қатъи назар шавад.

***В. А. Сухомлинский***

ХХХХ

Дар ташкили оила ҳавасбоз набояд буд ва танҳо ба ҳусни зоҳирӣвобаста набояд шуд. Аз рӯйи ҳавас ва зоҳир оиладор шудан маънои он аст, ки аз бозор чизи нозарур, вале зебоеро хaидорӣ кунӣ.

***А. П. Чехов***

ХХХХ

Майзадагии падар ё модар яке аз сабабҳои асосии фурӯрезии бунёди оила аст.

***Гиппократ***

ХХХХ

Волидонамон ба мо ҳаёт бахшиданд ва барои хушбахтии мо талош карданд. Акнун мо бояд дастгиру мададгори эшон бошем. Ҳамин аст рисолати идомаи оила.

***Леонардо да Винчи***

ХХХХ

Гарави хушбахтии оилавӣ дар хайрхоҳӣ, ошкорбаёнӣ ва муҳаббати байниҳамдигарист.

***Эмил Золя***

ХХХХ

Ношукрӣ хислати номақбул аст. Бадтарин ношукукрӣ нисбат ба падару модар, нисбат ба аҳлу оилаи худ мебошад.

***Л. К. Вовенарг***

ХХХХ

Ҳар шахс танҳо ҳамон вақт ба дарки муҳаббати ҳақиқӣ мерасад, ки ба ҳадди ақал чаҳоряк аср бо оиладорӣ зиста бошад.

***Марк Твен***

ХХХХ

Дар ҳаёти оилавӣ омили муҳимтарин сабурист, зеро ҳама гуна муҳаббат то ба охир нерӯманду пойдор монда наметавонад.

***А. П. Чехов***

*Таҳияи*
***Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

# МИЛЛИАРДЕРЕ, КИ ТАМОМИ ДОРОИЯШ ТАНҲО ЯГОНА ДУХТАРАШ ГАРДИД...







Боре Сисирон гуфта буд:

- Агар ман дар роҳ мерафтам ва 1 миллион доллар дар ҳамон ҳолат аз ман мерафт, барои ҳамин ман сайругаштро тарк мекунам ва вақтамро беҳуда сарф намекунам.

Боре ӯ бо дӯстдухтари худ дар яке аз тарабхонаҳои бонуфуз нишаста буд. Пешхизмат дар ҳузури Сисирон ва дӯстдухтараш бадахлоқӣ кард. Сисирон аз маъмурияти тарабхона хост, то пешхизмадро аз кор ронад. Баъдтар фаҳмид, ки маъмурияти тарабхона ин корро иҷро накардааст. Вай тарабхонаро бо меҳмонхонааш харида, аз ҷумла маъмурият ва кормандони тарабхонаро барои хатои намудаашон аз кор озод кард.

Сисирон корхонаҳо ва муассисаҳои калон дошт. Ӯ тиҷорати Бразилияро дар қаҳва, шакар ва гӯшт назорат менамуд. Сисирон бо истеҳсол ва хариду фурӯши силоҳ коре надошт.

Душманони Сисирон бо тамоми воситаҳо ва тамоми роҳҳо кӯшиш мекарданд, ки ӯро аз сари роҳи худ бартараф кунанд, аммо натавонистанд.

Роҳи осонтарини нест кардани ӯро пайдо намуданд, ки ин дуздидани духтари ягонааш буд, ки 14 сол дошт. Духтари 14-соларо фиреб дода, аз падараш пинҳон намуданд.

Пас аз ин ҳодиса Сисирон вақти зиёди худро барои ҷӯстуҷӯи духтараш идома дод. Танҳо ӯ мехост духтари ягонаи худро пайдо кунад. Бисёре аз муомилотҳо мавқуф гузошта шуд. Ӯ дар давоми чанд рӯз дар кор набуд. Аз набудани Сисирон менеҷери дасти рости ӯ хиёнаткорона лоиҳаҳоро фурӯхт ва ҳолатҳои махсуси ришваро истифода бурд ва тамоми маблағҳоро аз суратҳисоб берун ва қисме аз онҳоро аз худ намуд.

Сисиронро ошкоро фурӯхт, бо душманон якҷо шуда, аз пушт ба ӯ ханҷар зад. Тақрибан ҳамаи пулҳои дар суратҳисобҳои хориҷӣ доштаи ӯ боздошта шуданд. Вақте дар бораи дуздии ширкат ба Сисирон хабар доданд, парвое надошт. Танҳо бо мактуб ҷавоб дод, ки дар ҷӯстуҷӯи духтараш банд аст. Он чизе, ки Сисиронро кушт, дороияш не, пайдо нагардидани духтараш буд.

Ӯ фаҳмид, ки духтари ягонааш мурдааст. Вақте ки ӯро пайдо намуд, духтараш кушта шудаву таҷовуз карда ва ба партовгоҳ партофта шудааст. Духтарашро аз назди партовгоҳи хонаи худ пайдо намуд. Сисирон аз рӯи духтари худ варақаеро ёфт, ки навишта шуда буд: "Ин қисми қудрати Шумо аст!".

Ӯ девона шуд, девона...

Ӯ дунёи тиҷоратро тарк кард ва дар кӯчаҳо бехонумон шуд. Сисирон дар бораи худ ҳеҷ чиз намегӯяд.

Зиндагии ӯ танҳо ба як қуттӣ вобаста шуд.

Тасвири аксҳои зер воқеъият доранд дар аксҳо худи Сисирон аст.

Ҳама дар бораи ӯ медонист, аммо ҳеҷ кас дар бораи кӯмак ба ӯ фикр намекард... Ягона дороии инсон дар ин ҳаёт танҳо ва танҳо фарзанд аст.

# • Шеъри рӯз



*Лоиқ ШЕРАЛӢ*

## МАРД ОН, КИ...

*Мард он, ки сарафроз сари дор бимирад,*
*Як бор таваллуд шуда, як бор бимирад.*
*Мард он, ки сари қулла чу ҳамхонаи хуршед*
*Аз қисмати худ розию саршор бимирад.*
*Мард он, ки сабуктар бикунад бори Заминро,*
*Бо умри гаронбор гаронбор бимирад.*
*Бо дӯсти наздик равад манзили дуре,*
*Бо ёр ва ё бо алами ёр бимирад.*
*Дар хоб ба овози замин гӯш ниҳад шаб,*
*Рӯзона чу ҳақдӯст зада ҷор бимирад.*
*Мард он, ки намонад зи шабаш шишаи холӣ...*
*Гуршӯру пурошӯбу пурасрор бимирад.*
*Мард он, ки тиҳӣ буда чунон косаи танбӯр,*
*Бо нағмаю оҳанги шарарбор бимирад.*
*Мард он, ки намирад зи қазо бо аҷали худ,*
*Дар ишқ ва ё кор ва ё ор бимирад.*
*Мард он, ки шарафманду баномусу ҷавонмард*
*Бо ин ҳама озор сазовор бимирад!*

# ДУ ҲИКМАТ

### ДОСТОНИ ҒАМ

Марди ҷоҳилу золим аз Луқмони Ҳаким пурсид:

- Заҳр марговар аст ё ғаму андӯҳ?

- Ғаму зиққидан аз марг қотилтаранд.

- Не ман ба ин ҷавоб на қаноатбахшаму на розӣ.

- Чаро?

- Як умр нисбат ба хизматгаронам золимӣ карда, онҳоро ғам додам, вале тасодуфан ягон нафари онҳо намурдааст.

Луқмон гуфт:

- Агар ба ҷавоби ман бовар накунед, барои исботаш чӣ гуна пешниҳод доред?

Золим гуфт:

- Биёед шарти зеринро ба миён гузорем: Ман ба Шумо заҳри қотил медиҳам, Шумо метавонед ғамангезтарин суханҳоро ба ман гӯед. Пас мебинем кӣ зинда мемонад? Агар Шумо намуреду шартро бибуред, метавонед сари манро дар байни мардум аз танам ҷудо кунед.

Шартро қабул карданд. Шаб Луқмон ба шогирдонаш бифармуд, ки се хумро пур аз шир намоянд. Шогирдон хумҳоро пур аз шир карданд. Рузи дигар пеш аз нӯшидани заҳр онҳоро чунин вазифадор намуд:

- Пас аз нӯшидани заҳр ман ба зудӣ беҳушу беёд мешавам. Шумо маро бонавбат ба ин хумҳо 10-15 дақиқагӣ нигоҳ доред, то ба ёд наоям зиндаву солим нашавам.

Муҳориба сар шуд. Луқмон заҳрро нӯшиду беёд шуду афтид ва ҳамон замон шогирдон гуфтаҳои ӯро ба ҷо оварданд. Пас аз чанд дақиқае ба хуми сеюми пур аз шир гузоштанаш ба ёд омад, рангу рӯяш сурх, дар дасту пояш ба танаш ҷон пайдо шуд ва аз ҷой бархост. Атрофиён ҳайрон шуданд. Марди золим ба Луқмон бо тарсу ваҳм ба дасту пои ларзон хитоб кард:

- Ба давою позаҳр ва ҳикмати пизишкиатон ман қоилам. Акнун метавонед сарамро аз тан ҷудо созед.

Луқмони Ҳаким гуфт:

- Ман ба Шумо як ҳафта мӯҳлат медиҳам. Рафта зиндагӣ кунед. Пас аз як ҳафта биёед, то ки талаботи шартро амалӣ намоям. Марди золим ба хонааш баргашта, ба пешвози марг худро тайёр менамуд. Ӯро ғами мурдан ҳар соату ҳар дақиқа азоб медод. Шабу рӯз зиқӣ мекашид. Пас аз 3-4 рӯза ғаму бехобӣ рангаш зард, танаш лоғар ва хотираш тамоман парешон шуд. Рафта-рафта хӯрок аз гулӯяш нагузашт. Оқибат то охири ҳафта аз ғаму зиқӣ ҳалок гардид. Шоҳидони ин муҳориба ба хулосае омаданд, ки аз ғаму андӯҳ дида барои саломатии инсон заҳрноктар заҳре дигар нест.

***(Ю. Нуралиев. Луқмони Ҳаким. -Душанбе, 1991)***

### ФАЛСАФАИ ХАЙР

Марди дорову саховатманде буд, ки хайру садақаро рисолати инсонии худ медонист. Ҳеҷ дар зеҳнаш набуд, ки ба киву чӣ дасти сахо дорад: ҳар ки аз пешаш мебаромаду Худованд дар дилаш ҷо мекард, илтифоте баҳраш дошт. Рӯзе дар кӯча занеро бидиду ҳарҷӣ дар ҷайб дошт, ба ӯ бахшид. Аммо пасон шунид, ки мардум мегӯянд:

- Ин чӣ хайрест, ки ба як фоҳиша кардааст?

Шуниду маъюс гашт, аммо дасти сахо бознадошт. Рӯзе дигар мардеро вохӯрду Худованд ба дилаш андохт, ки барои ӯ хайре кунад. Кард, вале боз ҳам шунид, ки мардум мегуфтанд:

- Оё барои як дузд хайрашро қабул мекунад?

Бештар ғамгин гашт, аммо хайри худро идома дод. Дафъаи дигар ба марде садақа кард, ки баъдан маълум шуд як сарватманд будааст. Мардум инро мегуфтанду механдиданд... Вақте марди дорову сахӣ инро шунид, бештар ғамгин гашт. Бо ҳамин фикр хобаш бурд, ки ба чӣ касе садақа намояд, то ҳам хайр шаваду низ аз гапи мардум раҳо? Хоб дид, ки мӯйсафеди нуроние бароям мегуфт:

- Писари азиз, ҳиҷ ғаме ба дил магир. Ҳар кадоме аз онҳое, ки хайр кардаӣ, ниёзе доштанд. Он зане, ки мардум фоҳишааш мегӯянд, воқеан чунин буд, аммо ин корро барои он анҷом медод, ки кӯдакдор буду бешавҳар ва намедонист зиндагиашро бо чӣ роҳе пеш барад. Мардум танҳо накӯҳишаш мекарданду касе ба додаш намерасид. Хайри туро, ки пули бисёре буд, гирифту зиндагии худро сариштa кард ва ҳоло фоҳишагиро бас карда...

Он мард ҳам дар ҳақиқат дуздӣ мекард, чун ниёз дошт. Вале одамон танҳо бадаш мегуфтанду касе ба кӯмакаш нашитофт, то ба роҳи рост равад. Ҳоло, пас аз дасти кӯмаки ту, тиҷоратеро роҳандозӣ кардаву дигар ба моли мардум каҷ наменигарад...

Ахиран, он марде, ки мардум сарватмандаш мегӯянд, воқеан як шахси аз лиҳози моливу моддӣ бениёз буд. Аммо ҳиҷ гоҳ дасти ниёзманде намегирифт. Пас аз садақаи ту ба ин фикр зад, ки одамон ҳама ба ҳам эҳтиёҷ доранду аз ин пас дасти сахо бикшодааст...

***Таҳияи***
***Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

# ПАНДИ СТИВ ҶОБС ДАР БИСТАРИ МАРГ...



Миллиардер Стив Ҷобс дар синни 56-солагӣ аз саратони ғадуди зери меъда вафот кардааст. Вопасин суханони ӯ маҷбур месозад, ки дар бораи моҳияти зиндагӣ андеша намоем:

"Билохира, бойигарӣ ин танҳо ҳақиқати зиндагист, ки ман ба он одат кардаам.

Акнун, ки ман дар бистари беморӣ хобидаам ва тамоми зиндагиамро ба ёд меоварам, дарк кардам, ки ҳамаи эътибору бойигарие, ки дорам, дар рӯбарӯи марг як чизи беҳуда ва бемақсад будааст.

Зиндагии худро хуш кунед ва дигаронро эҳтиром намоед.

Ҳарчи қадар ки мо калонсолтар мешавем, ҳамон қадар боақлтар мегардем ва тадриҷан мефаҳмем, ки ҳам соате, ки 30 доллар арзиш дорад ва ҳам соате, ки 300 доллар арзиш дорад, ҳарду айнан як вақтро нишон медиҳанд.

Мо бо худ хоҳ ҳамёни 30-доллара гирифта гардем ва хоҳ 300-доллара, ҳарду як хел ғунҷоиш дорад.

Мо бо кадом мошине, ки ҳаракат накунем, хоҳ 150 000-доллара бошад ва ё хоҳ 30 000-доллара роҳ ва масофа як хел аст ва моро ба ҳамон ҷойи дилхоҳи худ бурда мерасонад.

Хоҳ майи 300-доллара нӯшем ва ё хоҳ 10-долара сархушӣ як хел аст.

Хоҳ дар хонаи масоҳаташ 300 метри мураббаъ ва хоҳ хонаи масоҳаташ 3000 метри мураббаъ зиндагӣ кунӣ ҳам, ту ҳамоно танҳоӣ.

Хушбахтии ҳақиқии ботинии шумо аз молу мулки ин ҷаҳон вобастагӣ надорад.

Хоҳ бо тайёраи якумдараҷа ва хоҳ дуюмдараҷа парвоз кунӣ ҳам, агар тайёра афтад, ту ҳам якҷоя бо ӯ меафтӣ.

Ҳамин тавр, гумон мекунам, мефаҳмед, ки агар шумо дӯстони зиёд дошта бошед ва ё нафаре дошта бошед, ки бо ӯ тавонед бемалол рози дил кунед, ин худ хушбахтии ҳақиқист.

**Панҷ ҳақиқати бaҳснопазир:**

1. Кӯдакони худро дар рӯҳияи сарватманд шудан тарбия накунед! Онҳоро чунин тарбия кунед, ки барои хушбахт шудан кӯшиш намоянд. Бинобар ин, вақте онҳо ба камол мерасанд, қадру қимати чизҳоро хоҳанд дарк кард, на балки нархи онҳоро.

2. Ғизоро ҳамчун дорӯву давои дармонбахш тановул кунед, дар акси ҳол шумо дорӯву даворо ба сифати ғизо хоҳед хӯрд.

3. Ҳар он кас ки шуморо дӯст медорад, ҳеҷ гоҳ шуморо тарк намекунад, ҳатто агар 100 сабаби тарк кардани шуморо дошта бошад ҳам. Ӯ ҳамеша як сабабе меёбад, ки шуморо тарк накунад.

4. Байни одам будану одамдӯст будан тафовут аз замин то ба осмон аст.

5. Агар шумо зуд мерафтагӣ бошед, ба танҳоӣ равед! Вале агар хоҳед, ки дур равед, ҳамроҳ биравед!"

***Тарҷумаи Наҷмиддин Салоҳиддинзода***

*Сухан гарчи бошад чу оби зулол,*
*Зи такрор хезад губори малол.* *Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Анвори дониш
№16 (298), ПАНҶШАНБЕ, 21.11.2019

# МАКТАБИ ИЛМИИ МИХАЙЛОВ ВА ШОГИРДОНИ Ӯ



Тараққиёти ҷаҳони муосирро бидуни масъулияти олимони соҳаи математика тасаввур намудан имконнопазир аст. Мазҳ, олимони математика метавонанд, навгониҳои илмро кашф намуда, онро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар амал татбиқ намоянд ва дар рушду тараққиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳмгузор бошанд.

Ҳамин тариқ, мо дар бораи се нафар профессор ва муҳаққиқоне сухан мегӯем, ки дар тараққӣ бахшидани илми математика саҳми беназир гузошта, ҳамчун муҳаққиқони оламшумул эътироф гардидаанд.

Яке аз ҳамон олимоне, ки таҳқиқотҳояш дар сатҳи ҷаҳонӣ эътибор ва нуфузи хоса пайдо намудаву асарҳои илмияш дар аксар давлатҳои дунё бо забонҳои гуногун тарҷума ва нашр гардидаанд, д.и.ф-м., профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Михайлов Леонид Григориевич-асосгузори илми математика дар Тоҷикистон оид ба "Муодилаҳои дифференсиалӣ бо нуқтаҳои сингулярӣ" мебошад, ки дар давоми фаъолияти кориаш 12 нафар доктори илм ва 29 нафар номзадҳои илмро тайёр намудааст. Соҳаи илми математика, ки академик Л.Г.Михайлов дар Тоҷикистон асос гузоштааст, дар тамоми дунё ҳамчун як соҳаи афзалиятноки илмҳои дақиқ эътироф карда мешавад.

Яке аз шогирдоне, ки устод Михайлов Л.Г. дар тайёр намудани кори доктории он роҳбарӣ намудааст, профессор Акбаров Раҳмат Акбаровичро мисол овардан мумкин аст, ки дар мавзӯи "Масъалаҳои канорӣ барои функсияҳои аналитикӣ ва аналитикии умумишуда бо сарбории аъзои озод ва шартҳои иловагӣ", ки дар ин кор масъалаҳои канории Риман, Гилберт, Газеман ва ғайраҳоро тадқиқ намуда, дар ин соҳа навигариҳоро дохил намудааст. Вай барои мактабҳои олӣ чор ҷилди китоби дарсиро бо номи "Математикаи олӣ" таълиф намуда, дар он тамоми қисмҳои таҳлили математикиро ҷой додааст ва он аз ҳамаи он китобҳое, ки дигар муаллифон бо ин ном таълиф намудаанд, ба куллӣ тафовут дорад. Ба ғайр аз ин монографияи илмие, ки вай нашр намудааст, аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Инчунин, профессор Акбаров Р.А. дар тарбияи олимони ҷавони соҳаи математика бешак саҳм гузоштаанд. Эшон баъди оне, ки курси аспирантураро ба анҷом расонида, ба Донишкадаи давлатии омӯзгории ш.Кӯлоб (ҳозира ДДК ба номи А.Рӯдакӣ) барои идомаи фаъолияти илмӣ - омӯзгорӣ баргаштанд, як гурӯҳ муҳаққиқони ҷавонро барои таҳсил дар аспирантура ба Федератсияи Руссия фиристоданд, ки А. Абдулазизов, С. Зарипов, С. Тағойназаров ва О. Ҷураев бо ёрӣ ва тавсияҳои Акбаров Р.А. ба ин даргоҳи илм шомил шуда баъдан рисолаҳои илмии худро омода ва дифоъ намуданд.

Дар даврони истиқлолият низ нақши устод Акбаров Р.А. дар тарбияи олимон-муҳаққиқони ҷавони соҳаи математика дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бориз ҳисобида мешавад.

Дар ин давра бо кумаку дастгирӣ ва тавсияҳои профессор Р.А.Акбаров дотсент Хидиров Х.С. низ дар илм қадам гузошта, муваффақияти калон ба даст овардааст. Ҳамин хел, ӯ санаи 23-юми феврали соли 2011 зери роҳбарии академик Л.Г.Михайлов бомуваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ намудааства айни замон тадқиқоти худро барои дастрас намудани дараҷаи илмии доктори илмҳои физика ва математика дар мавзӯи "Системаи муодилаҳои дифференсиалӣ бо сарбории аъзои озод ва шартҳои иловагӣ" идома дода истодааст.

Устод Р.А.Акбаров дар корҳои илмӣ-тадқиқотии қисме аз муҳаққиқони ҷавон, ба мисли Мирзоев Ҷ., Ҷураев К., Каримова Н., Тураев Қ., Кӯлобиев М. роҳбарӣ мекарданд. Аммо барои ба итмом расонидани онҳо умр бевафоӣ карду устод Р.А.Акбаров 9-уми сентябри соли 2016 ҷаҳони фониро падруд гуфтанд.

Дигар шогирде, ки мактаби математикии Л.Г.Михайловро сарбаландона гузашта, ҳамчун олими машҳури соҳаи математика дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, д.и.ф-м., профессор, академики АИ Ҷ.Тоҷикистон Нусрат Раҷабов мебошад, ки асарҳои илмияш дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфуз пайдо намуда, бо забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр гардидаанд. профессор Нусрат Раҷабов беиниҳоят олими сермаҳсул буда, тадқиқоти худро дар самте, ки Л.Г.Михайлов дар Ҷ.Тоҷикистон дар соҳаи математика асос гузоштааст, равона мекунад. Дар тӯли фаъолияти илмии худ профессор Нусрат Раҷабов чандин нафар докторон ва номзадҳои илми физика ва математикаро дар дохил ва хориҷи кишвар тарбия ва тайёр намудааст. Аз ҳама муҳимтарин нақши профессор Н.Раҷабов дар рушду такомули илми математика дар он аст, ки баъди ба итмом расонидани кори докториаш дар якчанд Шӯроҳои диссертатсионӣ ки дар самти "Муодилаҳои дифференсиалӣ" таъсис дода шуданд, ба ҳайси аъзои он Шӯроҳо пазируфта шудааст.

Имрӯз устод дар синни мубораки 80-солагӣ қарор доранд ва ҳоло ҳам барои ривоҷ додани илми математика дар самти муодилаҳои дифференсиалӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст.

Айни ҳол, профессор Н.Раҷабов Шӯрои диссертатсионии ДМТ -ро дар самти "Муодилаҳои дифференсиалӣ" роҳбарӣ карда истодааст, ки имрӯзҳо дар он олимони ҷавони соҳаи математика рисолаҳои илмӣ (докторӣ ва номзадӣ)-и худро дифоъ карда истодаанд. Шогирдони Н.Раҷабов бо ифтихор ва сарфарозӣ бо номи устоди хеш мефахранду ифтихор мекунанд ва бо як ифтихори баланд, бо як сарфарозӣ пешаи устоди хешро идома мебахшанд. Ҳамин гуна шогирдони профессор Н.Раҷабов н.и.ф-м., дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шамсудинов Файзуллоро мисол меорем, ки ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, дар тақвияти бахшидани корҳои илмии дар самти "Муодилаҳои дифференсиалӣ бо нуқтаҳои регулярӣ" саъю талошҳои беназир менамояд. Алакай дар синни ҷавонӣ Ф.Шамсудинов ҳамчун муҳаққиқи соҳаи математика эътироф гардида, тадқиқоташ дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфузу эътибори ба худ хос пайдо намудааст ва профессор Н.Раҷабов низ бо номи чунин шогирдонаш мефахраду худро дар ҳалқаи онҳо сарфароз меҳисобад.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёданд математикони бузурге, ки ба монанди академик Михайлов Л.Г. дар самти интихобнамудаи худ муваффақ гардида, самараи дилхоҳи хешро ба даст овардаанд. Дар ин қатор бо ифтихор номи муҳаққиқони барҷастаи соҳаи математика Т.Собиров, М.Илолов, Г.Ҷангибеков, М.Шабозов, З.Усмонов, М.Исҳоқӣ, А.Муртазоев, Н.Усмонов, М.Қ.Юнусӣ, Ю.Ҳасанов, Ҷ.Х.Сафаров, А.Ш.Комилов, З.Раҳмонов, А.Ҳ. Табаров, Ҷумъабой Сафаров -ро мисол овардан мумкин аст, ки тадқиқоташон нуфузу эътибори ҷаҳонӣ пайдо намуда, баъзе корҳои онҳо дар амалия татбиқ ёфта истодаанд. Олимони математика дар Ҷ.Тоҷикистон дар қатори дигар математикони дунё мақоми махсусро ишғол менамоянд. Моделсозиҳои математикӣ, ки дар тадқиқоти Юнусӣ М.Қ. дарҷ гардидаанд, дар баъзе соҳаҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи хуб дода истодаанд. Масалан, дар зиёд намудани шумораи ҳайвоноти мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистон, системаи моҳипарварӣ, идора намудани иқтисодиёти баъзе корхонаҳо ва ғайраҳо.

Барои ба эътидол овардани ҷараёни дарёҳои Тоҷикистон ва сохтани обанборҳои сунъӣ, мустаҳкамии онҳо он моделҳое, ки математикони ҳозираи тоҷик сохтаанд, аҳамияти муҳиман калон доранд. Умуман, тараққиёти Тоҷикистон ва беҳтаршавии некуаҳволии мардуми онро бе ихтироъ намудани навгониҳои илмҳои таббиию риёзӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Ҳамагон хуб медонем, ки Ҳукумати мамлакат барномаи давлатиро "Дар бораи рушди илмҳои таббиию риёзӣ дар солҳои 2010-2020" қабул намуд, ки омили асосиест, дар рушди илмҳои дақиқ ва воситаи хубест, дар амалигардони ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар.

*Яке аз шогирдоне, ки устод Михайлов Л.Г. дар тайёр намудани кори доктории он роҳбарӣ намудааст, профессор Акбаров Раҳмат Акбаровичро мисол овардан мумкин аст, ки дар мавзӯи "Масъалаҳои канорӣ барои функсияҳои аналитикӣ ва аналитикии умумишуда бо сарбории аъзои озод ва шартҳои иловагӣ", ки дар ин кор масъалаҳои канории Риман, Гилберт, Газеман ва ғайраҳоро тадқиқ намуда, дар ин соҳа навигариҳоро дохил намудааст.*

***Худойқул ХИДИРОВ , н.и.ф-м., дотсенти ДТМИ дар шаҳри Кӯлоб***
***Мирзо КӮЛОБИЕВ, ассистенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ***
***Убайдуллои АБДУСАМАД, докторант (Phd) - и курси 2, ихтисоси математика***

# ДАР КАДОМ ҲОЛАТ ИНСОН ЗУД АСАБОНӢ МЕШАВАД?

Аз рӯи мушоҳида эҳсос мекунем, ки калимаҳои ба истилоҳ "навбаромад", ки танҳо дар адабиёти илмӣ аксарашон маҳфуз буданд, имрӯз хеле серистеъмоланд. Ба мисол вожаҳои афсурдагӣ асабонӣ, ки миёни мардум "псих" ё ин ки "дипрессия" гуфта мешаванд. Ҳатто кӯдакони хурдсол бо гумони "псих" шуданашон ба қавле "алови чашм"-и мо калонсолонро гирифтаанд. Зеро дар сурати иҷро нашудани хоҳишҳояшон моро гунаҳкор мекунанд, ки "псих"-ашон кардем. Чанде пеш зимни як суҳбати онлайнӣ аз равоншиносе хоҳиш намудем, ки оид ба ин беморӣ маълумот диҳад.

"Маъмулан оқибати тарбияти нодуруст, танбалӣ, худхоҳӣ ва бадандешӣ инсонро ба ин беморӣ оварда мерасонад ва ба худкушӣ даст задани бархе шаҳодати гирифторӣ ба дипрессия аст", мегӯяд равоншинос.

- Аксарият бо надоштани иттилоъ дар хусуси ин беморӣ ба духтурон муроҷиат намекунанд ё баъзан бо нодуруст мондани ташхис аз ҷониби пизишкон мариз гирифтори дараҷаи вазнини афсурдагӣ "дипрессия" мешавад. Дар сурати сари вақт аз пайи табобат нашудан, муолиҷаи он ҳам чун дигар бемориҳо душвор мегардад. Баъзе одамон барои табобати бемориҳои рӯҳӣ ё аз духтури равоншинос маслиҳат гирифтан, худдорӣ мекунанд. Ё ин ки дар қайди пизишкони равоншинос буданро иштибоҳан "девонагӣ" маънидод мекунанд. Ҳол он ки асаби инсон бештар аз дигар узвҳои ӯ ба табобат ниёз дорад, зеро солимии ҳама узвҳои бадани мо аз асаб вобастагӣ дорад.

Ба суоли нишонаҳои ин беморӣ кадоманд, мусоҳиби мо чунин иброз дошт: "Дар марҳилаи аввал ин беморӣ сабаби паст шудани зарфияти корӣ мегардад. Дилтангӣ, асабоният, изтироб, яъсу ноумедӣ, эҳсоси гунаҳгорӣ ва норизоӣ аз худ аломатҳои ин беморӣ мебошанд. Аломатҳои физиологии ин маризӣ инҳоянд: бехобӣ, гумшавии иштиҳо, зудхасташавӣ ва дардмандшавии узвҳои бадан (ба мисоли мушакҳо, дилу меъда ва ғайраҳо)". Аксар ба он ақидаанд, ки бонувон шояд камтар ба бемориҳои равонӣ гирифтор шаванд. Чун онҳоро ҷинси латиф ном мебаранд ва занон ба мушкилоти зиндагӣ тобоваранд. Аммо вақте занмодаре аз мушкилии равониаш арз кунад, боиси хандахариши хонавода ва атрофиёнаш мегардад. Ба гуфтаи равоншиносон хавфи гирифтор шудани бонувон ба бемории афсурдагӣ ду маротиба зиёдтар мебошад. Зеро марҳилаҳои ҳайз, ҳомиладорӣ, давраи пас аз ҳомиладорӣ, безурётӣ ва климакс, инчунин нисбат ба мардҳо қувваи ками ҷисмонӣ доштанашон, яъне заифии онҳо ва чун зан зери хушунати хонаводагӣ буданашон низ сабаби дипрессия (афсурдагӣ) шуда метавонанд.

Ҳама дардро давоест, гуфтаанд. Агар шумо чунин аломатҳоро дар худ эҳсос намудед, ҳарчӣ зудтар ба духтури равоншинос муроҷиат намоед, зеро аз шикваву ибрози ҳолати равонӣ ба наздикон дида, ба табиб муроҷиат намудан, роҳи ҳалли мушкилист. Дар чунин ҳолатҳо ба беморон доруи равондармонӣ тавсия дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар баробари ташхису табобати саривақтӣ ин гуна беморон ба дастгирии равонии аҳли оила эҳтиёҷ доранд. Кафолати шифои комил аз гирифтори афсурдагӣ ин иҷрои саривақтии тавсияҳои дар боло зикргардида аст.

*Забоне, ки андар сараш мағз нест,*
*Агар дур биборад, ҳамон нағз нест. Абулқосим Фирдавсӣ*



# БАКАЛАВР МАГАР МАЪЛУМОТИ ОЛӢ НЕСТ?

## *Илҳом аз "Метафизика"-и Аристотел*



*Ислом ҒУЛОМОВ,*
**доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он**

**ОҒОЗ**

Аз замони Аристотел (384-322 пеш аз милод) дар байни файласуфон истифодаи истилоҳи "Метафизика" расм шудааст. "Метафизика" (аз юн. ta meta ta physika - он чизе ки баъди физика меояд)-методи омӯзиши ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур мебошад.

Аристотел дар зери ин мафҳум илмро номид, ки онро физика намеомӯзад, балки ҳодисаҳоеро таҳқиқ мекунад, ки дар асоси ҳодисаҳои физикӣ воқеъ ҳастанд. "Дар фалсафаи муосир метафизика ба хулосабарориҳои абстрактӣ (аз лот. abstractio - дуршавӣ, мавҳум) айниятдор дониста мешавад" (Н.И.Кондаков. Логический словарь.-М: Наука, 1971, с. 301; қайди мо И.Ғ.).

Гумон набаред, ки ман дар баёни ин материал ба асари номбурда тақлид мекунам. На, ҳеҷ гоҳ хоҳиш надорам. Маъқулам нест, ки хонандаи муҳтарам зиқ шавад, бинобар ин фикр мекунам, ки дар бораи давраи таҳсил ва рӯйдодҳои зиндагии як магистр мухтасар ҳикоя кунам. Агар мутааллимон завқи хондани қисса надошта бошанд, беҳтар мебуд, ки ба гуфтаҳо монеъ нашаванд. Дастури содаи дилам ҳамин аст!

Ба шарте пурсед, ки дар бораи кадом метаматематик сухан меронам, албатта ба Шумо намегӯям. Аммо ман ончунон саҳеҳ, ба ҳақиқат наздик ҳамаи сифатҳои метаматематик, бавижа донишандӯзиашро баён мекунам, ки Шумо хушҳол мешавед ва ба вай бо ангушт нишон медиҳед. Яқин медонам, ки Шумо дар мавридҳои зарурӣ боварӣ пайдо мекунед, ки банда дар бораи ӯ ягон калима на лабтабассум ва на озордиҳиро бофта набаровардаам. Бо вуҷуди он, лозим меояд, ки номи ӯро гӯем. Исмашро Магистр меномем, зеро дар таърих олимон бо ҳамин унвон шӯҳрат пайдо кардаанд.

**XXXX**

Падаре бохабар гашт, ки баъди соҳиб шудан ба унвони бакалавр дар мактаби олӣ хатмкунандагонро ба магистратураи хориҷи кишвар мефиристонанд ва ё дар ҳамон мактаби олӣ таҳсилро идома медиҳанд. Агар таҳсил дар хориҷ сурат гирад, ӯро бемисл иззату икром мекунанд ва дар дониши ингуна шахсон дар ҷомеа ба назари эътибор гирифта мешавад.

Падар ҳавас дошт, ки аз дигарон қафо намонад, бинобар ин барои таҳсили писараш дар магистратура бо тариқи шартномавӣ розигӣ дод.

Писар ана, мана нагуфта ду сол метаматематика хонд. Кулли назарияҳои математикӣ, ки ҳангоми омӯхтани назарияҳои формалӣ (ҳисоббарориҳо) истифода бурда мешаванд. Синоними ин истилоҳ исботи назарияҳо мебошад. Аз курс ва семенарҳои махсус мувофиқи барномаҳои тартибдодашуда ба назарияҳои исбот дар мантиқи математика, бобҳои иловагии алгебра, методҳои тадқиқотии амалҳои математикӣ, маълумотҳои ҷолиби диққат аз таҳлили математика ва ғайра бохабар гашт. Дониста гирифт, ки қисмҳои зиёди математикаи муосир - созишҳои геометрӣ, назарияи ҳисоббарориҳо бо ёрии воситаҳои метаматематика ифода мeёбанд (Э.Энгелер. Метаматематика элементарной математики.-М: Мир,1987).

Аммо чӣ мегӯед, чӣ қадаре ки нодонакак буд, ҳамон қадар зиёдтар бедонишу маърифат ба манзили зист баргашт. Ва метаматематик дар байни лофзанҳои мактаб ҷой гирифт. Акнун ӯ ҳама чизро олимона шарҳ медод ва баъзан бе такаллуф ба чашми эътибор нагирифта сафсатагӯӣ мекард. Манзили падар, маҳали зист, ҷойи кор аз ҳарзагӯйии ӯ дилтанг мешуданд. Дар бисёр ҳолатҳо танҳо кундзеҳнҳо ӯро намефаҳмиданд. Ва табиист, ки онҳо - шахсони аз дониш дур бофаҳм нашуданд.

Бесабаб нест, ки шоир дар васфи ингуна шахсон чунин изҳори ақида кардааст:

***Агар ӯ бувад нодон, дуруст аст***
***ин масал оре,***
***Ки бошад мардуми нодон адӯи***
***мардуми доно.***
***Қатрон***

Рӯзе метаматематик бо оташинӣ роҷеъ ба як масоили қадима - "шаб пеш ба амал омадаат ё рӯз" андеша ронда, дар роҳи бурида қадам мезад ва баногоҳ ба чуқурӣ афтида монд. Падар аз ҳодиса огаҳ ёфта, хавотир шуд ва саросемавор ба мадади ӯ шитофта бандеро гирифта бурд. Он замон, метаматематик дар чуқурӣ нишаста, бо сад майлу хаёл фикру андеша мекард, ки сабаби афтиданам дар чӣ бошад? Нодуруст қадам партофтаам ва ё лағжида бошам,- хулоса мекард олим.



- Не, заминҷунбӣ боиси аз ҳуш рафтанам шудааст. Муҷиби дар чуқурӣ афтиданам шояд он бошад, ки бо Замин ва ин маҷоқ ҳафт сайёра дар муносибатанд.

Ҳамин лаҳза падар расида омад.

- Ана, бандро қапида гир, - хитоб кард падар.

Ман туро кашида мегирам, аз ҷойи гиреҳи дуюм мустаҳкам дор, боз канда шуда наафтӣ!

- На, ҳоло ист, ту маро кашола накун.

Метаматематик ба сафсатагӯии навбатӣ сар кард:

- Банд худаш чӣ чиз аст?

Падар олим набуд, вале боандешаю оқилона ба саволи аблаҳонаи ӯ чунин посух гардонд:

- Банд ашёест, ки ба воситаи он шахси ба чоҳ афтидаро кашида мегиранд.

- Оё дигар воситаро фикр карда баровардан мумкин набуд? Магар ин асбоб шуд? Банд! Охир, ин оддитарин ашё - ку! - содо кард метаматематик.

- Бале ҳоло ҳозир лозим шуда мондааст, - ҷавоб дод падар.

Манфиати банд аз ҳар вақта дида баланд аст.

- Вақт чӣ ҳаст?

- Вақт чизест, ки бо аблаҳ хоҳиши онро зоеъ кардан надорам. Интизорӣ кашида ист! То дуюмбора баназдат оям, - шитобкорона гуфт падар.

Хонандаи муҳтарам! Чӣ мешавад агар лофзанҳою сафсатагӯйҳо ва монанд ба онҳо ҳамҷоя ба назди он метаматематик фиристонида шаванд!

**ХОТИМА**

Дар бораи магистр батафсил маълумоти дигарро баён кардан мумкин аст. "Магистр (аз лот. maqister - устод) дар ИМА, Англия ва дигар давлатҳои Аврупо дараҷаи дуюми академӣ ҳисоб ёфта, ба шахсони унвони бакалавр ва курси иловагии дусоларо хатмнамуда, имтиҳони махсус супорида ва диссертатсия ҳимоя кардагӣ дода мешавад" (В.Шарифов. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ - интернационалӣ. Душанбе: ЭСТ, 1987, с.178).

Мақсади асосии барномаи таълимии магистратура иҷрои кори илмӣ - тадқиқотӣ (КИТ) мебошад, ки магистрант дар давоми давраи таҳсил анҷом медиҳад. Ва он барои рушди қобилияти мустақилонаи фаъолияти эҷодии ӯ нигаронида шудааст (Низомнома оид ба КИТ дар магистратураи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, с.2017, с.1).

***Аз рӯи мушоҳидаҳо ва таҷрибаи бисёрсолаи корӣ бо магистрантон бо хулоса омадан мумкин аст, ки қисме аз онҳо барои он магистратураро интихоб кардаанд, ки бакалавр гӯё маълумоти олӣ набуда, бе унвони магистр мансабҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ишғол кардан мумкин набошад.***

Аз рӯи мушоҳидаҳо ва таҷрибаи бисёрсолаи корӣ бо магистрантон бо хулоса омадан мумкин аст, ки қисме аз онҳо барои он магистратураро интихоб кардаанд, ки бакалавр гӯё маълумоти олӣ набуда, бе унвони магистр мансабҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ишғол кардан мумкин набошад. Ва шояд ин андешаи ботил дар тафаккури онҳо ҷой гирифта бошад, ки дар раванди омӯзиши дусола магистратон худро ҳамчун муҳаққиқон, олимони минбаъда дар илми писандидаи хеш содиқу устувор намудор намесозанд, ба таҳсил дилсардонаю бепарво муносибат намуда, фаъолияти педагогӣ ва иҷрои дигар ҳунарҳоро пеша карда, аз ӯҳдаи иҷрои таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ (рисолаи магистрӣ) дар мӯҳлати муқарраргардида намебароянд. Ингуна бепарвоӣ дар оқибат ба муносибатҳои нохуби байни магистр ва роҳбари илмии он бурда мерасонад. Тадқиқи мавзӯъ, муайян кардани ҳақиқати илмии он чӣ тавр сурат мегирад он тарафаш номаълум....

Дарвоқеъ, агар олими оянда дар асл шахси дифоъкунандаи рисола дар назди аҳли илм бошад, бояд дар иҷрои мақсади худ фидокорӣ нишон диҳад.

Магистрҳо - математикҳои намоёни Русияи пеш аз Иттиҳоди Шӯравӣ баъди таҳсил дар магистратураҳои мактабҳои олии Европо ягон аспирантура (ё докторантура)-ро хатм накардаанд. Аммо онҳо ҳамчун олимони барҷастатарини олам дар соҳаҳои мухталифи математика ном баровардаанд.

**ЧАНД МИСОЛ МЕОРАМ**

Магистри донишгоҳи Харков Михаил Васильевич Остроградский (1801-1861) баъди хатм соли 1822 ба маркази шӯҳратёфтаи математикаи ҷаҳонии он замон ба Париж омад. Дар он ҷо зери роҳбарии математикҳои бузурги Фаронса Лаплас, Фуре, Пуассон, Коши ва дигарон ба масоилҳои илмии физикаи математикӣ, таҳлили математикӣ ва ғайра шиносоӣ пайдо карда бо ҷиддият машғули кори мустақилонаи илмӣ шуд. Чанд кори ӯ дар нашрияҳои АИ Париж нашр гардид. Баъди ба Русия баргаштан магистр Остроградский ҳамчун профессори ординарӣ, академики АИ Петербург ва математики барҷастаи ҷаҳонӣ ном баровард.

Қайд бояд кард, ки агар мавзӯи рисола (диссертатсия)-и магистрӣ аҳамияти баланди илмӣ дошта бошад, ба магистрант дафъатан ду диплом-дипломи магистрӣ ва доктори илмҳо дода мешавад. Масалан, математики рус Виктор Яковлевич Буняковский (1804-1889) дар донишгоҳи Париж таҳсил мекард, соли 1825 якбора ҳам рисолаи магистрӣ ва ҳам докторӣ дифоъ намудааст.

Ҳамин гуфтаҳо нисбат ба математики намоёни рус Николай Николаевич Лузин (1883-1950) низ ҷой доранд. Ҳимояи рисолаи магистрии ӯ - "Интеграл ва қаторҳои тригонометрӣ" (27 апрели соли 1916) ба тантанаи бошукӯҳи илмӣ мубаддал гашта буд. Чӣ тавре ки муаррихони математика Н.К.Бари ва В.В.Голубев қайд кардаанд (Николай Николаевич Лузин.-М: Знание, 1993, с.18) муқарризони мавзӯи магистрант профессорон Д.Ф.Егоров ва Л.К.Лахтин бартарии комили илмии онро қайд карда, ба Шӯрои факултет тавсия додаанд, ки аз дараҷаи муқаррарии магистр гузашта, ба Н.Н.Лузин унвони доктори математика дода шавад. Ин воқеаи фавқулодда дар амалияи донишгоҳҳои Русия ҳисоб меёфт ва ин анъана то ҳанӯз идома ёфта истодааст.

Ҳар сол магистрҳои зиёд донишгоҳро хатм мекунанд, вале баъди хатмкунӣ ҳеҷ гоҳ оид ба ҳалли масоилҳои илмӣ худро маълум накардаанд.

Дар факултаи физикаю математика ду-се соли охир маркази илмӣ- математикии пурқувват ташкил ёфтааст. Ба мавзӯъҳои рисолаҳои магистрӣ олимони шинохта-академикони АИ ҶТ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Нусрат Раҷабов, узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Абдулло Ҳабибулло, докторони илмҳои педагогӣ, профессорон Ғуломов Ислом ва Шарифов Ҷуъма, номзадҳои илмҳои физикаю математика, дотсентон Исроилов Сайфиддин, Ҳакимов Неъмат, Абдулазизов Абдулҳаким, Маҳмудов Туйчӣ ва дигарон роҳбарӣ мекунанд. Ин шарафи донишгоҳ аст, аммо истифодаи босамари ин неруи бузурги илмӣ аз тарафи магистрантон то ҳанӯз баракати илмӣ наовардааст.

Кош магистрҳо муносибати хешро ба илм, ҳамчун ба таҳқурсии асосии эҷодиёт тағйир дода, ҳамаи неруи ботинӣ ва рӯҳии худро бахри инкишофи он сарф мекарданд! Кошкӣ!

**БА ХОНАНДА**

Хонандаи боилтифот! Мехостам ба ин тамсил сарсухани азим навишта мақсад доштам, ки бо пуррагӣ сабабҳои ба қалам рӯи коғаз овардани онро баён намоям. Вале мулоҳиза карда ба чунин андеша омадам: Сабабҳо ҳарчанд муҳим бошанд ҳам, вале бодҳои мухолиф амал мекунанд; ба онҳо назар накун, он чизеро навис, ки ба чашми худ дида ба хаёлат меоянд. Навиштаи ту роҷеъ ба магистр тамсилро муносиб хоҳад кард, агар он аз тарафи хонандаи некхоҳ ба ситоиш сазовор дониста шавад.

*Пеша омӯз, эй писар, ки туро*
*Пеша бошад амон зи дарвешӣ.* *Муҳаммад Авфӣ*

Анвори дониш
№16 (298), ПАНҶШАНБЕ, 21.11.2019

# ИНСОНИ КОМИЛ ВА ОЛИМИ БОТАҶРИБА



*Садбарг ҒУЛОМОВА, саромӯзгори кафедраи адабиёти хориҷӣ*

***Бахшида ба 74-солагии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Корманди шоистаи Тоҷикистон Савронбӣ Раҳимова***

Орзуи ҳар як омӯзгор он аст, ки шогирдаш донишманду худогоҳ шавад ва дар ҷомеа номи ӯро баланд бардорад. Дар воқеъ муаррифии фарзандони барӯманди миллат вазифаи дастпарварон ва маҳсули заҳматҳои онҳо, ки дар ҷодаи касби хеш шахсиятҳо тарбия кардаанд, маҳсуб меёбад.

Мехоҳам аз фаъолияти бонуи зебо, модари меҳрубон, омӯзгори асил, методист, тарбиятгар, омӯзгоре, ки касбашро на ҳамчун воситаи пешбурди рӯзгузаронӣ, балки хамчун ишқ қабул кардааст, дотсент Савронбӣ Раҳимова гуфта гузарам.

Муаллимаро аз айёми донишҷӯӣ (1990-1995) чун яке аз омӯзгорони сахтгир, серталаб, ғамхору дилсӯз, ҳамчунин методисти пуртаҷриба, зани ташкилотчӣ дарёфтам. Мо, ҳамчун шогирд аз ӯ як ҷаҳон дунёи маънавиро ба худ кашф кардем. Савронбӣ Раҳимова беш аз 50 сол дар роҳи илм заҳмат кашида, ранҷ мебарад. Муаллима ҳидоятгари роҳи дурусти одамон буду ҳаст.

Устоди ботаҷриба ва олими оқилу донову сермаҳсул Савронбӣ Раҳимова таърихи 8.11.1945 дар ноҳияи Шӯрообод, дар хонадони зиёӣ таваллуд ёфтааст. Солҳои 1952-1960 дар мактаби миёнаи № 1 ноҳияи Москва (ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) таҳсил намудааст. Соли 1963 Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлобро хатм намудааст, соли 1974 баъд аз хатми факултаи забон ва адабиёти руси Институти педагогии шаҳри Кӯлоб, дар мактаби миёнаи № 1-и ноҳияи Москва ҳамчун муаллими фанни забони русӣ (1974-1978), баъдан аз соли 1978 дар вазифаҳои муаллим, муаллими калон, мудири кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР-и факултаи филологияи рус (2000-2011), Раиси Шӯрои занони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст.

Соли 2012 дар мавзӯи "Тарбияи ахлоқӣ дар дарсҳои мусоҳибавии синфҳои болоӣ" рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, соҳиби унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ гардидааст. Мудири кафедраи забони ҳозираи русро солҳои 2017-2018 ба ӯҳда дошт. Айни ҳол вазифаи раиси Шӯрои занони факултаро ба ӯҳда дорад.

Мавсуф дар иҷрои ин вазифаҳо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ нишон дода, доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар партави амру супоришҳо ва Паёмҳои сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи "Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (2010), "Қонуни миллӣ - кафолати зиндагии шоиста" (соли 2012), "Мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат" (4 июли соли 2013) дар байни ҷавондухтарон ва бонувон саҳми босазо гузорад.

Хизматҳои пурсамари ӯ бо Ифтихорномаҳои донишгоҳ, шаҳр, вилоят, идрорпулии раиси вилояти Хатлон, нишони Аълочии маориф (2012), соли 2015 ба муносибати 70-солагии донишгоҳ бо унвони Корманди Шоистаи Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

Савронбӣ Раҳимова муаллифи зиёда аз 70 мақолаҳои илмӣ-методӣ, монография-"Тарбияи ахлоқӣ дар дарсҳои мусоҳибавии синфҳои болоӣ" ва барномаҳои таълимӣ мебошад.

Бояд иброз дошт, ки зиндагии Савронбӣ Раҳимова чандин давраҳоро дар бар гирифта, пастиву баландиҳои рӯзгорро бисёр дидааст. Фарзандони барӯманд тарбия намуда, соҳиби наберагону аберагони дӯстрӯяк мебошад. Бо амри тақдир ман ҳам ба писарони муаллима Муҳиддину Муминҷон ва келинҳои ин хонадон Ҷамилаю Парвина дар донишгоҳ таълим додаам ва аз ин хеле сарфарозам, ки донишу малакае, ки аз Савронбӣ Раҳимова гирифтаам, дар қалбам рӯз аз рӯз шӯъла мезанад.



Келинҳо касби муаллимаи азизро пешаи худ гирифта, дар соҳаи маориф яке аз омӯзгорони масъулиятшинос ба ҳисоб меравад. Дар маъракаҳое, ки мо дар хонадони муаллима сарҷамъ меоем, мегӯяд, ки "Садбаргро ҳамчун як узви оилаи худ медонам". Аз ин дида барои ман суханҳои боло нест. Дар ҳақиқат, аз айёми ҷавонӣ, ки ҳамагӣ ҳаждаҳ сол доштам, муаллима куратори гурӯҳамон буд, насиҳатҳои модаронаи ӯ то ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳанд. Дар тамоми пастию баландии зиндагӣ муаллима дар канорамон буданду ҳастанд. Ман аз он ифтихор дорам, ки дар паҳлӯи омӯзгори асил кор ва фаъолият дорам. Дар яке аз дарсҳои кушод, ки аз фанни "Практикуми адабиёти рус" дар курсҳои якум доштам, муаллима Савронбӣ Раҳимовна низ иштирок карданд. Ростӣ ҳаяҷон низ маро фарогир буд. Мегуфтам, ки оё ба муаллима тарзи гузаштани дарси имрӯза маъқул мешуда бошад, ё не? Баъди итмоми дарс қариб ҳама пароканда шуда буданд, муаллима наздам омаду гуфт: "Биё як бӯсаат кунам ба ин дарси додаат!". Ин ҳам як баҳои баланд аз тарафи устод нисбат ба шогирд буд. Лаҳзае ки бо донишҷӯён ҳамсӯҳбат мешавем ва мегӯянд, ки симои муаллимаро дида, тарсу ҳаяҷон моро фаро мегирад. Вале ҳангоме ки аз наздик дар рафти дарс шинос мешавӣ, тамоман шахси дигарро мебинӣ. Муаллима бо вуҷуди сахтгиру серталаб будан бисёр шахси ҳалиму меҳрубон ва ғамхор аст. Муҳаббати мо шогирдон нисбат ба ин зан хеле зиёд аст. Лаззати дарси муаллимаро чашида, аз дарсҳояш як ҷаҳон маънӣ мегиранд. Такрор ба такрор мегӯянд: "Беҳтарин муаллима ҳаст! Мо бо ӯ ифтихор дорем!".

Ҳамкорону ҳамсолони устод, ки тамоми умр бо ӯ кору фаъолият намудаанд, қисса мекунанд, ки "…боре нашунидаанд, ки Савронбӣ Раҳимовна дар дарсаш дер мондааст ё дарсшиканӣ намудааст. Муаллима "коммунисти асил" ҳаст - гӯён шухӣ мекунанд".

Дотсент Савронбӣ Раҳимовна дар зиндагӣ хешро шахси хушбахт меҳисобад, зеро умри пурбаракати худро зоеъ нагузаронида, ба таълиму тарбияи шогирдон ва хизмат ба халқу Ватани азизи худ бахшидааст.

Имрӯз шогирдони муаллима ба ҳама мартабаҳо расидаанд, ки хушбахти муаллима ба шумор меравад. Хуш ба ҳолатон, ки шогирдонатон шогирд намондаанду устод шуда (Махфират Хидирзода Умар, Ҷумахон Назаров, Зуҳро Холиқова, Лутфия Салихова, Бунафша Кармышева, Одинамо Шарипова, Ёқуб Нурматов, Дилором Ҷумаева, Шодмон Камолов ва ғайра) дар қатори Шумо кору фаъолият доранд.

Муаллимаи азиз, Савронбӣ Раҳимовна ба синни мубораки 74-солагӣ қадам мегузоранд. Мо, шогирдон устодро ба ин санаи неки ҳаёташон сидқан муборакбод гуфта, барояшон аз даргоҳи Яздони пок тансиҳатӣ, хонаободӣ ва рӯзгори хушро орзумандем! Таманнои онро дорем, ки минбаъд ҳам дар паҳлӯи мо бошанд ва маслиҳатгару раҳнамои мо бимонанд!

***Зодрӯз муборак бошад, Савронбӣ Раҳимовнаи азиз!***

# ДАР КАДОМ ҲОЛАТ ДОНИШҶӮ АЗ ДОНИШГОҲ ХОРИҶ КАРДА МЕШАВАД?

***Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24 тасдиқ шудааст***

**НИЗОМНОМАИ**
**низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**14. ТАРТИБИ ХОРИҶ, БАРҚАРОРКУНӢ ВА ИНТИҚОЛИ ДОНИШҶӮ**

110. Донишҷӯе, ки дар як даври академӣ бесабаб дар ҳаҷми зиёда аз 36 соат ба дарсшиканӣ роҳ медиҳад, аз муассиаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

111. Донишҷӯе, ки аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос) аз се ва зиёда фанҳои таълимӣ баҳои Ғ (ғайриқаноатбахш) мегирад, аз сафи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад. Донишҷӯ баъд аз як даври академӣ (семестр) ҳуқуқи барқарор шуданро дорад.

112. Донишҷӯе, ки пас аз анҷоми триместр аз як ё ду фанҳои таълимӣ ба донишҷӯёне, ки аз яке аз қисмҳои фанҳои таълимии пайдарпайии омӯзиши онҳо хатмӣ қарздор мемонад, аз сафи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

113. Донишҷӯ дар ҳолати аз як фанни таълимӣ (фанни барои ихтисоси ӯ асосӣ) се маротиба баҳои Ғ (ғайриқаноатбахш) гирифтан, бе ҳуқуқи барқароршавӣ ба ин самт (ихтисос) хориҷ карда мешавад. Дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба дигар самт (ихтисос)-е, ки омӯзиши фанни мазкур тибқи талаботи нақшаи таълимии он асосӣ нест, барқарор шавад.

114. Донишҷӯе, ки холи умумии миёна (GPA)-и ӯ аз рӯи ҳамаи фанҳои таълимӣ баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои триместр аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи мазкур муқарраршуда паст мебошад, дар курсаш такроран монода мешавад.

115. Донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ, танҳо баъд аз гузаштани як даври академӣ ҳуқуқи барқароршавӣ дорад. Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯ то давраи хориҷшавӣ соҳиб гаштааст, ҳангоми барқарор шудани ӯ пурра ба инобат гирифта мешаванд.

116. Донишҷӯе, ки хориҷ шудааст, метавонад ба ихтисос ва курси мувофиқ дар сурате барқарор шавад, ки пеш талаботи барои ин курс ё ихтисос муқарраршуда дар транскрипт (маълумотномаи академӣ)-и ӯ дарҷ ёфта бошад;

117. Барқароркунии донишҷӯ дар як соли таҳсил дар ду давра то оғози давраи академии навбатӣ сурат мегирад.

118. Дар мавриди барқароршавии донишҷӯ ба ин ё он курс ва ё гузаштан ба дигар ихтисос ҳаҷми кредитҳои фанҳои таълимие, ки аз рӯи онҳо қарзи академӣ ё фарқият месупорад, бояд аз 18 кредит зиёд набошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муайян намудани фарқият аз фанҳои интихобии нақшаҳои таълимии кории самт (ихтисос)-ҳо мустақил аст.

119. Маркази бақайдгирӣ ва машварат дар асоси транскрипти донишҷӯ курси таҳсил ва фарқиятро аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

120. Тартиби интиқоли донишҷӯ дар дохили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (аз як шакли таҳсил ба шакли дигар, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот) ва аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси талаботи "Низомномаи хориҷ, барқарор ваинтиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" сурат мегирад.



121. Бартараф намудани кредитҳои фарқият аз рӯи нақшаҳои таълимии ихтисос (самт)-ҳои амалкунанда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми барқарор ё интиқоли донишҷӯ бе пардохти маблағ ба роҳ монда мешавад.

**15. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ**

122.Ҳангоми тартиб додани нақшаи таълимии фардии худ донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки қоидаҳои дар Низомномаи мазкур дарҷёфтаро риоя кунад:

-дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100% фанҳои ҳатмие, ки омӯзиши онҳо ба як соли таҳсил рост меояд;

-номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми 60 кредит дар як соли таҳсил.

123.Донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба теъдоди фанҳое, ки ҳаҷми умумии меҳнатталабии аззхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 60 кредитро ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ (дар давоми даври академӣ аззхуд намудани 60 кредит ва дар триместр - миқдори иловагии кредитҳо) ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз мӯҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида хатм намояд.

124.Донишҷӯи дар намуди пулакӣ таҳсилкунанда ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи имконият ва хоҳиши худ дар нақшаи таълимии фардӣ миқдори фанҳоро дар ҳаҷми аз 60 кредит камтар дарҷ намояд. Дар ин сурат мӯҳлати таҳсил намудани ӯ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба мӯҳлати таҳсиле, ки тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқаррар гардидааст, зиёд мешавад.

125.Барои донишҷӯи дар намуди ройгон таҳсилкунанда кам кардани мӯҳлати таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бе пардохти маблағ ва зиёд кардани мӯҳлати таҳсил бо пардохти маблағ иҷозат дода мешавад.

126.Дар давраи таҳсил донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда аз худ намояд.

# ҲИКОЯИ ҒАВҒО


Антон ЧЕХОВ

Машенка Павлитская, бонуи ҷавон, навхатмкардаи мактаби шабонарӯзии занона, ки дар манзили Кушкинҳо ба ҳайси муаллими хусусӣ зиндагӣ мекард, аз гаштзанӣ баргашту аз ғавғои ногаҳоние ғофилгир шуд. Дарро ба рӯйи ӯ Михайлои ходим боз кард, ки аз ҳаяҷон ҳамчун харчанг сурх шуда буд.

Аз табақаи боло садои ғавғо меомад.

"Шояд бемории хонум хуруҷ карда бошад... - андешид Машенка, - ё бо шавҳараш моҷаро карда..."

Дар даҳлезу роҳравҳо ӯ ба пешхидматон воҳӯрд. Як пешхидмат гиря мекард. Онгоҳ Машенка дид, ки аз дари ҳуҷраи ӯ худи арбоб, Николай Сергеич, хурдҷусса, ҳанӯз на солманд, бо лунҷи аз фарбеҳӣ овезону сари тос берун давид. Чеҳрааш алвонӣ буд. Саропо меларзид... Вай мутаваҷҷеҳи пешхидмат нашуда, аз бари ӯ гузашту дастҳояшро боло карда, фарёд кашид:

- Оҳ, чӣ ваҳшат! Чӣ бефаросатие! Аблаҳие! Чӣ ваҳшигӣ! Ин қадар нафратангез!

Машенка вориди ҳуҷраи худ шуд; ин дам, ӯ бори нахуст дар зиндагияш эҳсоси талхеро таҷриба кард, ки ба одамони побанду фармонбурдор ва муҳтоҷи як пора нон дар назди касони дорову номӣ ошност. Хонаи ӯро кофтуков карда буданд. Соҳибхона, Федосия Василевна - зане тануманд, шонапаҳни абрувонаш анбуҳи сиёҳ, сараш бараҳнаву чунг, бо мӯйлабҳои то ҳадде намоёну дастони сурх ва симою рафтораш шабеҳи ошпаззанҳои рустоии фақир, дар назди мизи ӯ меистод ва ашёи ӯ - калобаи пашмӣ, латтапора, ҳар гуна коғазҳоро дубора дар борхалтааш ҷобаҷо мекард... Мусалламан, зуҳури муаллими хусусӣ барои ӯ ғайричашмдошт буд, ки чун ӯро бо чеҳраи пур аз изтиробу ҳайрат дид, то ҷое такон хӯрд ва зери лаб ғурунгид:

- Pardon, ман... ман тасодуфан уфтондам... остинам дармонд...

Ва мадам Кушкина боз чӣ чизе гуфту бо домани дарозаш шир-ширкунон аз дар берун шуд. Машенка бо чашмҳои ҳайрон ҳуҷраашро аз назар гузаронду чизеро пай набурд ва надонист, ки чӣ фикре кунад, китф дарҳам кашид, аз тарсу бим сард шуд... Федосия Василевна дар борхалтаи ӯ чӣ чизе мекофт? Агар воқеъан рост гӯяд ва тасодуфан бо остинаш ҳамаро чаппа карда, пас чиро Николай Сергеич аз ҳуҷра ин гуна сурху ҳаяҷонӣ берун давид? Чиро аз мизи ӯ як ҷаъба андаке беҷо шуда? Сандуқчае, ки муаллима ба он тангаҳову маркаҳои куҳнаро мегузошт, боз буд. Онро кушодаанд, вале натавонистаанд бибанданд, қуфли ин сандуқча тамоман харош хӯрдааст. Дар ҳама ҷо - рафи китобҳову мизи корию рахти хобаш, нишонаҳое аз бозҷӯии тоза бармало буд. Ва дар сабади либоси таг ҳам. Ин либосҳо муназзам гузошта шуда буданд, аммо на ба он назокате ки Машенка худ пеш аз берун рафтан гузошта буд. Пас, кофтукоф будааст бо тамоми маънӣ, кофтукови мӯшикофона аз сар то таҳ, аммо ба чӣ мақсад, чиро? Чӣ ҳодисае рух дода бошад? Машенка таҳлукаи ходиму он ғавғоеро, ки ҳанӯз давом дорад ва пешхидмати гирёнро ба ёд овард; оё ин ҳама бо кофтукове, ки нав дар ҳуҷраи ӯ анҷом шудааст, рабте дорад? Мабодо ӯро ба кадом як кори мудҳиш шарик накарда бошанд? Ранги рӯи Машенка париду дар вуҷудуаш хунукӣ дамид ва рӯйи сабади либос нишаст.

Ба ҳуҷра пешихидмат даромад.

- Лиза, шумо намедонед, ки чиро ин... ҳуҷраи маро кофтуков кардаанд? - пурсид муаллима.

- Зевари арбобхонум, гули гиребони дуҳазоррублии ӯ, гум шудааст... - гуфт Лиза.

- Хуб, аммо кофтукови ҳуҷраи ман чиро?

- Ҳамаро, бонуи ман, баррасӣ карданд. Ва маро ҳам куллан ҷустанд... Яксара ҳамаамонро бараҳна карданд, сар то пой ва кофтанд... Аммо банда, бонуи ман, Худо шоҳид... На ин ки зевари онҳо, ҳатто ба ороишҳояшон наздик нашудаам. Ва ба пулис ҳам чунин мегӯям.

- Вале... кофтуков дар ҳуҷраи ман чиро? - ҳамоно таъаҷҷуб мекард муаллима.

- Гуфтам ки, гули гиребонро дуздидаанд... Хонум худ ба дасти худ ҳама ҷоро ҷустуҷӯ кард. Ҳатто Михайлои ходимро бозҷустанд. Тамоман русвоӣ! Николай Сергеич фақат тамошо мекунаду қуд-қуд мекунад, чун мокиён. Аммо, шумо, бонуи ман, беҳуда метарсед. Аз ҷиҳозатон чизе наёфтанд! Агар ин орояро шумо нагирифта бошед, пас набояд нигарон шуд.

- Охир Лиза, ин хабосат... тавҳиномез аст! - гуфт Машенка, аз хашм нафасгир шуда. - Ин разолатест, пастист! Чӣ ҳақ дорад аз ман гумонбар шавад ва ашёи маро такорӯ кунад?

- Дар хонаи бегона зиндагӣ мекунед, бонуи ман, - оҳ кашид Лиза. - Агарчи шумо ашрофзодаед, аммо ин ҷо... гӯё ки як чокар... На он тавр аст, ки манзили падар ё модар бошад...

Машенка ба бистар уфтоду талх гирист. Ҳич гоҳ бар ӯ ин гуна зӯрнамоӣ накарда буданд ва ҳич гоҳ ҳам ӯ чунин таҳқирро надида буд, ки ҳоло мебинад... Ӯро - як дӯшизаи нектарбиядидаву фарҳехта, духтари омӯзгоре - ба дуздӣ гумонбар шуданд, ҳамчун зани бероҳа бозрасияш кардаанд! Таҳқире болотар аз инро, шояд, тасаввур натавон кард! Ӯро, бар иловаи ин эҳсоси ранҷиш, боз тарси вазнине дӯшбор шуд: баъдан чӣ хоҳад шуд!? Ҳаройина сари Машенкаро хаёлоти ботил гиҷ мекард. Чун ӯро ба дуздӣ гумонбар шудаанд, он гоҳ, ҳамин тавр, метавонанд боздошташ кунанд, пӯшокашро бадар ва бараҳна кофтуковаш кунанд, сипас пешопеши нигаҳбонҳо аз кӯча бибаранд, дар утоқаки торику хунуки пур аз мушу кана бишинонанд, дақиқан ба ҷое, ки шоҳдухт Тараканова нишаста буд. Он гоҳ кӣ ӯро пуштибон хоҳад шуд? Волидайнаш дар музофотҳои дуранд; барои назди ӯ омадан пуле надоранд. Дар пойтахт ӯ танҳост, чун дар саҳрое бе кас, бидуни пайвандону ошноён. Бо ӯ ҳар чӣ хоҳанд, мекунанд.

"Назди додрасҳову вакилмудофеъҳо меравам... - меларзиду меандешид Машенка. - ба онҳо мефаҳмонам, савганд мехурам... Боварам хоҳанд кард, ки ман набояд дузд бошам!"

Машенка ба ёд овард, ки дар сабади ӯ, зери малофаҳо, ширинӣ ҳаст, ки вай бо одати деринаи донишҷӯӣ, дар ҷайб пинҳон мекарду ба ҳуҷрааш меовард. Андешаи он ки ин рози кучак ҳоло пеши арбобон боз шуда, ӯро музтариб кард, хиҷолат кашид, ва аз ин ҳама тарсу шарму озорҳо, қалбаш шадидан ба тапиш омад, ки ба чаккаи рухсораҳо, дар дастони ӯ то умқи шикамаш асар мегузошт.

- Хӯроки чошт, марҳамат! - даъват карданд Машенкаро.

"Биравад ё не?"

Машенка мӯяшро ба тартиб овард, рӯяшро бо даспокуни тар пок кард ва ба ошхона омад. Он ҷо хӯрок мехӯрданд... Аз як сӯи миз Федосия Василевна нишаста буд - муваққар, бо чеҳраи кареҳи ҷиддӣ, аз сӯи дигар - Николай Сергеич. Дар ду бари миз меҳмонон менишастанду кӯдакон. Ду хидматгор, ба бар пешдоману дар дастон датпӯши сафед, таъом медоданд. Ҳама медонистанд, ки дар хона нороҳатиест, арбобхонум гирифтори ғам, аз ин рӯ сокит буданд. Танҳо фаш-фаш хӯрдану тақ-тақ ба ҳам задани қошуқу лаълӣ шунида мешуд.

Суҳбатро арбобхонум худ шуруъ кард.

- Ғизои сеюм чӣ бошад? - пурсид ӯ аз пешхидмат бо садои нохушу маҳзун.

- Эстуржон а ля рюсс! (фаронса. гӯшти тосмоҳӣ ба тарзи русӣ - тарҷумон) - посух дод хидматгор.

- Ин фармудаи ман, Феня... - гуфт Николай Сергеич дастпоча шуда. Дилам моҳӣ кашид. Агар хушат наояд, ma ch?re (азизи ман), бигзор наёранд. Ман, ки ҳамин тавр... ҳавас кардам...

Федосия Василевна ғизоеро, ки худ нафармудааст, дӯст намедошт, акнун чашмонаш пур аз ашк шуданд.

- Хуб, нороҳат намешавем, - гуфт бо малоҳату чоплӯсӣ Мамикуф, пизишки хонаводагии хонум ва бо нармӣ дастони ӯро навозиш карду низ ширин табассум намуд.

- Мо бе ин ҳам ба қадри кофӣ асабонӣ ҳастем. Зеварро фаромуш мекунем. Тани сиҳат - қиматтар аз ду ҳазор рубл!

- Ғуссаи ман барои ду ҳазор нест! - посух дод арбобхонум ва ашке бузург ба рухсораш чакид. -Аз ин ҳодиса ошуфтаам! Ман дар хонаам таҳаммули дуздонро надорам. Ҷойи дареғ нест, ба ҳич чизам афсус намехурам, аммо дуздидани моли ман - ин як намакбаҳаромист! Дар ивази эҳсон чунин посух медиҳанд...

Чашми ҳама ба косаҳояш буд, аммо ба назари Машенка намуд, ки пас аз суханони арбобхонум дигарон ӯро нигаҳ доранд. Якбора дар гулӯяш ҳаяҷон уқда зад ва гирён шуду дастмолро ба рӯяш пахш кард.

- Pardon, - зери лаб гуфт ӯ. - Дигар наметавонам. Сарам дард дорад. Меравам.

Ва ӯ аз сари миз бархост, курсиро ба тарзи ногувор канор гузошт ва бештар ошуфта гашту зуд берун шуд.

- Ба Худо ки хуб нест! - ба гап даромад Николай Сергеич, абрӯ дарҳам кашида.

- Кофтукови хонаи ӯ чӣ зарур буд? Як коре, ба Худо... бемаврид.

- Ман намегӯям, ки гули гиребонро ӯ гирифтааст, - гуфт Федосия Василевна, - аммо ту оё метавонӣ зомини ӯ шавӣ? Ман, ростӣ, ба ин уламои бенаво чандон эътимод надорам.

- Валлоҳ, Фения, номуносиб буд... Бибахш маро, Фения, мувофиқи қонун ҳақ надорӣ, ки касеро кофтуков кунӣ.

- Ман қонунҳои шуморо намедонам. Ҳаминро медонам, ки зеварам гум шудааст, вассалом. Ва онро пайдо хоҳам кард! - вай шохаро ба лаълӣ зад ва чашмонаш аз ғазаб дурахшиданд. - Шумо бихуред ва коре ба кори ман надошта бошед!

Николай Сергеич бечораҳолона чашм пойин карду оҳе кашид. Машенка, дар зимн, ба ҳуҷраи худ омада, рӯйи бистар уфтод. Ӯ дигар эҳсоси изтиробу шарм намекард, аммо дар вуҷудаш ангезаи қавие буруз карда буд, ки бираваду бар рӯйи ин зани бераҳм, ҷаррору кавдану комёб шаппотӣ бизанад.

Вай дароз кашида, болишт андар рӯяш, нафас мекашиду орзуи онро мекард, ки чӣ хуб буд, агар бираваду гаронтарин гули пираҳане бихарад ва онро ба рӯйи ин зани худсар бизанад. Ба хости Худо, чӣ хуб буд, ки агар Федосия Василевна бенавою дар ба дар гадоӣ мегашт ва тамоми ваҳшати камбағалию вазъи ноҳинҷорро мефаҳмид ва он гоҳ Машенкаи таҳқирдида ба ӯ хайр мекард! Оваҳ, агар мероси ҳангуфте ба дасташ мерасид, аробае мехариду аз бари тирезааш бо ҳаёҳу меронд, то ки ӯ рашк мебурд!

Аммо инҳо ҳама аз орзуҳо буданд, дар амал танҳо як роҳ буду бас - ҳар чӣ зудтар рафтану соъате ин ҷо намондан. Ростӣ, маҳрум шудан аз ҷое, боз рафтан ба назди волидайни фақир ваҳшат аст, аммо дигар чӣ чора? Машенка акнун тобу тоқати дидори хонуму ҳуҷраи хурди худро надошт, ин ҷо барояш нафасгиру мусибатбор буд. Федосия Василевна, ин васвоси иллатҳою ашрофманишиҳои дурӯғини худ, ӯро ба ҳадде безор карда буд, ки ба назараш гӯиё дар олам ҳама чиз хушунатбору бадманзар шудааст ва маҳз барои он ки ин зан дар он зиндагӣ мекунад. Машенка аз ҷо барҷасту шуруъ кард ба тайёрии сафар.

- Иҷоза ҳаст? - аз паси дар пурсид Николай Сергеич; ӯ ноаён пеши дар омада буд, пасту нарм мегуфт. - Иҷоза?

- Бифармоед, марҳамат.

Ӯ ворид шуду дар пойгаҳ истод. Чашмонаш камнур буданд, бинии сурхаш ҷило медод. Баъди чошт оби ҷав нӯшида буд, ки аз пойпартоию дастони заъифу шуллаш аён буд.

-Ин чӣ аст боз? - пурсид ӯ ба бори сафар ишора карда.

- Чизҳоямро ҷамъ меоварам. Маро бибахшед, Николай Сергеич, дигар наметавонам, ки ин ҷо бимонам. Ин бозрасӣ амиқан маро таҳқир кард!

- Ман мефаҳмам... Аммо шумо беҳуда озим мешавед... Чиро? Баррасӣ шуд ҳуҷраи шумо, аммо шумо аз он ки... аз ин шуморо чӣ коҳид?

Машенка хомуш буд ва чизҳояшро ҷамъ мекард. Николай Сергеич буруташро бо лабҳояш фишор дода, гӯиё меандешид, ки боз чӣ бигӯяд, бо чоплӯсӣ суханашро давом дод:

- Ман, албатта дарк мекунам, аммо шумо бояд богузашту хатобахш бошед. Медонед, ҳамсари ман асабонӣ, якрав аст, набояд ӯро ин гуна маломат кард...

Машенка ҳарфе намезад.

- Агар шумо ин гуна таҳқир шудаед, - давом дод Николай Сергеич, - пас, ман ҳозирам, луфтан дар баробари шумо пӯзиш талабам. Маъзарат мехоҳем.

Машенка посухе надод, фақат болои чамадони худ хам шуд. Ин сиришти фартуту беҳамият дар ин манзил қадру манзилате надошт. Вай бозигари нақши ғамангези як резахӯру туфайлие ҳатто дар баробари хидматгорон буд; ва узраш низ арзише надошт.

- Ҳмм... Хомушед? Бароятон нокофист? Дар ин ҳол ман аз ҷониби занам узрхоҳӣ мекунам. Аз номи занам... Вай бемулҳазагӣ кард, ман иқрор мешавам, ҳамчун ашроф...

Николай Сергеич дар ҳуҷра чанд қадам зад, оҳе кашид ва давом дод:

- Яъне, шумо боз мехоҳед, ки ин ҷо, зери қалбам, ба дард ояд... Мехоҳед, ки азоби виҷдон кашам...

- Ман медонам, Николай Сергеич, шумо гуноҳе надоред, - гуфт Машенка, бо чашмони бузурги ашколуд рост ба рӯйи ӯ нигариста. - Чиро шумо азият мекашед?

- Албатта... Аммо ба ҳар ҳол... аз ин ҷо наравед... Хоҳиш мекунам.

Машенка бо аломати радд сар ҷунбонд. Николай Сергеич назди тиреза истоду ба шишаи он ангушт задан гирифт.

- Ин гуна моҷароҳо барои ман азоби маҳз аст, - гуфт ӯ. - Ҳоло чӣ кунам, пешатон ба зону занам? Ба иззати нафси шумо расиданд ва шумо, инак, гиря ҳам кардед; мехоҳед ки биравед; бинед, ман низ обурӯ дорам, аммо шумо гузаште намекунед. Ё мехоҳед, ба шумо чизеро гӯям, ки ҳатто дар дуъову талаби омурзиш дар ибодатгоҳ намегӯям? Мехоҳед? Гӯш кунед, шумо мехоҳед, ки ман аз оне иқрор шавам, ки ҳатто пеш аз маргам дар назди кашиш ба забон намеоварам?

Машенка лаб фурӯ баста буд.

- Ман ин зевари занамро гирифтам! - зуд гуфт Николай Сергеич. - Ҳоло чӣ? Қонеъ шудед? Бале, ман... гирифтам... Фақат, албатта, ман ба тавозуъи шумо итминон мекунам... Аз барои Худо, ба касе лаб накушоед, ҳатто як зарра ишора ҳам накунед!

Машенка, тааҷҷубзадаву ҳаросон, ҷамъугири колоҳояшро давом медод; даст ба бисоти худ мезад, онҳоро мепечонду берабту осема дар борхалтаву чамадон мениҳод. Акнун, пас аз иқрори ошкорои Николай Сергеич, ӯ дигар наметавонист дақиқае диранг кунад ва дар тасаввураш намегунҷид, ки то ҳол ӯ чӣ гуна дар ин манзил таҳаммул кардааст.

- Таъаҷҷуб ҳам надорад... - давом дод Николай Сергеич, каме сукут карда. - Як моҷарои маъмулист! Ман ба пул иҳтиёҷ дорам, аммо вай... намедиҳад. Охир ин хонаву ин ҳама милку мол аз падари ман аст, Мария Андреевна! Ва ин ҳама мутааллиқ ба ман ва гули гиребон ҳам аз модари ман, ҳама... ҳама моли мананд! Инҳоро ин зан гирифт, аз они худ кард... Қабулам кунед, намешавад, бо ӯ дар додгоҳ кашокаш кард... Аз шумо хоҳиши самимона, ки моро бибахшед ва ҳаминҷо... бимонед... Мемонед?

- Не! - гуфт Машенка қотеъона, ки вуҷудаш ба ларза омада буд. - Илтимос, маро ба ҳоли худ гузоред

- Хуб, Худо баракат диҳадтон, - оҳ кашид Николай Сергеич, болои курсичаи назди чамадон нишаста. - Ман, ростӣ, онҳоеро ки метавонанд таҳқиру озор ва амсоли инро эҳсос кунанд, дӯст медорам. Метавонам, солҳо нишаста, чеҳраи аз қаҳр афрухтаи шуморо тамошо кунам... Хуб, яъне, ин ҷо мондан намехоҳед? Мефаҳмам шуморо... Ангезаи дигарро намешуд интизор дошт... Оре... Хуш ба ҳоли шумо, аммо мебинед, ки ман - аз ин мондаву аз он рондa!.. Аз ин таҳхона наметавонам як қадам берун равам. Намешавад ба ягон милки худ сар задан, он ҷо ҳам ин занҳои хабис нишастаанд... раис, агроном, бало занад инҳоро. Ба гарав мемонанду раҳн мегиранд ва боз дубора гарав мемонанд. Моҳӣ шикор накун, алаф поймол нашавад, дарахтҳоро набишкан.

- Николай Сергеич! - аз толор садои Федосия Василевна омад. - Агния, арбобро фарёд кун!

- Пас намехоҳед бимонед? - пурсид Николай Сергеич, зуд аз ҷой хеставу ҷониби дар рафта. - Ба Худо, кошке ки мемондед. Бегоҳиҳо наздатон меомадам... суҳбат мекардем. Ҳо? Бимонед! Шумо ки меравед, дигар дар ин хона касе намемонад, ки симои инсонӣ дошта бошад. Воқеъан як ваҳшат аст!

Чеҳраи заҳиру пажмурдаи Николай Сергеич тавалло дошт, аммо Машенка бо нишонаи радд сар меҷунбонд; ӯ даст афшонду берун шуд.

Пас аз ним соъат духтарак дар роҳ буд.

1883

***Баргардони О. Шакурзода,***
***28.08.2019, ш. Душанбе***

*Наяндешӣ аввал чу дар пешаҳо,*
*Саранҷоме пеш ояд андешаҳо.* *Хусрави Деҳлавӣ*

Анвори дониш
№16 (298), ПАНҶШАНБЕ, 21.11.2019

## ДАСТОВАРДҲОИ ИХТИРОЪКОРОН ДАР ОЗМУНҲО

Бо сарпарастии Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон", БРСММ Тоҷикистон, "КМР", "ORZUlab" санаи 28.09.2019 озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "КОНКУРС СТАРТАП Tech Central Asia Weekend в Душанбе" дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, ки аз донишгоҳ 7 нафар лоиҳанавис бо лоиҳаҳои худ дар озмуни сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, аз миёни 80 нафар иштирокчии озмун Сайфудинов Ф.Ш., сардори МИҶ ва Назаров А.А., донишҷӯи соли 5-уми факултаи физика ва математика дар баробари 10 лоиҳаи беҳтарини инноватсионӣ аз Тоҷикистон ба даври ниҳоии озмун, ки дар давлати Қазоқистон дар сатҳи байналмилалӣ баргузор мегардад, роҳхат гирифтанд, ки ин ҳам обрӯ ва нуфузи донишгоҳро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баланд мегардонад.



Санаи 25.10.2019 дар шаҳри Конибодом, озмуни ҷумҳуриявии "STARTUP CHOIHONA X" баргузор гардад, ки мақсади асосии озмун дарёфти истеъдодҳо, дастгирии ҷавонони лаёқатманд, дар амал тадбиқ намудани идеяҳои нав дар самти бизнес-идея мебошад. Озмунро Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон", БРСММ Тоҷикистон, "КМР", "ORZUlab" сарпарастӣ менамуданд. Дар ин озмун дилхоҳ нафар навобаста аз ихтисос, касбият ва синну сол ҳуқуқи иштирок карданро доштанд. Аз ин рӯ, иштирокчиён хеле зиёд буданд. Аз донишгоҳ як гурӯҳ кормандон ва волонтиёрони Маркази истедодҳои ҷавон, аз он ҷумла: Сайфудинов Ф.Ш., сардори Маркази истедодҳои ҷавон, Назаров Аминҷон, мутахассиси маркази истедодҳои ҷавон, Турахонов Умархон, донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, Ҷабаров Раҷабалӣ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география, Алишери Хайрулло, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география, Ҳасанов Ҳикматулло, донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика, Давлатов Умедҷон, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география иштирок намуданд. Тибқи низомномаи озмун барои 3 ҷои аввал, 3 ҷои дуюм ва 3 ҷои сеюм туҳфаҳои хотиравӣ ва маблағҳои пулӣ муайян гардида буд.

Бо қарори комиссияи озмунӣ Назаров А.А. бо лоиҳаи "Сехи истеҳсоли мошинаҳои ғаллатозакуни АгроTaj" ҷои якум, Сайфудинов Ф.Ш. бо лоиҳаи "Кушодани корхона дар шаҳри Кӯлоб бо номи Evrika.92s" ҷои дуюм, Алишери Хайрулло бо лоиҳаи "VR-motion" ҷои сеюм, Ҳасанов Ҳ. бо лоиҳаи "Workfind.tj" ҷои сеюмро сазовор гардиданд. Боқимонда иштирокчиён бо сертификати озмун қадрдонӣ гардиданд.

## ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯ



Рӯзи 29-уми октябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии "Пешвои миллат ва эҳёи тамаддуни тоҷикон" баргузор гардид, ки дар он номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори факултаи филологияи рус Шарипова Одинамо иштирок ва суханронӣ намуда, барои иштироки фаъолона ва маърӯзаи пурмӯҳтаво бо сипосномаи ҳайати тадорукот сарфароз гардонида шуд.

## СИПОСНОМА АЗ КОНФЕРЕНСИЯ

Таърихи 15-уми октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Бохтар бо ташаббуси Раёсати кор бо занон ва оилаи вилоят конференсияи илмӣ таҳти унвони "Квотаи Президентӣ ва нақши он дар татбиқи сиёсати гендерӣ" бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳӯрии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи факултаи филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Барфакзода Фазилатмо иштирок ва суханронӣ намуда, барои иштироки фаъолонааш бо сипосномаи ҳайати тадорукот сарфароз гардонида шуд.



## АЗ РӮЗНОМА

Ба таваҷҷӯҳи донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ расонида мешавад, ки рӯзномаи "Анвори дониш" мақолаҳои хонданбобро ҳамеша чоп мекунад. Воридшавии мақолаҳо ба идораи рӯзнома хеле зиёд буда, мо имкони ба якборагӣ нашри ҳамаи онҳоро надорем.

Аз ин рӯ, агар мақолаи шумо дар ин шумора чоп нашуд, пас, ҳатман дар шумораҳои оянда нашр хоҳад гардид.

***Аҳли эҷоди рӯзномаи "Анвори дониш"***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 4-уми факултаи омӯзгорӣ (шуъбаи рӯзона) Замираи Давлатмурод додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

## КОНФЕРЕНСИЯ: САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ИЛМИ МУОСИР

Санаи 15.11.2019 бо ташаббуси Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD дар мавзӯи "Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди илми муосир, маориф ва низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардид.



Конференсияи мазкур дар 3 бахш: илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ, илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, илмҳои иқтисодӣ тӯли 1 рӯз идома ёфт. Теъдоди маърӯзаҳои ба конференсия пешниҳодшуда наздики 60 ададро ташкил медод, ки ҳар як маърӯза дар бахшҳо шунида шуда, мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ҷамъбасти конференсия 12 нафар магистрантону докторантони PhD, ки маърӯзаҳояшон аз ҷониби роҳбарони бахш беҳтарин арзёбӣ гардида буданд, бо ифтихорномаҳои раёсати донишгоҳ қадрдонӣ шуданд.

## ЭЪЛОН: ТРЕНЕР ОИД БА РУШДИ МАЛАКАҲОИ БА КОР ТАЪМИНШАВӢ

Аз соли 2016 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ"-ро, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешавад, татбиқ мекунад. Ҳадафи лоиҳа таҳия кардани механизмҳое мебошад, ки ба беҳтарсозӣ ва назорати сифат ва мутобиқати маълумоти олӣ барои бозори меҳнати Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар доираи лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ" лоиҳаи "Баланд бардоштани малакаҳои ба кор таъмикунии духтарони курсҳои болоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ"-ро тадбиқ намуда истодааст. Ҳадафи асосии лоиҳа баланд бардоштани малакаҳои ба кор таъмин гардидани духтарони курсҳои болоии донишгоҳ тавассути баргузор намудани силсилаи тренингҳо ва давраҳои омӯзишӣ дар самти ба кор таъминкунӣ дар асоси таҳияи дастури методӣ, ҳамчун ба роҳ мондани истифодаи механизми роҳбарӣ ва такмил додани маркази рушди касбияти донишгоҳ мебошад.

Тибқи нақшаи тадбиқи лоиҳа тренеринг барои тренерон оид ба рушди малакаҳои ба кор таъминшавӣ (трудоустройство) барои донишҷӯдухтарони курсҳои болоӣ баргузор карда мешавад. Дар ин хусус, барои қабули тернер барои тайёр кардани тренерон оид ба рушди малакаҳои ба кор таъминшавӣ (трудоустройство) озмун эълон карда мешавад.

**Ҳаҷми кор:**

1. Баргузор намудани тренинг оид ба волонтерӣ;
2. Баргузор намудани тренинг оид ба малакаи сарварӣ (лидерство);
3. Баргузор намудани тренинг оид ба тайёр кардани тренер (ToT тренинг);
4. Дар донишҷӯён рушди маллакаҳои корёбӣ:

**Нақша оид ба ҷустуҷӯи кор;**

-Гузоштани мақсад;

-Боварӣ ба худ. Асосҳои идоракунии эҳсосот;

-Нест намудани тарс ва бедор намудани боварӣ ба муваффақият;

2. Омӯзиши идора намудани рафтору кирдори шахсӣ дар рафти кор:

**Усулҳои мубориза бо стресс;**

-Пешгирии стресс ҳангоми ҷустуҷӯи кор;

-Низоъҳо (конфликт) ва роҳҳои ҳалли онҳо;

-Малакаҳои муошират (дархостҳо, радкунӣ, талабот);

-Асосҳои идоракунии вақт;

3. Омӯзиши тарзҳои омода намудани CV, навиштина мактуби хавасмандӣ (мот. письмо), омода намудани донишҷӯён ба мусоҳибаи корӣ.

**Талабот нисбати мутахассис:**

-Маълумоти олӣ;

-Фаъолияти корӣ дар самти ба кор таъминшавӣ (трудоустройство);

-Малакаи тренерӣ доштан;

-Доштани таҷрибаи тренерӣ на кам аз 2 сол;

-Собиқаи кории на кам аз 2 сол дар самти таълим;

-Дорои қобилияти кор бо компютер;

-Донистани забони русӣ.

Фаъолияти тренер давоми 7 рӯз сурат мегирад. Ба кор 2 нафар тренерон ҷалб карда мешаванд. Хоҳишмандон метавонанд CV (тарҷумаи ҳол) - и худро то санаи 28.11.2019 ба почтаи электронии mrki@kgu.tj ё ба бинои маъмурии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, ошёнаи 2, утоқи №200 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намоянд. Барои маълумоти бештар ба рақамҳои (+992 83322) 23677 муроҷиат намоед.

## "ДОНИШҶӮИ СОЛ - 2019" ДАР ХАТЛОН



Бедил Шарипов

Моҳи октябри соли ҷорӣ дар Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон озмуни "Донишҷӯи сол" ба анҷом расид. Тибқи натиҷаҳо Лутфулло Умаров - донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара бо гирифтани 60 хол сазовори унвони "Донишҷӯи сол" дониста шуд.

Дар озмуни мазкур донишҷӯён аз Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи тиббии Хатлон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи технология, менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, коллеҷҳои тиббию омӯзгории вилоят иштирок намуданд.

Дар озмуни мазкур, сатҳи забондонӣ, донистани техника ва технологияи муосир ва маҳорати эҷодию суханварии довталабон аз ҷониби аъзои ҳакамон санҷида шуда, натиҷагирӣ гардид.

Донишҷӯён Лутфулло Умаров, Бедил Шарипов, донишҷӯи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва Раҳимҷон Раҳимов аз ҷумлаи беҳтаринҳо дониста шуда, Лутфулло Умаров - донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара бо гирифтани 60 хол сазовори унвони "Донишҷӯи сол" гардид.

Дар охир, ба тамоми иштирокчиён Сипосномаи Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон тақдим карда шуд.

# ПРЕЗИДЕНТИ МАН

**ТАОРУФ НЕ, БО АМРИ ДИЛ**

Ҳарчанд ҳамчун журналист, борҳо аз ин президентҳо иқтибос овардаам, ҷонибдории худро аз сиёсатҳояшон дар матлабам навиштаам, интиқодашон ҳам кардаам, вале бори аввал аст, ки матлаби алоҳидае менависам, ки маҳсули мушоҳида ва дидаҳоям тӯли солҳои 1995 ба ин ҷониб аст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки бори чорум дар интихоботҳо ба номзад - Эмомалӣ Раҳмон овоз додаам, яъне ӯ Президенти интихобкардаи ман аст, вале дар ҳукумати ӯ ман аз шумули маҳбубҳо не, баръакс аз мунтақидон муаррифӣ мегардам, зеро ба касе лозим буд, чунин муътақидаш гардонидаанд.

Ҳеҷ гоҳе бо ғараз наменависам, журналистикаро ба тамоми принсипҳояш дӯст медорам ва онҳоро риоя мекунам. Касе аз танқидҳои мунсифонаи ман дигар хулосаҳо мебарорад ё моҳияти онҳоро намефаҳмад, мушкили ӯст, на аз ман.

Мухолифини Президент чи дар дохил ва чи берун аз он ҳар як навиштаеро дар бораи ӯ тамаллуқ ва ё ғараз мешуморанд. Зеро, воқеан тамаллуқҳои зиёдеро ҳам тӯли ин солҳо барояш кардаанду гуфтаанд, ки бархеаш аз ғараз орӣ набуданд.

Ин сатрҳоро ман дар замоне рӯйи коғаз меорам, ки синнам аз мансабталошӣ гузаштаву ба ҳайси як бознишастаам. Ва чун журналист, он чиро менависам, ки худам мехоҳам. То имрӯз нанавиштам, вале имрӯз бо дидани вазъи дигар кишварҳо, хоса ҳаёти пурмоҷарои сиёсии давр собитам шуд, ки дар замони чи Сарваре мезистем ва инак менависам аз гуфтаву ногуфтаҳо, аз амалҳои мондагораш.

* * *

Портрети ин шахсияти бузурги замони мо дар мақолаву китобҳо, шеъру достонҳо, хабару андешаҳо ва садҳо маводи таҳлилию тадқиқотӣ фаровон аст, ки ман бо усуливу назарӣ инъикос ёфтаву душвор аст, чизи наве гуфтан. Аммо тасмими ман ин аст, ки он чиро инъикос намоям, ки диди ман аст, чеҳраи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ тарҳҳои стратегӣ, амалҳои гуманистӣ ва ахиран, симои инсонии ӯро мехоҳам аз нигоҳи хеш тасвир созам. Бале, танҳо мушоҳидаҳои инфиродӣ ва бардоштҳои шахсӣ аз фаъолияти як Сарвар аз Пешвои миллат, аз қаҳрамоне ба унвони сулҳофару сулҳовари мо, аз Пешвое, ки як давлати кӯчакеро дар харитаи ҷаҳон бо номи бузурги Тоҷикистон дар ҷаҳон машҳуру шинохта карда тавонист.

Зеро ҳатто дар 70 соли Шӯравӣ аз Душанбе берун, моро чун як миллат ё давлат намешинохтанд. Соли 1978 мо, донишҷӯёни тоҷик, дар Латвия ба ҳар як ҳамсуҳбатамон ба зӯр мефаҳмонидем, ки Душанбе ин Ӯзбекистон не, Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ аз рӯи принсипи ё ҳақиқатро бояд гуфт ё хомӯш бояд буд, ин тасмими ман дар ҷашни "Рӯзи Президент" рӯи кор омад.

Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳамин рӯзҳо чанд "ходимак"-и ватанфурӯше, ки аъзои як ҷамъияти террористианд ва акнун танҳо бо ҷосӯсӣ метавонанд, як луқмае ёбанд, бо пуррӯйии бесобиқа бо унвони "тоҷик" дар Аврупо аз "диктатор" будани Президенти мо чор мезананду беҳаёона навори кӯдаки дар рӯҳияи хашму ғазабу терроризм тарбиякардаашонро бо амалҳои носипосона ва камоли беадабӣ дар интернет ба маърази ом мегузоранд. Чӣ носипосие! Яъне бубинед, мо ки "демокрусӣ" мехоҳем, вале чи насле ба воя мерасонем, бе тарбия ва беадаб". Мо қудрат мехоҳем, вале бо иловаи донишҷӯёну ҳамсарону тифлаконамон ҳамагӣ 20 нафарем.

Ва дар ин ҳоле ки, агар чанд номарди фосиқ даъвои ҳукумат мекунанд, ба ӯ аз тариқи шабакаҳои интернетӣ тӯҳмат мезананд, чаро ман аз марде, ки тоҷикро аз нав эҳё карду бо тамоми шаҳоматаш дар ҷаҳон муаррифӣ сохт, нанависам? Менависам ва бо амри дил!

Ва бо ифтихор мегӯям Эмомалӣ Раҳмон ПРЕЗИДЕНТИ МАН АСТ!

**ЧАНД ПАҲЛУИ ЯК ЧЕҲРА**

Ҳамон сурату сирате, ки худояш ато карда, ҳамон хислатҳое, ки ягон дипломатияи ҷаҳонӣ ба унвони пӯшида доштани чеҳраи аслӣ, аз ӯ барнагирифташ, ҳамон ботини боғуруре, ки ягон душмани ҳақире натавонист, онро дигар созад, барои аксари мардум азиз аст, ки худ мегӯянд.

Президенти мо, то имрӯз ҳазорон бор аз ҷониби садҳо ҳазорони худиву бегона як инсони заминӣ, Раҳбари мардумӣ, шахси мӯътамад ва одами раҳмдиле шинохта шудааст. Ӯро бо сағирапарварияш хурду бузурги табақаҳои иҷтимоӣ падари хеш мехонанд. Тамоми хонаҳои ятимон зери назорати шахсии ӯст ва ба дили онҳо бо суханҳои падаронааш, чароғи умед ба фардоро рӯшан мекунад. "То даме, ки ман ҳастам, ҳеҷ кадоми шумо ятим нестед", - гуфта буд боре ӯ. Ва ин меҳрнидо, чеҳраи ӯ ҳазорон ятимро шукуфонду хотири онҳоро болида кард, ба ӯ бовар карданд ва хоҳанд кард, зеро ҳар чӣ, ки ӯ то ин дам гуфт, амалӣ кард!

Хиёнат ба Ватан ва риёву фиребро намебахшад, аммо дар авфи ҳазорон - ҳазор маҳбусон ва ҳатто гунаҳгорони "озод", худиву бегона, зану мард ва хурду бузург дили нарму авфпарвари ӯ ва ин хислати бахшандагияш аломате, осоре ё нишон гузоштааст.

Ман, ки борҳо шоҳиди суҳбатҳои самимии ӯ бидуни маърӯзаҳои расмӣ, ҳангоми таъин ба вазифаҳо, зимни паёму иҷлосияҳо, мулоқоту ҷаласаҳо тӯли 24 соли охир ҳастам, ба зеҳнам он чиро он гузошт, ки то замони шахсан ӯро дидонам, аз телевизионҳо на сухангӯҳояшро хуш доштаму на тасмимҳояшро. Шояд тарғибгаронаш ба умқи он воқеият ва самимияти гуфтаҳояш моро расонида натавониста буданд…



- Агар дар ҳамон хислатҳои инсонии ӯ, ки метавонад ҳини як маъракаи шодӣ ё ҷашн кӯдакворшодӣ кунад, бирақсад, (чи зебо мерақсад!) бисарояд ва ҳаяҷонашро пинҳон накунад. Вале ҳангоми фалокат ё дидори ятиму беморе оби чашм бирезад, метавон дарк кард, ки заминитарин президенте аст, ки бидуни макру ҳилла, ботини хешро, қалбашро пеши чашми омма мекушояд. Аз ин наметарсад, зеро он пок аст, - мегӯяд як ҳамсуҳбати хориҷии ман аз Аврупо.

СИМОИ Ӯ худододаву миёни президентҳои ҷаҳон аз зеботаринҳост. Ин гуфтаро борҳо аз забони намояндагони миллатҳои дигари дунё шунидаам. "Ҷамоли хубрӯёнро Худо ҳам дӯст медорад", - мегӯянд. Парвардигор зебоии ботинро дар зоҳир ҳувайдо мекунад, иқрор медоранд, одамон. Он чиро Офаридгор офарида, ман дигар хел наметавонам тасвир созам. Ӯ марди болобаланди хушсуратест, ки дар чеҳраш нури худододе, ҳувайдост, гуфта буд, зимни як мусоҳибае бо ман Бозгул Додхудоева ва ман онро баъдан худам ҳам мушоҳида кардаам.

ЧЕҲРАИ СИЁСИАШро ӯ хеле дуруштароз сохт. Агар қаду қоматеро чунин Худованд насиби кас гардонад, обрӯро худ бояд ба даст биёрӣ.

Ҳамчун як пайкарае, ки скулптор дар офаридаанаш садҳо бор тарҳ мекашаду мешиканад ва аз нав месозад, ҳамин тавр ӯ низ худро дар ҷаҳони сиёсат офарид.

Ҳарчанд ба таблиғи беҳунаронаи фаъолияти арзандаи ӯ дар ВАО-и давлатӣ хоса телевизионҳо сахт мухолифам, ки онҳо чеҳрасозаш нашуданд, вале чеҳраи сиёсии ӯ дар чашми мардум, қалби онҳо ва аз нигоҳ ба баҳои ҳамтоёнаш дар саросари ҷаҳон як чеҳраи сиёсии муваффақ ва самимист. (Мисол намеорам, садҳо гуфтаҳои бузургони олами муосир дар борааш дар рӯзномаву китобҳо сабт шудаанд).

**ТАРҲҲОИ ИНҚИЛОБӢ ВА ТАЪРИХӢ**

СУЛҲ. Танҳо "Ман ба шумо сулҳ меорам"-аш кифоя аст, ки номаш дар таърихи сиёсии кишвар бо ҳарфҳои заррин сабти абадӣ пайдо кунад. Борҳо шунидаам, ки тоҷикони дигар кишварҳои даргир орзуи ҳамчунин як пешвоеро доранд.

Ҳамон сулҳе, ки маргро ба зиндагӣ, мамотро ба ҳаёт табдил кард ва оташи хонумонсӯзи ҷангро куշт, дӯстро аз душман ҷудо кард ва якпорчагии марзу буми моро дар харитаи ҷуғрофии ҷаҳон барои абад сабт кард.

Ҳамон сулҳе, ки баъдан номи неки тоҷиконро дар арсаи таърих дубора зинда кард ва дар қатори фарҳангиёни дигари олам ҷо намуд. Ӯ ваъда доду сулҳ овард ва инак 25 сол боз онро бо чангу дандон ва дар баҳои ҷон, нигаҳ дошта медорад. То ҳанӯз? миёни ҳатарҳои даҳшатафкани муосир ӯ барои нигаҳдошти амнияти ва сулҳу салоҳи на танҳо кишвари хеш, балки минтақа ва ҷаҳон дар сафи пеши мубориза олам аст.

ЧЕҲРАИ ИҚТИСОДИИ ӯро бидуни тамоми шоҳкориҳояш дар кушодани роҳҳо, раҳоӣ аз бунбастҳо, нақбҳо, корхонаву дигару дигар танҳо бо як шоҳкории аср - сохтмони "Роғун" метавон ҷамъбаст кард. "Роғун"-ро сохт, месозад ва на танҳо ба кишвараш нуру гармӣ меорад, балки Тоҷикистонро дар минтақа ба кишвари истеҳсолкунанда бадал месозад. Яъне давлатро аз дастнигарӣ ба кишвари тавлидотӣ ва таъсиргузор мубаддал хоҳад кард.

Ӯ "Роғун"-ро, бо шикастани ҳама шакку шубҳаҳои дӯсту душманаш сохт ва ба мардумаш гуфт: "РОҒУН ИН ЗИНДАГИИ БОФАРОҒАТИ ИНДУНЁИИ ШУМОСТ!".

Агар ҳамаи он чиро, ки ба ӯ нишон медиҳанд, ҳисобот медиҳанд ва ҳатто дар пеши чашмаш мекушоянд, то имрӯз бо тамоми иқтидор кор мекард, мушкили хеле сангини ҷойи кор кайҳо ҳал мешуд, зеро аксари корхонаҳои сохташуда ба зудӣ фалаҷ гаштаанд, ки инро сабаб ҳисоби нодурусти имконият ва иқтидори соҳибони он аст, на дурнамои иқтисодӣ.

Тарҳи "Роғун" чун Тарҳи Сулҳи Президенти ман, инқилобӣ ва тақдирсоз аст. Агар танҳо ҳамин ду амали ӯро бигирему аз дигарҳояш чашм бипӯшем, кофӣ аст, ки ӯро эҳёгари миллат ва давлатсози муваффақи муосир бишиносем.

**ЧЕҲРАИ ФАРҲАНГӢ**

Чеҳраи фарҳангии ӯ аз завқи маънавияш ҳувайдост.

Вақте ки ӯ соли 2011 калонтарин Китобхонаи миллиро дар Осиёи Марказӣ дар дили пойтахт кушод, душманонаш мегуфтанд, мардум гушнаву бекор асту ӯ китобхона месозад. Вале ӯ медонист, ки рӯзе мерасад, мардум сер мешавад, аммо ин маркази фарҳангии миллӣ ба асрҳо дар хидмати халқ хоҳад буд. Китобхонае, ки осор аз китобдории ниёконы мосту ҳар як хонанда дар онҷо бо кайфияти ҳол, бо тамоми имконияти маданӣ метавонад чун як инсони муосиру хушбахт аз он истифода кунад. Маърифат омӯзад. Ба чунин бино дохил шудан худ завқи маънавӣ меофарад.

Тарҳи Осорхонаи миллӣ, ки ба вижагиҳои хеш чун як дастагули ошноӣ барои хориҷиён, дар идомаи боғшаҳри маркази пойтахт рустааст, ифтихори моро аз гузашта, имрӯза ва фардоямон дарак додаву таърихамонро маҳфуз хоҳад дошт.

Бунёди калонтарин театр ва тармиму бозсозии театрҳои дигар, сохтани қасрҳои фарҳангии муосир қариб дар тамоми навоҳии кишвар, барои рушди фарҳанги мардум ва садсолаҳо хидмат хоҳанд кард.

Чойхонаҳои замонавӣ,кохҳои муҳташаме чун Кохи Наврӯз, Кохи Сомон, Кохи Ваҳдат, кохи Борбад чи дар марказу чи дар ноҳияҳо дар хидмати мардум ва сайёҳон аз зумраи даҳҳо иншоотҳои ифтихории мост, ки чеҳраи фарҳангии ӯро чун як Сарвари созанда, таърихӣ месозанд.

Бозгаштан ба фарҳанги ниёгон дар заминаи фарҳанги муосир ва тавъам рушд додани онҳо мақсади бузурги ӯст, ки ба хотири чун миллати соҳибтамаддун шинохтани тоҷикон буд, хаст ва хоҳад буд.

Агар ӯ завқи хосаи фарҳангӣ намедошт, ин ҳама зебоипарастиҳое, ки на танҳо шаҳри Душанбе, балки ҳар як ноҳияи дурдасти кӯҳистонро ҳам соат ба соат зеботару муосиртар месозад, ма-

*Идомааш дар саҳ. 10*

# ПРЕЗИДЕНТИ МАН



гар сутуданӣ нест?

**ДИН ВА ДУНЁ...**

Дар ҳоле ки оппозитсиюни ӯ бешармона мехоҳанд, дар олам овоза кунад, ки болои мусалмонон фишор меорад, ӯ пайи бунёди масҷидест, ки бузургтарин, боҳашаматтарин дар Осиёи Марказӣ буда, яке аз зеботарин масҷидҳои дунёст. Фароҳам кардани заминаи ибодат барои бандаҳои Худо, дар як макони зебо ва хеле бо шароитҳои муосир ин аз паёме густариши фарҳанги имонӣ миёни мардум аст, ки то ҳол ва то ӯ касеаш накарда.

Имрӯзҳо, ки гурӯҳҳои ифротӣ аз номи дин даст ба қатлу куштору харобсозии тамаддун дар ҷаҳон мезананд ва инсонҳои беимон бо истифодаи номи дин муртакиби хиёнат, ҷиноят, қатли инсонҳо мегарданд, эҳёи ин масҷид дар ахлоқи иҷтимоии мусулмонон бояд таъсири хосаи худро бигузорад.

Ин хидмати Президенти мо шоҳкориест, ки дар таърихи ислом на танҳо дар кишвари мо, балки дар маҷмӯъ, дар ҷаҳони ислом қадр мегардад.

Масъалаи дунявӣ будани давлат масъалаест, ки терроризми ҷаҳонӣ онро бо таблиғоти гумроҳкунандаи хеш, бадном карданӣ мешаванд. Дар ҳоле ки ин давлати дунявӣ барои рушди тамоми адён имконият фароҳам мегузоранд, чи ҷойи шубҳа аст ва инро Президенти ман солҳост собит карда.

Тарҳи зебои ин масҷиди нав нишоне аз фарҳанги динии мо ва меъмории дар он ба кор рафта, ки дар кулли кишварҳои ҷаҳон алоқамандони худро дорад, маҳсули дасти гулкори устоҳои тоҷик аст, ки иншооллоҳ фардо шуҳраи ҷаҳон хоҳад гашт.

Ҳадиси Паёмбар (с) аст, ки "Инналлоҳа лаязаъу бис-Султон мо ло язаъу бил-Қуръон". Яъне Худованд ба воситаи Султон кореро ҷорӣ мекунад, ки ҳатто ба воситаи Қуръон намекунад.

Нашри китоби Қуръон бо хати сирилик дар соли 2010 ва ба мардум дастрас гардонидани ин китоби осмонӣ, ки барои аксарият то ин дам танҳо аз нақлу ривояти як муллои чаласавод расонида мешуд, аз хидматҳои таърихии ин абармард барои шинохти асли дин буд.

Дар боло ишора кардем, ки бо сохтани "Роғун" Президенти азизи мо ин дунёи моро рӯшану обод карданӣ бошад, бо сохтани Масҷиди бузург дунёи охирати мусалмонони кишварро нуру зиё бахшиданист. То ҳол дар таърихи фарҳанги динии мо чунин шоҳкорие назир надорад. Дар Масҷиди нав дар як вақт метавонанд 143 ҳазор нафар намозгузор адои фаризаи илоҳӣ намоянд, ки дар дохили бино дар як замон барои 43 ҳазор мардон ва 10 ҳазор занон ва дар саҳни бино барои 90 ҳазор нафар дар як вақт ибодат кардан ҷой ва шароит омода шудааст.

Президенти ман ҳамеша мухолифи дин не, муқобили сӯиистифода аз дин аст, мухолифи он амалҳоест, ки ки имрӯзҳо терроризми ҷаҳонӣ мекунад. Барои ӯ дини ислом ҳамеша боиси ифтихораш буд ва ӯро миёни мусулмонони шинохтаи дунё тибқи назарпурсиҳои олами инро эътироф кардаанд. Андешаи ҷудо будани динро аз терроризм ӯ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо масъалагузориҳояш дифоъ мекунад. Ҳарчанд тибқи Конститусияи мо дин аз давлат ҷудо аст, вале ӯ ҳамеша чун як фарзанди мусулмон аз ҳомиёни номи неки мусулмонон буда, бо чунин шоҳкориҳояш имкони биҳиштии иҷрои фарзҳои диниро дар кишвараш муҳайё кардааст.

Дар давлате, ки 99, 9 дарсад мусулмонанд, нигаҳдории арзишҳои дунявӣ, ки гоҳо бархе аз мазҳабиёни ҷоҳилро хуш намеояд, осон нест. Вале ин мувозинатро сиёсати дурбинонаи ӯ мустақар кардааст.

Низоми демократиро дар кишваре, ки то дирӯз сотсиалистӣ буду 70 сол пеш дар форматсияи феодалӣ қарор дошт, маҳз талошҳои бесобиқаи Президенти ман, имконпазир гардонд.

Ду тарҳи бузурге, ки Президенти муҳтарами мо анҷом додани онҳоро аз ормонҳои имрӯзии худ медонад, ин пурра ба кор даровардани "Роғун" ва ба истифодаи мардум супурдани Масҷиди калон аст, ки ҳарду ҳам ба хотири халқ ҳаст. Яке ба хотири ободии ин дунё ва дигаре ба хотири ободии он дунёи мардум.

**ДАВЛАТИ БЕСАРВАТРО БА ДАСТ ГИРИФТ**

Замони ба курсии президентӣ нишастани Эмомалӣ Раҳмони 40-соларо мо насли калонсол ёд дорем. Курсии "давлат"-е, ки тамоми сохторҳояш фалаҷ, хазинааш холӣ, мардумаш ҷангзадаву сарсон, гурезаву парешон, гушнаву мотамбасар аз марги наздикон ва гирифтори даҳҳо мушкили дигар аз қабили кӯпрукҳои тарконидашуда, роҳҳои вайрон, заводу фабрикаи ба ғоратрасида, силоҳбадастони ғайриҳарбӣ, ки аксараш бангиву дузду ғоратгар ҳам буданд ва аз ҳама бадтар мардуми мувоҷеҳи тарс. Ҳамон тарси беқонунӣ, бе ҳифозатӣ, номуайянӣ, беҳокимиятӣ ва бе боварӣ ба фардо. Ин замони даҳшатзои гум шудани ҳама дору надори одамон, яъне шикасти эътимод, замоне, ки касе бори масъулият бар дӯш гирифтан намехост ва чуноне ки худи Эмомалӣ Раҳмон ҳам он замон медонист, барои як давраи кӯтоҳе, ки хавфи кушта шудан ва дар миёни муқовиматҳои даҳҳо гурӯҳҳои мухталифи дохилӣ ва берунӣ, ӯро пазируфтани ширкатдорони Иҷлосияи 16, бешак дуҳӯрагиҳо дошт. Вале он чиро, ки Худо медонад ва он чи ки бо нияти соф ин марди он замон деҳотӣ бар дӯш гирифт, таҷрибадортарин сиёсатмадорони он замон аз тарс ба уҳда нагирифта буданд, чунки он ҷанги бародаркуш ҷуръати ҳамаро шикаста буд. Зеро аксари онҳо дурӯя буданду тарсӯ. Касе мурдан намехост, касе қаҳрамонӣ карданӣ набуд, ҳама дар андешаи сар ба саломат будани хеш буданд.

Ана дар ҳамин ҳол, мо фаромӯш набояд кунем, ки ӯ масъулият бар дӯш гирифту пардохт ба сохтани рукнҳои давлатдорӣ. Амниятро таъмин кард, яроқро аз дасти нохалафон гирифт. Заминро ба мардум дод, гурезаҳоро баргардонд, ба мардум умеди зиндагӣ бахшид.

**РУКНҲОИ ДАВЛАТДОРӢ**

Гимни давлатро қабул кард, Конститутсияро ба ҳадафҳои давлатӣ мутобиқ сохт, Нишону Парчамро интихоб кард, қонуниятро бар сари ҳукумат нишонд, ҳокимиятҳои иҷроия, қонунгузорӣ ва судиро амалӣ кард, ба ВАО мустақилият дод, радиову телевизионҳоро барқарор ва тавсеа дод, мардумро пайки зиндагии навин дардод. Холо, ки инҳоро бо як ҷумла менависем, инҳо амалҳои бузурги таърихие буданд, ки ба солҳо ва асрҳо бунёд хоҳанд гузошт.

**МИЛЛАТСОЗӢ ВА ЭҲЁИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ**

Барои эҳёи ғурури миллӣ солиёни зиёде заҳмат кашид, то мардумро ба худи худаш бишиносонад, гузаштаро кофт, чанги таърихро афшонду сарнавишти аҷдодиро бозгардонид то миллат бидонад, ки ӯ кӣ буду аз куҷо сарчашма дошт.

Ба ин хотир, иқдомҳои наҷибе барои эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва тақвияти рӯҳия худшиносиву худбоварӣ дар миёни мардумро пеш гирифт. Аз ҷумла, дар марҳилаи парешонию сарсонии миллат ба миён овардани ғояи таҷлили 1100-солагии давлатдории Сомониён ҳамчун даврони тиллоии таърихномаи тоҷикон, на танҳо дар қалби тоҷикону тоҷикистониён, балки дар замири кулли ҳамзабонони мо аз манотиқи мухталифи ҷаҳон эҳсоси худогоҳию бедории миллӣ, садоқат ва шарафмандии ворисият аз аҳди Оли Сомонро ҷилои наву тоза бахшид.

Кӯшид то ҳамагон бидонанд, ки ин давлати пешини мо чи таърихеро аз сар гузаронид, то куҷо расид, чи ба парокандагӣ мувоҷеҳаш кард ва чи боҳамаш меорад. Ӯ донист, ки ин меҳан ва ин миллати ӯст, ки бояд миллаташ кунад, қудраташ бахшад, номдораш кунад. Ва кард.

Рӯҳияи шикастаи мардумро ба рӯҳияи ватандӯстӣ, ифтихор аз гузаштаи хеш ва эътимод ба ояндаи давлатро дар мағз ва дили ҳар фарди кишвар ҷо намуд.

Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷашнгирии 1100-солагии таъсиси давлати Сомониён ба ҳаёти фарҳангӣ ва рӯҳияи мардуми кишвар такони ҷиддӣ дод. Ӯ давлати наве сохт, ки дар реша дар умқи таърих дорад...

**ИҚРОР**

Имрӯз мутобиқи талаботи давр ӯ нигоҳи хешро ба баъзе масоил боз ҳам муосиртар намуд. Ахиран, Президент иқрор кард, ки он пешвозгириву намоишномаҳои барояш таҳия кардани руасои шаҳру навоҳӣ элементҳои сохтакории зиёде доранд. (Дар як шумора пеш навишта будам).

"Бас кунед, намоишкориро, як кӯчаи мерафтагии моро не, ноҳияҳову деҳаҳои худатонро обод кунед. Маро мадҳу ситоиш накунед, барои мардум кор кунед, маҳалли зист ва дар маҷмӯъ ватанатонро обод кунед" - бо ранҷиш ва озурдагӣ гуфт ӯ дар маҷлиси васеи Кумиҷроияи ҲХДТ, ки тамоми раисони вилоят ва шаҳру навоҳӣ ширкат доштанд.

Ку бубинем, кӣ аввалин шуда қолабро мешиканад ва исбот мекунад, ки ин ҳама саҳнасозӣ барои худширинкунӣ дигар зарурат надорад. Бигзор тавре, ки худи ӯ мехоҳад, мардум бо Пешвояшон озод ҳарф бизананд, воқеиятро барояш бозгӯ кунанд, ӯро гӯш доранд ё аз мушкилашон худ сухан бигӯянд, то мардумитарин пешво бошад. Ӯ наметавонад дар ҳалқаи касногузари чанд тане дур аз мардум бошад.

Ӯ ин Ватанро бо ҳама мардумаш чун панҷ панҷаи дасташ медонаду мешиносад. Дунёдидаву гармиву сардии зиндагонӣ чашидааст. Аз пасту баландиҳои ҳаёт худаш пойи пиёда гузаштаву нишебу фарозро бо хирадаш тай карда. Пас, он андешаи мардум аз норизоӣ ба ъ0ъатрофиёни ӯ, ки гоҳе боиси ноогоҳияш мешаванду гурӯҳаке манфиати хешро ноаён пеш мебаранд, бояд решакан бигардад. Агар ҳар муқаррибе аз чанд ҷониб назорат шавад, ҷуръати фиреби назар ё пинҳон кардани воқеиятро намекунад. Ин як фосилаи хурде миёни мардум ва президентамон ҳаст, ки бартарафсозии онро худи Пешвои миллат рӯирост ишора ба ёваронаш дар ҷаласаҳои охир карданд.

**ЛИДЕР - ОНЕ, КИ ХАЛҚ АЗ ПУШТАШ МЕРАВАД**

Аммо ҳар чи ки ӯ кард, идея, андеша, тарҳ ва мақсадаш аз вай буд ва ин ҳамаро дарякҷоягӣ бо халқи тоҷик амалӣ кард. Пас, Президент бе ин иқтидор, бе халқ як нафар аст. Пешво бе миллат касеро ба ҷое намебарад, Сулҳро ӯ барои ҳамин мардум оварда ва онро аз вартаи нобудӣ ба камолоти эҳё расонд. Президентро шаҳрвандон интихоб кардаанд ва барои пойдории сиёсаташ муттаҳид гаштанд, ваҳдати мардумони ин сарзамин буд, ки он ҳама андешаҳои миллатсозии ӯ дастгирӣ ёфтанду амалӣ шуданд. Пас ӯ бе миллати тоҷик, бе мардум на онест, ки имрӯз ҳаст ва мардум ӯро Пешвои хеш хондааст.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Президенти қонунан интихобкардаи мардум, ба Эмомалӣ Раҳмоне, ки чаҳор бор ба ин мансаби олитарини давлат, озодона интихоб шудааст, муборак бошад!

Рӯзи Президенти Тоҷикистон ба ҳамаи ҳамватаноне, ки дар атрофи Сарвари хеш муттаҳиданд, муборак бошад!

***ИД МУБОРАК, ПРЕЗИДЕНТИ МАН!***

****

**ВИКИПЕДИЯИ "РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ"**

Мансаби Президенти Тоҷикистон дар кишвари мо аз 30 ноябри соли 1990 таъсис дода шуда буд.То ин дам, нахуст Қаҳҳор Маҳкамов ва баъдан, Раҳмон Набиев дар ин мансаби волотарини давлатӣ фаъолият доштанд.

Эмомалӣ Раҳмон аз 6 ноябри соли 1994 то ба имрӯз дар ин вазифа буда, аз 25 декабри соли 2015 ба дараҷаҳои "Асосгузори сулҳу ваҳдат ва Пешвои миллат" мушарраф шудааст.

Ҳамасола, 16 ноябр аз соли 2016 ба инҷониб ҳамчун "Рӯзи Президент" чун ҷашни умумидавлатӣ қайд мегардад. Яъне, ин рӯз сараввал рӯзи нахустпризедент Қаҳҳор Маҳкамови зиндаёд, баъдан, рӯзи аввалин Президенти интихобкардаи мардум дар замони соҳибистиқлолият- марҳум Раҳмон Набиев ва сипас, рӯзи Президенти ҳозира Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мо инак, соли сеюм аст, онро таҷлил мекунем.

***Ҳуриннисо АЛИЗОДА,***
***рӯзноманигор***

# НОМ ЧУ ҶОВИД ШУД...



*Мард намирад ба марг,*
*марг аз ӯ ном ҷӯст,*
*Ном чу ҷовид шуд, мурданаш*
*осон куҷост?!...*

Ӯ омӯзгор буд. Тарбиятдиҳандаи насли ҷавон ва таконбахши тафаккури созандаи ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Дар ҳама ҷо ӯро ҳамчун як инсони комил ва хоксору дурандеш ва зиндадил мешинохтанд. Дар бештари суханрониашон ҳазлу шухӣ дида мешуд ва ҳамсуҳбатонро бо ин санъати суханашон болидарӯҳ мегардонид. Дар маҷмуъ, инсони безарар ва бекинаву некандеше буданд.

Равобити шогирдонаи ман бо он кас аз айёми мактабхонӣ оғоз шуда буд. Ин шиносоӣ дар ҳоле пайваст, ки ман дар рӯзҳои берун аз дарсӣ, вақте ки ӯ роҳбарии Маркази омӯзишии интернетии САДА-ро, ки дар бинои собиқ факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷойгир буд, бахри омӯзиши шабакаи интернетии "E-mail" ва баъдан "Internet" ба назди ӯ меомадам.

Дар он давра чунин марказҳои хизматрасонии омӯзишӣ дар шаҳри Кӯлоб хело кам буд. Дар давоми шиносоӣ ба омӯзиш ва такмили ТИК ӯ кӯшиш менамуд, ки ба ҷавонон нозукиҳои ин равандро бевосита омӯзонад. Дар ин росто мебояд қайд намоям, ки ӯ бо ҳама муносибати нармона намуда, барои омӯзиши ТИК ҷавононро далолат менамуд. Доимо мегуфт: "Замоне мерасад, ки дар Тоҷикистон ТИК рушд менамояд ва дар ҷабҳаҳои мухталифи иқтисодиёту иҷтимоиёт муттахасисони ин самт харидор пайдо менамоянд."

Мо дар бораи устоде ҳарф зада истодаем, ки наздики як сол мешавад, ки аз байни мо рафтааст.

**ЮНУСОВ Шамшер Юсуфович**, собиқ омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 10.01.1960 дар шаҳри Кӯлоб дар хонадони деҳқон таваллуд шуда, 23-юми июни соли 2019 ин ҷаҳонро падруд гуфтанд.

Педагоги тоҷик, номзади илмҳои педагогӣ (2009), дотсент (2013), доктори фахрии Донишгоҳи Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон (2014), Аълочии маорифи Тоҷикистон (2012) буданд. Хатмкардаи факултаи механика ва математикаи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ, 1986). Таҳсил дар мактаби миёнаи №7 шаҳри Кӯлоб (1967-1977), донишҷӯ (1981-1986), муаллими мактаби миёнаи №2 шаҳри Кӯлоб (1986-1987), омӯзгори кафедраи информатика ва техникаи ҳисоббарории Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1987-1990), коромӯз-муҳаққиқи Институти омор ва иқтисодии Москва (МЭСИ, 1990-1991), сардори гурӯҳи банақшагирӣ ва ояндабинии шуъбаи илм (1990-1996), омӯзгори кафедраи алгебра ва геометрияи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1996-1997), директори иҷроияи CADA (Ожонсии инкишофи Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минтақаи Кӯлоб, 1997), омӯзгори кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008), сардори шуъбаи таълими филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара (2008-2009), мудири кафедраи информатика ва технологияи иттилоотӣ, декани факултаи математика ва информатикаи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2009-2011). Аз соли 2012-2015 мудири кафедраи информатика ва технологияи иттилоотии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буданд. Дар мавзӯи "Асосҳои педагогии қобилияти зеҳнии донишҷӯён бо воситаҳои технологияи компютерӣ (дар асоси маводи ҶТ)" (2009, Қӯрғонтеппа) рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Дар мавзӯи "Ташаккул ва инкишофи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (солҳои 2000-2010) рисолаи докторӣ анҷом дода буд, вале марг ба ӯ вафо накард, то рисолаи докториашро дифоъ кунад. Муаллифи беш аз 15 асари илмӣ, барномаи таълимӣ, дастури методӣ ва 80 мақолаи илмӣ мебошад. Бо нишони сарисинагии "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (2012, Душанбе), медали ҷашнии "2700-солагии шаҳри Кӯлоб" (2007, Душанбе) ва Ифтихорномаи ҳукумати вилояти Хатлон (2011, Қӯрғонтеппа) сарфароз гардидааст.

Шогирдони зиёде дар самти ТИК тайёр намуда буданд. Онҳоро дар рӯҳияи ванатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва дастгирии сиёсати давлату ҳукумат тарбия намуда, роҳҳои истифодаи дурусти ТИК-ро вобаста ба хусусиятҳои мусбӣ ва манфии он дар фаъолияташон инъикос менамуданд. Аслан самимияти ӯ бо шогирдон бахри илмомӯзӣ дар ҳолати хуб буд ва барои насли ҷавон дар соҳаи маориф хизмати софдилонаю содиқонаро иҷро намуда, пайваста кӯшиш менамуданд, ки шогирдон бояд ба дастовардҳои илмӣ ноил гарданд.

Бояд қайд намуд, ки банда бо он кас аз соли 2000 равобити шогирдона пайдо намуда будам. Аз устод Юнусов Шамшер роҳҳои ба даст овардани натиҷаҳоро дар низоми ТИК омӯхтам ва худро ҳамчун як ҷавони саодатманде, ки дар мактаби илмии он кас таҳсил ва илмомӯзӣ намудаам, меҳисобам. Дар дилхоҳ ҳолат муносибати ӯ бо шогирдон дар ҳоле мепайвандид, ки ӯ чизе аз илми замони муосир дар равандҳои мухталиф, аз фалсафаи илм, ТИК, рушди босуръати илм, техника ва технологияи навин ва ғайраро дар бар мегирифт, ки натиҷаҳои хуби илмӣ ба даст меомад.

Устод кӯшиш менамуданд, ки шогирдони ӯ номбардори давлату миллат ва донишгоҳи азизамон бошанд. Дар давоми фаъолияти худ дар донишгоҳ пайваста дар маҳфилу ҷамъомадҳо, бахусус дар чорабиниҳои гуногуни илмию фарҳангӣ иштирок намуда, дар дил орзуҳои ногуфтаашро бахри рушди ТИК дар донишгоҳ пешниҳод менамуданд. Пешниҳодоти устод пайваста мавриди омӯзиш қарор мегирифтанд ва қадам ба қадам амалӣ низ мешуданд. Доимо раванди дарсро дар ҳолати хуб нигоҳ дошта, аз истифодабарии ТИК ва тахтаҳои электронӣ, маводҳои дарсии электронӣ, роҳҳои самаранокии дарсро аз истифода бо усулҳои инноватсионии таълим фаровон истифода мебурданд.

Сифатҳои ҳамидаи инсондӯстонаи ӯ буд, ки дар тамоми ҷамъомадҳо, конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва берун аз он соҳиби эҳтироми хосса буданд. Дар вуҷуди он кас самимият, дисӯзӣ, ҷалби ҷавонон ба омӯзиш ва ғайра ҷой дошта, кӯшиш менамуданд, ки аз илми худ ба касе манфиат расонанд.

Устод Шамшер Юнусов дар дил орзуҳои бисёр доштанд, то ин ки мактаби илмии ӯ боз ҳам рушд намуда, шогирдони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯро дар самтҳои мухталифи хоҷагии мамлакат тайёр намоянд, аммо сад афсӯс, ки марги нобаҳангом дари худро ба сӯи як мутахассиси ҷавон, муҳаққиқ, роҳбари дилсузӯ ғамхор ва падари бузургвор боз намуд ва ӯро аз миёни мо гирифт.

Мо, шогирдон ва фарзандони баору номуси устод Юнусов Шамшер кӯшиш мекунем, ки мактаби илмии ӯро давом дода, дар тайёр намудани мутахасситсони баландихтисоси унвони илмидошта ва коршиносони соҳаҳои гуногуни хоҷагии мамлакат саҳми худро гузорем.

Рӯҳатон шод, хонаи охирататон обод ва ҷаннати ҷовидонӣ насибатон бод, устоди азиз!

***Мунир САФАРОВ,***
***номзади илмҳои педагогӣ,***
***дотсенти кафедраи илмҳои компютерӣ***

# ҶУЗ БА ҶОН ФАРЗАНДРО ПАЙВАНД НЕСТ!

*Дар ҳошияи Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"*

Падари Искандари Македонӣ Филипп ғайричашмдошти муқаррабонаш дар хусуси таваллуди фарзандаш мегӯяд: "Ман на барои он хурсанд ҳастам, ки соҳиби писар гардидаам, балки барои он хушҳолам, ки писари ман дар давраи Арасту ба дунё омадааст". Таърих гувоҳи он аст, ки таҳти таъсири Арасту Искандар ба чӣ гуна дастовардҳо соҳиб гашт.

Мақоли сирф тоҷикии "Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар" далели он аст, ки таълим ва тарбияи фарзанд дар ҳаёти ӯ чӣ гуна нақши бориз дорад. Шоири бузурги форс-тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ дар хусуси фарзанд ва қадру манзалати он назди волидайн гуфтааст:

***Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,***
***Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.***
***Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,***
***Зинда аз фарзанд монад номи мард.***

Фарзанд беҳтарин неъмат барои инсон аст, аммо на ҳар фарзанд. "Фарзанди нек боғи падар, фарзанди бад доғи падар" -мақоли тоҷикие ҳаст, тӯли таърих дурустиаш сабт гаштааст. Номи падар бо шарофати фарзанд боқӣ мемонад, агар ворисӣ ӯ номбардори авлод бошад. Барои чӣ номи Баҳоуддин Муҳаммадвалад (писари Ҷалолуддини Рӯмӣ) то имрӯз вирди забони аҳли маърифат қарор дорад? Барои он, ки ин марди ғаюр, шуҷоъ ва фазилатпарвар, фарзанди хурдсоли худ Ҷалолиддинро шаҳр ба шаҳр, сарзамин ба сарзамин бурда, дар назди устодони донишманди замонаш илму адаб омӯзонидааст.

Мақоми дигареро дар пайгирии мавзӯъ ёдовар шудан айни маврид мебошад: "Ба як сол зистан хоҳӣ, гандум бикор, барои даҳсолаҳо зистан хоҳӣ боғ бунёд кун, барои садсолаҳо умр ба сар бурдан хоҳӣ фарзанд тарбия намо". Яъне тарбияи фарзанд масъулияти волидайн мебошад ва ин рисолат набояд лаҳзае аз мадди назар дур монад. Зеро кӯтоҳии андаке дар ин маврид боиси костагии рӯзгори фарзанд мегардад ва бешубҳа саранҷоми кори волидайн табоҳ мешавад.

Садаи XXI чун марҳилаи нав ба ҳаёти ҷомеаи умумибашарӣ ба хусусятҳои хеш дарҳои худро кушод. Раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари самараҳои нек овар-данаш як миқдор монеаҳоро дар назди инсонҳо вогузор намуд. Табодули маданият, фарҳанг, урфу одат ва дигар нишонаҳои ба халқиятҳои гуногун хос ба таълиму тарбия бе асар намонданд. Масалан, мо тоҷикон наметавонем дар як марҳилаи худ тамаддуни ғайрро қабул намоем. Албатта, ба ин мо вазифадор нестем, зеро тамаддуни мо зиёда аз сеҳазорсола буда, сарманшаи аксар тамаддунҳои баъдина мебошад.



Таълим ва тарбия аз оғоз дар оила ҷараён мегирад. Агар ин марҳила дуруст роҳандозӣ карда шавад, дар оянда кори таълиму тарбия дуруст ҷараён мегирад. Дар сурати баръакс, номувофиқии таълиму тарбияи хонаводагӣ ба таълиму тарбияи муассисавӣ боиси нобасомониҳои зиёд мегардад. Муассисаҳои томактабиҳои мо имкони фарогирии сартосарии ҳамаи кӯдаконро надоранд. Ин волидонро водор месозад, ки ба таълиму тарбияи хонаводагӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар мафкураи фарзанд элементҳоро ҷой додан лозим аст, ки он бароиояндаи ӯ нақши муҳим дошта бошад.

Ҷомеаи солим насли солимро ба вуҷуд меорад ва мутаносибан насли солим ҷомеаи солимро меофарад. Ин нуқта ҳамагонро ба он водор месозад, ки паи омӯзонидани насли наврас аз тамоми имкониятҳо истифода барем.

Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми шароитҳо барои таҳсил дар ҳамаи зинаҳо фароҳам овардааст. Дар як мӯҳлати таърихии ниҳоят кам теъдоди зиёди боғчаҳои кӯдакона, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназияю литсейҳо, коллеҷу муассисаҳои олӣ сохта ба истифода дода шуданд, ки дар тамоми давраи Шӯравӣ ин миқдор мавҷуд набуд. Дар ҷавоб ба ин ғамхорӣ дар асоси "Қонуни масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" шаҳрвандонро лозим меояд, ки вазифаҳои мушаххасан дар Қонун барояшон бамиён гузоштаро адо намуда, барои ҷисман ва маънаван солим ба воя расонидани фарзандонашон ҷавобгариро эҳсос намоянд.

***Донишҷӯёни соли 3-юми факултаи физика ва математика,***
***куратори гурӯҳ Руҳулло Ҳусайнов,***
***асистенти кафедраи методикаи таълими математика***

Фаровон сухан гуфт зебову нагз,
Ҷавонро зи дониш тиҳӣ буд магз. Абулқосим Фирдавсӣ

Анвори дониш
№16 (298), ПАНҶШАНБЕ, 21.11.2019

# МУШКИЛИҲОИ ҶАҲОНШУМУЛИ ҶАҲОНИ МУОСИР АЗ НИГОҲИ ФАЛСАФӢ

*Шаҳром ҒАЮРОВ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи омӯзгорӣ*



Фалсафа ҳамчун методи умумиилмӣ ба ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷомеа нигаронида шудааст. Ҷомеаи навини ҷаҳон, ки бениҳоят дар арсаи пешрафт ё тараққиёт аст, аз кашфиётҳои ҳарҷузаи илмӣ вобастагии калон дорад. Маҳз тавассути ин кашфиётҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш рафта истодааст ва имрӯзҳо то ба сатҳи кайҳон омада расидааст, ки ин аз пешрафти илму техникаи муосир дарак медиҳад.

Ин масъалаҳо дар байни олимону файласуфони муосир мавриди баррасиҳои илмӣ қарор гирифта истодааст. Олимон ба гурӯҳи мушкилоти глобалӣ дар навбати аввал инҳоро шомил мекунанд: пешгирӣ кардани ҷанги ҷаҳонии термоядроӣ (реаксияи табдили ҳастаҳои гидроген ба ҳастаҳои унсурҳои мукдатирдари дигар: ярокҳои термоядроӣ) ва муҳаё намудани шароити осоишта барои рушди инсоният, бартараф намудани нобарории афзояндаи дараҷаи рушди иқтисодӣ ва даромадҳо ба сари якояки аҳолӣ байни давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишофу тараққинаёфта бо роҳи рафъсозии қафомондагии онҳо, инчунин аз байн бурдани гурӯснагӣ, қашшоқӣ ва бесаводӣ дар курраи замин, қатъ намудани афзоиши босуръати аҳолӣ (таркиши демографӣ дар мамолики рӯ ба тарақӣ) ва бартараф кардани хатари камшавии нуфус дар мамолики мутараққӣ, "пешгирӣ кардани ифлосшавии фалокатбори антропогении муҳити атроф" ва монанди инҳо.

Дар баробари ин, се гурӯҳи мушкилиҳои муҳими оламшумул қабул гардидааст: мушкилиҳои хосияти байналмилалидошта, мушкилиҳои экологӣ ва мушкилиҳои демографӣ (зинда мондан, тандурустӣ ва маориф) мебошанд. Ҳамасола дар куррааи замин беш аз 500 миллион одам азияти гурӯснагӣ кашида, 1,5 миллиард кас маҳрум аз ёрии оддитарини тиббианд. Беш аз 100 миллион одам макони зист надоранд, 23% аҳолии куррааи замин аз рӯйи ченаки кишварҳои ғарбӣ фақиранд.

Мушкилиҳои экологӣ ва харобшавии захираҳои табиӣ, буҳрони энергетикӣ, вайроншавии биосфера хатари ҷиддӣ ба табиат, ҷамъият ва ҳаёти биологии инсоният мебошад. Дар 500 соли охир аз 3/2 ҳиссаи ҷангалҳои қабати заминро пӯшонида, нобуд карда шудаанд ва ҳоло онҳо бо суръати 50 гектар дар ҳар дақиқа нобуд шуданро доранд. Бо чунин суръат ҷангалзорӣ дар рӯйи замин мавҷуд буда, баъди 3-4 даҳсола имконияти пурра маҳв шуданро доранд, ҳол он ки бе дахолати инсоният низ худ аз худ хароб шуда истодааст ва бо дахолати дасти инсон даҳчанд хароб шуда истодааст, яъне бо сохтани заводу корхонаҳои калон, ки ҳамаи онҳо хатари ҷиддӣ ба ҳаёти ҷомеа ва табиат доранд, бениҳоят бо суръати тез сохта шуда истодаанд. Истеҳсолоти муосир аз табиат 100 воҳиди модаҳоро гирифта, 3-4 воҳидашро истифода мекунад ва боқимондааш дар шакли партов баргардонда биосфераро ифлос месозанд. Дар ИМА ба атмосфера ҳамасола беш аз 260 миллион тонна моддаи зарарнок афканда мегардад, ки ин нисфи партовҳои ҷаҳонист ва ин ҳамасола зиёд шуда, атмосфераро ифлос мекунад.

Тибқи баъзе маълумотҳо дар даврони мо миқдори бузурги лавозимоти ҷангӣ-ҳастаӣ ғун шудааст, ки худи нигаҳдориашон таҳдид ба башарият дорад. Ба ҳар сокини сайёра қариб 3,5 тонна моддаи таркандаи ҳастаӣ рост меояд. Бо ин миқдор ҳаёти мавҷудоти зиндаи заминро 15 маротиба аз байн бардоштан метавон кард.

Хулоса, масъалаҳои дар боло зикршуда, омилии асосии душвор намудани зиндагонии башарият дар сайёраи замин гардида истодааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби миллати тоҷик ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба хатарҳои муҳими оламшумул дар Созмони Милали Муттаҳид, аз қабили хатарҳои терроризм, экстримизм ва камшавии об дар сайёраи замин масъалагузорӣ намудааст, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ин масъалаҳоро сармашқи кори худ қарор додаанд.

# ЗАМОНЕ МОДАР ГУФТА БУД...

*Зоир ДАВЛАТОВ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Агар замоне расад, ки маро пиразан диди, аз ту хоҳиш дорам, ки бар ман сабру таҳаммул дошта бош! Маро дарк намо! Агар дар вақти таъомхӯрӣ ман хӯрокро ба либосҳоям резонам, ё ин ки ман ба танҳоӣ либосҳоямро иваз карда натавонам, дар ҳамин ҳолат ба ёд ор, вақте ки ман ба ту хӯрдан ва либос пӯшиданро таълим медодам.

Агар як калимаро ҳазор маротиба ба ту гаштаю баргашта гӯям, аз ман асабонӣ машав ва суханҳои маро қатъ макун, бар ман гӯш бидеҳ! Маро таҳаммул кун! Соатҳои сипарӣ кардаамро баҳри омӯзониданат ба ёд ор!

Фарзанди азизам, вақте ки ту кӯдак будӣ, доимо такрор ба такрор мепурсидӣ ва бо қалби кушод ба ту ҷавоб медодам. Вақте ки мехостам ҳаммом бигирӣ, ҳазор баҳона меҷустӣ.

Вақте ки мебинӣ ман технологияи муосирро истифода карда натавонам, маро масхара макун, бар ҳоли ман маханд! Ба ёд ор, ки ман чи гуна либос пӯшидан, таъом хӯрдан, ҳаммом кардан ва чи гуна хонданро вақте ки ту ноумед мешудӣ, ман ҳамеша туро дастгирӣ мекардам, то ин ки боз кӯшиш намоӣ.

*Баҳор омад, наомад бӯйи модар,*
*Шудам пазмони чашму рӯи модар.*
*Намеарзад ҳазорон навдаи гул,*
*Ба як тори сафеди мӯйи модар.*

# ТАЪСИСЁБИИ АРТИШИ МИЛЛӢ

*Мавзунаи ҶУРАХОНЗОДА, донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



Таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар душвортарин рӯзҳои ҷанги шаҳрвандӣ сурат гирифтааст. Бо дастгирии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18-уми декабри соли 1992 таҳти № 3 фармон "Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад.

23-юми феврали соли 1993 дар майдони марказии шаҳри Душанбе аввалин машқи ташкилии низомии Артиши миллӣ баргузор гардид, ки ин рӯз дар таърихи кишвар рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад.

Мо, бояд муҳофизати ватани азизамонро аз қаҳрамонҳои достонҳои асотирӣ ва воқеӣ биомӯзем, зеро аз ҳимояи хоки муқаддаси ватан волотар чизе нест, яъне гузаштагони мо то марг мубориза давом медоданд, то ин ки зафарёб гарданд.

Ба хизмати ҳарбӣ рафтан барои ҳифзи Ватан вазифаи ҳар як ҷавон аст.

# МУАЛЛИМ – САРВАРУ САРКОРИ ИНСОН

*Бахтовар НАЗАРОВ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи физика ва математика*



Муаллим, омӯзгор вожаҳое мебошанд, ки барои фарзанди инсон ошнию муқаддас ҳастанд. Зери ин калимаҳои бузург омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб ва пешвою оинаи миллат таҷассум меёбад. Муаллим шахси барӯмандест, ки аз хурдӣ инсонро илму адаб омӯхта, ӯро ба воя мерасонад. Ӯ бузургшахсест, ки дар баробари волидони мӯнису ғамхор касро олами маънӣ меомӯзонад. Тавре гуфтаанд:

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони баркамол маҳз ба омӯзгорон вобастагӣ дорад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбия менамоянд, илм меомӯзанд, ки чандон кори осон нест.

Муаллим ба қавли бузургон муҳандиси рӯҳи инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё созмони ягон кореро ташкил медиҳад, муаллим низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти солим оянда омода месозад. Муаллимро оинаи ҳал мегӯянд. Оинае, ки ба он нигариста, камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне, омӯзгор ибратомӯзест, ки ҳар қалому ҳар нигоҳу ҳар қадамаш сартопо ибрати соҳибдилон аст.

# АНДЕШАҲОИ ТАНҲОӢ

*Саймаъруф МАНСУРОВ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ*



Дилам месӯзад, месӯзад. Бисӯз, эй дил, ки сӯзиши ту муқаддас аст, бисӯз. Танҳо магӯ, ки сӯзишат ба кӣ даркор? Бисӯз, эй дил ва қимати сӯзишро мапурс! Бузургиро мартабаи хурдӣ мадеҳ. Туро гунаҳгор намекунем, ғурури нобаҷои туро маҳкум намекунам. Туй бузург, ки маро ба атои каломи бузург ҳамроҳ дорӣ. Манам он маҳкуми ту, гунаҳкор манам, ҳарчи гӯӣ, ҳукми туст.

Эй маҳбуб, ман дар роҳи ту мартаба нахоҳам ҷуст. Он чизе, ки меҳоҳам, ин туӣ. Маро лаҳзаҳои ҳамнафасӣ бо ту бузургтарин мартаба хоҳад буд. Ҳамнафасам туӣ, эй маҳбуб! Ту зебоӣ, ягонаам! Ту покӣ, туро дар сухан, дар пайкарае, ки баъд аз сари умр хоҳӣ дид, вомегузорам. Бузургӣ мартабаи пастӣ надорад.

# МЕҲРИ МОДАР

*Аминҷон УСМОНОВ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи омӯзгорӣ*



*Сад ҷону дил фидои*
*як муддаои модар,*
*Фатҳу кушоиш орад*
*дасти дуои модар.*

Модар барои ҳар як шахс азизу муқаддас аз ҳама мавҷудоти рӯи олам аст. Модари ман ҳам бароям гиромитарин ва наздиктарин инсон ҳастанд. Ҳарчи ки дар рӯи замин дорам, ҳатто ҷони азизи худро лозим шавад, тайёрам барояшон фидо созам.

*Аз сарвату зи шуҳрат, гар бар фалак занам сар,*
*Таъзим мекунам боз дар пеши пои модар.*

Зиҳӣ модар, бо чунин қудрату матонат, эҳсон, ҷасорат ва меҳру садоқати беканор, ки мо ҳама ҷигарбандонат пешат сар фуруд меорем.

Мо, фарзандон имрӯз аз надоштани падари азизи дилбанд, ҷигархуну озурда ҳастем, вале шукр аз он мекунем, ки модари меҳрубон дорем ва чун сутуни хонадони мо-падари ба ҷону дил баробари мо бармаҳал бирафт. Пеши Худо дуо мекунем, ки модари азизамонро нигабон бошад, чунки давлати беҳамтои мо фарзандон модарҷонамон аст.

# МИНБАРИ ОЛАМИ ЗИНДАГӢ

*Сафаргули ҶОНШОҲ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



НАВҚАЛАМ

*Бад макун бар одамӣ, ин олами вайрона аст,*
*Ғам махӯр дар зиндагӣ, ин зиндагӣ афсона аст.*
*Ҷони худро кун фидои хубу неки ин ҷаҳон,*
*Ин ҷаҳон якрӯзаи имрӯзаву оянда аст.*
*Гар барои худ пазирӣ молу мулки ин ҷаҳон,*
*Мешавӣ аз хеш маҳрум, моли ту бегона аст.*
*Мардумозорӣ ба мо як хислати бегона аст,*
*Хислати бегонаро парто, ки чун девона аст.*

# ПАРАСТУ

*Бобохон ДАВЛАТШОЕВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*



НАВҚАЛАМ

*Парастуе ба ҳангоми шабона,*
*Нишаста бар лаби долони хона.*
*Зи баҳри тӯъма додан тифлаконро,*
*Садо мезад, бароянд, то зи лона.*
*Зи Терай мерасид боди баҳорӣ,*
*Бигуфт модар: бишуд вақти наҳорӣ.*
*Парасту ҳам зи баҳри тифлаконаш,*
*Парида рафт, зи баҳри тӯъмаорӣ.*
*Садои тифлакон омад зи кӯча,*
*Ки бо ҳам бозӣ мекарданд ба ҷӯҷа.*
*Ба овози баланд тифле садо зад,*
*Биёр модар, каме баҳрам зи кулча.*
*Ба гирди деҳа сайре кард хаёлам,*
*Ба ёди дӯстони бемисолам.*
*Ба ёди лоларӯе, ки зи ишқаш,*
*Набуд манро ба сар парвои олам.*
*Ва акнун мондаам танҳо ман имрӯз,*
*Хабар набвад маро аз ёри дилсӯз.*
*Билохир маълули ишқам ҳамин шуд,*
*Кунам пайваста ёдаш ҳар шабу рӯз.*
*Философи ҷаҳоне чун Арасту,*
*Аз ишқ чун ман надонад, эй парасту,*
*Зи ишқи ман бигӯ, ҳар ҷо ки рафтӣ,*
*Парасту, эй парасту, эй парасту.*

# МАСКАНИ МАН ТОҶИКИСТОН

*Гулбини ЁРМУҲАММАД, донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи хориҷӣ*



НАВҚАЛАМ

Тоҷикистонам диёрам,
Тоҷикистон ифтихорам.
То ки ҳастам бо ту фахрам,
Миллати овозадорам.
Эй диёри кӯҳсорам!
Эй диёри обшорам!
Тоҷики ту тоҷбарсар,
Миллати бо нангу орам.
Парчами ту гашт боло,
Байни кишварҳои дунё.
Сулҳи ту поянда бодо!
Ин шиори ҳар яки мо.
Навбаҳорат сабзу хуррам,
Мардумонат гашт сарҷамъ.
Васфи ту аз ҷон сароям,
Эй диёри дилрабоям.
Ишқи ту дар дилу дар ҷон,
Маскани ман Тоҷикистон.

# ИМТИЁЗҲОИ СОҲИБКОРӢ: КӢ АЗ ОНҲО БАРХӮРДОР АСТ?

*Меҳроб ИСМАТЗОДА, донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Ҳарчанд аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ барои дастгирии соҳибкорони ватанӣ пайваста имтиёзу сабукиҳо муҳайё мегарданд, бехабарии баъзе соҳибкорони маҳаллӣ сабаби бархӯрдор нашуданашон аз ин имтиёзҳо мешавад. Тарғибу фаҳмондани моҳияту аҳамияти имтиёзҳо дар байни соҳибкорон ва дастгирии онҳо ҷиҳати истифода аз ин имконият аз масъалаҳои муҳими рушди соҳа мебошанд.

Идомааш дар саҳ. 13

Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан,
Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ. Саъдӣ Шерозӣ



# ДОНИШҶӮ

Тайи соли равон барои тарғиб ва дуруст фаҳмондани моҳияти имтиёзҳои соҳибкорӣ кумита якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор чорабиниҳои машваратию омӯзишӣ гузаронд. Дар доираи чорабиниҳои баргузоршавандаи кумита оид ба имтиёзҳои қонунгузорӣ дар самтҳои санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор, тарҳрезии нақшаҳои тиҷоратӣ, сабукиҳои андозию гумрукӣ ва ғайра қариб 1000 соҳибкор ба семинарҳои омӯзишию машваратии мутахассисони соҳа фаро гирифта шуданд. Имсол низ тибқи нақшаи корӣ аз ҷониби кумита ба минтақаҳои гуногуни кишвар ҷиҳати тарғиби имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба соҳибкорони маҳаллӣ гурӯҳи корӣ сафарбар хоҳад шуд.

Соҳибкории кишоварзӣ яке аз бахшҳои афзале мебошад, ки дар ин ҷода аз ҷониби Ҳукумати кишвар имтиёзҳои зиёде пешбинӣ гардидаанд. Махсусан, барои коркарду бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ, дар қонунгузории мамлакат як қатор сабукиҳои андозию гумрукӣ ва имкониятҳои дигар муайян шудаанд. Имтиёзҳои соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, барои рушди соҳаҳои афзали иқтисоди ҷумҳурӣ, аз ҷумла паррандапарварӣ, воридоти мошинҳои навбарома, технологияи коркарди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию табобатӣ нигаронда шудаанд. Вале, то куҷо соҳибкорони бахши кишоварзӣ ё агросаноатӣ аз моҳияти имтиёзҳо бохабаранду онҳоро дар фаъолияти худ самаранок истифода менамоянд?

Сабукиҳои андозӣ дар соҳаи паррандапарварӣ кори соҳибкорони соҳаро ба куллӣ дигаргун сохт. Роҳандозии ҳамин имтиёзҳо аз ҷониби Ҳукумати мамлакат буд, ки соли гузашта саршумори парранда 75 дарсад ва истеҳсоли тухм 66,3 дарсад афзуд. Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои имтиёзҳои мазкурро надонистани баъзе соҳибкорони соҳа ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, тавре таҷриба нишон медиҳад, агар соҳибкорон аз моҳияти сабукиҳои андозию гумрукӣ ва дигар имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати кишвар дуруст бохабар бошанд, иқдому ташаббуси онҳо баҳри татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои афзали кишвар бештар сурат хоҳад гирифт. Вале, ҳолати воқеӣ нишон медиҳад, ки аз имтиёзҳои васеи ҷоригардида барои соҳибкорон танҳо доираи маҳдуди соҳибкорону тоҷирон бохабаранд.

## ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҶОНИ МИЛЛАТ



*Муқаддас РАҲМОНЗОДА, донишҷӯи соли 4-уми филологияи тоҷик ва журналистика*

Раванди рӯйдодҳои олам ва ҷаҳонишавии фарҳангҳо талаб мекунад, ки мо аз ояндаи забони модарии худ ҷиддӣ андеша кунем. Онро ҳамчун муҳимтарин рукни давлати миллӣ ва оинаи фарҳангу ҳунар эҳтиёт намоем.

Табиист, ки кӯдакон ҳануз ба моҳият ва арзиши забони модарӣ хуб сарфаҳм намеравад. Падару модар ва омӯзгорон вазифадоранд, ки онҳоро ба олами зебои сухан, ба ҷаҳони рангини забон раҳнамо бошанд.

Ин кор бо нақшаи муайян ва пешакӣ тарҳрезишуда осон амалӣ мегардад. Омӯхтани осори адибону шоирони гузаштаю имрӯза як восита нисбат ба забони тоҷикӣ меҳр пайдо кардани навбарасону кӯдакон аст.

Устод Лоиқ Шералӣ то охирин нафаси умр дар ғами забони модарӣ буд. Шеъри "Забонгумкарда"-и шоир як таъкиди сарибахтӣ ва як эътироз бар зидди бегонапарастону забонгумкардагон буд. Хулосаи мантиқии шоир дар он аст, ки шахси забонгумкарда модари худро фаромӯш кардааст ва як рӯз ватани худро ҳам фаромӯш хоҳад кард. Сиёҳрӯзтарину хортарин инсон касест, ки забони модарии худро гум кунад ва ё онро аз дигар забон кам ҳисобад.

Шукри тақдир, ки пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон забони модарӣ ҳамчун забони давлатӣ дар ҳамаи сохторҳо истифода мешавад. Ин комёбии кам нест. Ин пирӯзии миллат ва фарзандони соҳибназараш аст...

## НАШЪАМАНДӢ – ВАБОИ АСР

*Ҷиёнбии НАЗАРАЛӢ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*



Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди бемайлони илму техника қарор дорад. Пешрафту шукуфоии оламро бе донишу маърифат наметавон тасаввур кард. Қисме аз мамолики пешқадами дунё бо фарогирии нерӯҳои ақлонию эҷодӣ мушкилоти молиявиро ҳал намуда бошанд ҳам, аз нигоҳи падидаҳои номатлубе мисли нашъамандӣ изҳори ташвиш менамоянд. Зеро давра ба давра зиёд гардидани шумораи он назми ҷомеаро халалдор гардонида, сиҳатии насли минбаъдаро зери шубҳа мегузорад. Мутаассифона, ин мушкилот дар Тоҷикистон низ ба чашм мерасад.

Имрӯзҳо ба мушоҳида мерасад, ки бархе аз ҷавонон ба истифодаи чунин маводҳои нашъаовар зиёд даст мезананд. Аз ҷумла, истифодаи тамоку дар байни омма бисёр паҳн гаштааст. Аз нигоҳи тиб агар мо таҳлил карда бароем, дар таркиби тамоку моддаҳои зиёде мавҷуд аст, ки инсонро ба беҳуввати, лоғарӣ, бронхит, оқибат ба нестӣ оварда мерасонад. Инчунин, ба яке аз бемориҳои бисёр ҳам хатарнок гирифтор мекунад, ки аз инҳо насли солим ба дунё намеояд. Аз ин гуна ашхос фарзандоне ба дунё меоянд, ки аз ҷиҳати ақлонӣ ва инкишофёбӣ онҳо заифанд, яъне ба бемориҳои табобатнашаванда дучоранд. Пас, ин аст носолимии ҷомеа. Онҳо фикри солимии хеш ва ҷомеаро накарда, ба худ ва ҷомеа зарарҳои манфӣ мерасонанд. Бархе аз ҷавонон дар ҳолати нооромӣ, яъне хашмгинӣ аз ин гуна маводҳо истифода мебаранд. Ба қавли онҳо асабҳояшон ором мешавад, аммо хатои бузург менамоянд. Муҳити экологии хешро гардолуд месозанд ва ин рафтори онҳо барои ҳам оила ва ҳам ҷомеа ташвишовар аст. Ин гуна инсонҳо ба худ зарари калон расонида, ҷиҳати молиявию иқтисодии оилаҳои хешро фикр намекунанд.

Ҳаёти худро эмин нигоҳ доред!

## САНОАТКУНОНӢ – ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГӢ



*Ҷурахони ИСМОИЛ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Дар тамоми марҳилаҳои рушди иқтисодиёт воҳиди сохтори саноат корхонаҳо ба ҳисоб мераванд. Маҳз дар корхонаҳои саноатӣ истеҳсоли маҳсулоти ба ҷомеа зарур ба роҳ монда мешавад, алоқаи бевоситаи коргар бо воситаҳои истеҳсолот ба вуҷуд меояд, дар корхона кадрҳои баландихтисос ҷалб ва масъалаҳои сарфакорона истифода кардани захираҳо ҳал мешавад. Дар корхона бизнес-нақшаҳо коркард, маркетинг ва менеҷменти истифода бурда мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ муваффақияти истеҳсолию тиҷоратии ҳар як корхонаи саноатӣ аз бисёр ҷиҳат аз ҷорӣ намудани навигариҳои илму техника, ё ки фаъолияти инноватсионӣ вобаста аст.

Барои расидан ба истеҳсолоти самаранок ва натиҷаҳои баланди молиявӣ корхонаҳоро лозим аст, ки фаъолияти инноватсионии худро бештар ба дарёфт ва коркарду идоракунии сармояҳои имконпазир, ки ба рақобат тобоварии соҳибкоронро таъмин карда метавонанд, равона гардонанд, чунки дар иқтисодиёти бозории ҷумҳурии мо таъмини сифати баланди маҳсулоти истеҳсолшавандаро, ки ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯст, тақозо менамояд. Расидан ба ин мақсад танҳо тавассути инноватсия амалӣ гардонида мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар доираи фаъолияти субъектҳои соҳибкории ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, махсусан саноат фаъолияти инноватсиониро ҳамчун объекти тадқиқот қарор додан шарти муҳим ва зарурӣ маҳсуб мешавад.

Корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон аз 1329 адади соли 2000 мувофиқи нақшаҳои амал оид ба таъсиси истеҳсолоти нав соли 2018 ба 2047 адад расид, ки бештар аз 91487 ҳазор аҳолии мамлакат бо ҷойи кор таъмин гардидаанд.

## ДӮСТРО БИШНОС!

*Шукронаи МАҲМАДӢ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география*



Дар фарҳанги миллиамон дӯст ва дӯстӣ яке аз мавзӯҳои муҳим махсуб ёфта, ҳам дар адабиёт, ҳам дар фалсафа ва ҳам дар ахлоқ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Вақте ки танҳоем, дунболи як дӯст мегардем. Дар ҳаёти шахсӣ ва ҷомеа ягонагиву якдилӣ ҳадафу мақоми бузурги созандагӣ дорад. Дӯстӣ маҳз ба рақобати дилхо бо якдигар, ҳамоҳангии мақсаду маром асос меёбад. Инсон ҳамеша ниёзманди дӯст ва дӯстӣ буда, ба шарофати он пастиву баландии зиндагиро паси сар мекунад, ба зинаҳои баланди камолот мерасад, саодатманд мешавад.

Чунон ки аллома Кайковус гуфтааст: "Дӯсти нек ганҷи бузург аст." Воқеан ҳам, ин суханони бузург дурустанд ва ман ба ганҷина ё гавҳари қиммату ноёб будани дӯст боварии комил дорам. Имрӯз ман хурсанд аз он хастам, ки Худованд мутаъол ба ман дӯсте насиб гардонидааст, ки вайро ном Саёҳат аст. Вай бисёр ҳам духтари зебою закӣ ва хушфеълу хушрафтор мебошад.

Агарчанд дӯстии мо аз даврони донишҷӯӣ оғоз гардида бошад ҳам, вале ба ин нигоҳ накарда, мо дӯстони мушфиқу ёрони вафодори якдигар ҳастем.

Ман аз даргоҳи илоҳӣ хоҳони онро дорам, ки ҳамеша дӯстии мо дар амону побарҷо бимонад ва аз дигарон даъват ба амал меорам, ки ҳамеша дӯстӣ кунеду дар пояи дӯстӣ устувор ва вафодор бимонед!

## СОҲАИ САЙЁҲИРО РУШД МЕБОЯД!



*Мавлоно ЮСУФОВ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори туризм дар Тоҷикистон солҳои 2019 - 2021 аз ҷониби Пешвои миллат дар мамлакат "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардидаст.

Мавриди зикр аст, ки ин ҳама андешидани тадбирҳои лозима ба хотири боло бурдани сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад. Воқеан, сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони кишвар, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таърихху фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин солҳо гузоштани соли рушди деҳот ин аст, ки натанҳо ба шаҳрҳо аҳамияти ҷиддӣ бояд дод, балки ба деҳаҳо низ диққати зиёдтар бояд дода шавад.

Масалан, дар ҷамоатҳои шаҳри Кулоб якчанд кошонаҳои хусн, сартарошхонаҳо ва дигар биноҳои ҷамъиятӣ кушода, ба истифода дода шуд, ки ин боиси хурсандии сокинони шаҳру ҷамоатҳои Кулоб гардид.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифат ва меҳмоннавоз ва аз нигоҳи иқлиму боду ҳаво, манзараҳои зебову дилкаш, кӯҳҳои осмонбӯсу обҳои шифобахш, урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрору макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошанд.

## МАВҚЕИ ЗАН ДАР ҶОМЕА ВА ОИЛА



*Шукрона ШАРИПОВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*

Дар Тоҷикистон занон аз ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ бархӯрдоранд. Мувофиқи моддаи 17-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Занон ва мардон баробарҳуқуқанд". Конститутсия ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳои занонро баробари ҳуқуқу озодиҳои мардон кафолат медиҳад ва ҳимоя менамояд.

Фармони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3-юми декабри соли 1999 "Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа" дар таъмини иштироки занон дар ҳаёти ҷомеа аҳмияти калон дорад.

Занон нерӯи серҳаракат ва устувори ҷомеаи мо ба шумор мераванд. Тоҷикистон дар байни давлатҳои собиқ Шӯравӣ аввалин давлатест, ки конвенсияҳои байналмилалии "Дар бораи барҳам задани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон" ва "Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон"-ро тасдиқ намудааст. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо занон дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт, фарҳанг ва маориф фаъолона ширкат меварзанд.

## САРАЗМ–МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ САЙЁРА

*Муҳаммадҷон КАРИМОВ, Ҷамшеди ҶАҲОНГИРЗОД, курсантони Коллеҷи милитсияи ВКД дар шаҳри Кӯлоб*





***Бо дарназардошти аҳамияти шаҳри қадимаи Саразм, пешниҳод менамоям, ки соли 2020-ум 5500-солагии Саразми бостонӣ ҳамчун маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ҷашн гирифта шавад.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Саразм дар соҳили чапи яке аз дарёҳои калонтарини Осиёи Марказӣ-Зарафшон дар баланди 910 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Шаҳри қадимаи Саразм соли 1976 аз ҷониби олим ва бостоншиноси тоҷик Исҳоқӣ Абдуллоҷон кашф шудааст. Ин ёдгорӣ дар 15 километри ғарбии шаҳри Панҷакент ва 45 километрӣ дар шарқ аз шаҳри Самарқанд ҷойгир шудааст.

Шаҳри қадимаи Саразм 4 давраи 4000-соларо паси сар кардааст, ки фарқ байни ҳадигар 1000-солӣ мебошад. Дар ин шаҳр санъати меъморӣ хеле хуб оро дода шудааст.

Корҳои пажӯҳишгарӣ ва кашфиёт дар ин ҷо аз бозёфти табари сангӣ аз ҷониби сокини ҷамоаи деҳоти Саразм Ашуралӣ Тайланов оғоз шуда, пасон дар ин кор Абдуллоҷон Исҳоқӣ соли 1976 ибтикор нишон медиҳад. Баъдан, ба омӯзиши он бостоншиносон ба монанди доктори илмҳои таърих С.Бобомуллоев, номзади илмҳои таърих А.Розиқов ва Ш.Қурбонов машғул шудаанд. Ҳамчунин, қайд менамоем, ки дар шаҳри қадима бостоншиноси фаронсавӣ Роланд Безенвал ва Франкфор Анрипол таткиқот бурдаанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 Саразм ҳамчун маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон мамнӯъгоҳи таърихию бостоншиносӣ эълон гардид.

Соли 2010 бо пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ёдгории нодири таърихӣ аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи мероси фарҳангии умумибашарӣ ворид карда шуд.

## МУАЛЛИМ – ҒАМГУСОРИ БЕҲТАРИН

*Мадина ИБРОНОВА, хонандаи синфи 10-уми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и шаҳри Кӯлоб*

Муаллимро имрӯз метавонем ба равшангари шамими шогирдон ташбеҳ диҳем, нӯре гӯем, ки чашмони шогирдонро равшанӣ мебахшад, оламро мунаввар ва мушкили ҳамаро осон мегардонад. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбия менамоянд, ки ин кори чандон осон нест.

Барои меҳнати пурмашаққату дили саршори пур аз меҳру муҳаббати бузургии муаллим агар аз осмон ситора оварем, аз қаъри замин ганҷ бурун оварем, кӯҳҳоро нест созем, замину заминро гулзор кунем, кам асту кам.

*Муаллим ғамгусори беҳтарин аст,*
*Сафобахшанда дар рӯйи замин аст.*

Аз ин ҳама андешаҳои ҷолиб чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки омӯзгор дар тарбияи маънавии инсон нақши муҳим дошта, боиси эътиром ва қадру қиммат гаштааст ва ҳар кору амале ба устод эътиёҷ дорад.

# САМООБРАЗОВАНИЕ ВАЖНАЯ СТУПЕНЬ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ



*Обидамо Худойдодова, ассистент кафедры педагогики, соискатель*

Управление активностью студентов в педагогике по традиции называется активизацией. Её можно определить как постоянно текущий процесс побуждения к целеустремленному, активному участию в учебном процессе, преодоление пассивности, спада и застоя в выполнении разных вариантов самостоятельной работы, как основной путь к самообразованию. Главная цель активизации обучения педагогики рассматривается как формирование активности студентов не только в усвоении программного материала, усвоении лекции преподавателя, но и самообразованию.

Конечным результатом настоящих, устойчивых, познавательных интересов студентов является продуктом обучения, которые выражаются следующими компонентами:

-профессионально- педагогические знания, умения и навыков; личностное, научно-обоснованное и устойчивое мировоззрение студента, которые очень необходимы в нынешние времена; прогноз в результатах своих познавательных работах и эрудиций;

-качество ума, интеллектуальное развитие личности студента (операция и приемы мышления, способности, формы, методы, приемы познавательной деятельности); умение учиться, познавать и записывать лекции преподавателя, потребность в приобретении и пополнении новых профессиональных знаний, самообразования, выполнения самостоятельной работы; навыки и умение самообразования по педагогическим дисциплинам; активность в слушании и записывании лекции, выполнение самостоятельных работ и самообразовании по педагогике; работоспособность студента (умственная и физическая);воспитанность, включающая в себя нравственные, патриотические, эстетические, трудовые, экономические, правовые и другие качества; профессиональная ориентация и подготовка к будущей педагогической профессии.

В настоящее время, в период глобализации образования и вход Республики Таджикистан в мировую систему образования, введение и реализация кредитной системы на всех уровнях обучения в вузе, основывающие на современной информационной сети и самостоятельная работа учащихся и студентов, развивающиеся требования к школьным учителям, требуют высокого показателя в области обучения и воспитания подрастающего поколения и молодёжи и повышения уровня профессиональной подготовки будущих учителей.

Самообразование - это первая ступень в повышении уровня профессиональной подготовки будущих учителей в стенах педагогического вуза и мастерства учителя. Одним из показателей профессиональной компетентности педагога является его способность к самообразованию, которое проявляется в осознании необходимости своего профессионального знания, умений, навыков, умении работать над источниками творческой и исследовательской деятельности.

Для осуществления своей миссии в условиях модернизации современного образования будущему педагогу необходимо обладать готовностью к решению профессиональных задач, находится на уровне профессиональной компетентности.

Проблема организации и осуществления самообразования в системе подготовки современных учителей соответствующих требованиями глобализация образования и особенностью кредитной системы обучения вуза является философской, социологической, психолого-педагогической проблемой.

Главные критерии образованности, на наш взгляд, является уровень образования, так как образование - это процесс и результат овладения учащимися системой научных знаний и познавательных умений и навыков, формирование на их основе мировоззрения, нравственных и других качеств личности, развития её творческих сил и способностей. Образование также является результатом обучения. Обучение - это специально организованный, целенаправленный и управляемый процесс взаимодействия учителей и учеников, направленный на усвоение знаний, умений и навыков, формирование мировоззрения, развития умственных сил и потенциальных возможностей обучаемых, закрепление навыков самообразования в соответствии с поставленными целями, основу обучения составляют знания, умения, навыки выступления со стороны преподавателя в качестве исходных (базовых) компонентов содержания, а со стороны учеников - в качестве продуктов усвоения.

В целом, готовность к самообразованию определяется как личностное качество, которое выражается в умениях соотносить мир теоретических знаний и мир практических реальных умений и навыков, в способности самостоятельно находить ответы на актуальные вопросы, и которая базируется на умении свободно ориентироваться в разных источниках информации и критически анализировать их. В частности А. К. Громцева определяет готовность к самообразованию как конечный результат, который позволяет человеку заниматься самообразованием.

*Нусхаи қалбакӣ нисбат ба смартфони аслӣ, албатта нархи арзон дорад. Дар он қисмҳои нисбатан арзон истифода бурда мешаванд.*

# GALAXY S8 - И ҲАҚИҚИРО АЗ ҚАЛБАКӢ ЧӢ ТАВР ФАРҚ КАРДАН ЛОЗИМ?



Моделҳои муқаррарии маъруфи смартфонҳои Samsung-ро фаъолона нусхабардорӣ мекунанд. Дастгоҳи нусхабардоришудаи чиниро ба харидорони зудбовар чунон пешниҳод менамоянд, ки гӯё он смартфонҳо аслӣ бошанд. Мутассифона кори Galaxy-и аслӣ ва қалбакӣ якхела нестанд ва бинобар ин харидорӣ намудани он ягон манфиате намеорад. Гарчанде ҳатто замима нисбатан суд-манд намояд ҳам. Бо ин маълумоти худ мо кӯшиш мекунем, ки дар Шумо бедорӣ ва ҳушёрию зиракиро ҳангоми ин гуна харидҳо бедор намоем.

Ҳар як смартфони нави Samsung ҳам барои харидорон ва ҳам барои онҳое, ки смартфонро нусхабардорӣ мекунанд, нисбатан шавқовар гардида истодааст. Мо нусхаи Galaxy S6, Galaxy S7 ва смартфонҳоро дар ҷадвали Note диадем. Айни замон замимаи аз ҳама муҳим Galaxy S8 мебошад, ки аллакай қалбакиаш низ баромадааст. Ба харидори оддӣ фарқ карда тавонистани смартфони аслӣ аз қалбакӣ шояд он қадар осон набошад. Вале илоҷи воқеа ҳаст, ба ин масъала бо тайёрии зарурии пешакӣ назар кардан лозим. Дар ин кор мададрасони Шумо ширкати Samsung мебошад. Дар ин саҳифа тамоми хусусиятҳои Galaxy S8-и ҳақиқӣ навишта шудааст, аз андозаи аниқу дақиқи телефон сар карда то вазнаш. Зеро смартфони қалбакӣ аз ягон ҷиҳат бояд аз смартфони аслӣ фарқ кунад.

Нусхаи қалбакӣ нисбат ба смартфони аслӣ, албатта нархи арзон дорад. Дар он қисмҳои нисбатан арзон истифода бурда мешаванд. Ин аз он дарак медиҳад, ки смартфони қалбакӣ ягон хел экрани ҷаккардашуда нахоҳад дошт. Лекин Шуморо бо шишаи гирдакардашуда фиреб карданашон мумкин. Аммо дар хотир доред, ки дар Galaxy S8 паҳлӯҳои шишаи каҷкардашуда дар чорчӯба гирифта нашудааст. Оё ҳақиқат аст, ки дисплей шакли давракардашуда дорад? Шумо инро фаҳмида метавонед, агар дар он тамоми рангҳо, ба ғайр аз ранги сиёҳ намудор инъикос шаванд.

Ниҳояти кор ин нарх мебошад. Агар ба Шумо смартфони қалбакиро фурӯхтанӣ шаванд, диққати Шуморо бо воситаи пешниҳодҳои манфиатнок ҷалб карданӣ мешаванд. Агар чӣ қадаре, ки барои харидории Galaxy S8 пули кам дархост намоянд, пас ба ин гуна пешниҳод бо шубҳа назар кунед. Шояд мӯъҷиза дар олам рӯй диҳад, вале нафароне, ки смартфони гаронбаҳоро бароятон бо нархи арзон бифурӯшад, нисбатан кам мебошад.

# НӮШИДАНИ ҚАҲВА МУФИД АСТ

Қаҳва барои ҷавон нигоҳ доштани пӯсти рӯй хеле муфид аст ва барои ин дар як рӯз танҳо ду пиёлача нӯшидан кифоя мебошад.

Ин назарияро профессори донишгоҳи Скрентони Има Ҷо Винсон исбот намудааст. Ӯ дар тадқиқотҳои худ антиоксидантҳои таркиби қаҳваро омӯхтааст. Антиоксидантҳо қобилияти дар организм пешгирӣ намудани таъсири бади оксигенҳои озодро доранд. Оксигенҳои озод метавонанд, ки баъзе намудҳои ҳуҷайраҳоро осеб додa, ба пиршавӣ мусоидат менамоянд ва ба вуҷуд омадани варамҳоро мебарангезанд. Аз ин бештар пӯст осеб мебинад, ки ба он бевосита офтоб ва ҳаво таъсир мерасонанд. Яке аз равияҳои маъмули тибби ҳозиразамон ин омӯзиши антиоксидантҳо ва таъсири онҳо ба ҷараёни пиршавӣ мебошад.

Ҷо Винсон изҳор медорад, ки дар як рӯз 1-2 пиёла қаҳва кифоя аст, то ҷараёни пиршавиро суст карда шавад. Инчунин, мувофиқи изҳорoти ӯ қаҳва барои мустаҳкамии хотира, диққатнокӣ мусоидат намуда, эҳтимоли инкишофи диабет ва сиррози ҷигарро паст менамояд.

Ҳамчунин, ҳатто бӯи қаҳва метавонад, ки дар организм антиоксидантҳоро ҳосил намояд, ки он ба бардамиро ба вуҷуд оварда, стрессро бартараф менамояд.

http://tiroz.org

# АКСҲОИ ГӮЁ







*Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,*
*Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.*
*Саъдӣ Шерозӣ*



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 7 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард: Суфиев Хайриддин (14.11.2019, соати 12:00, 5 хато), Раҳимов Сиёвуш (14.11.2019, соати 15:09, 4 хато), Нозимов Баҳром (15.11.2019, соати 07:56, бехато), Мадасони Азизмад (16.11.2019, соати 09:31, 4 хато), Хисрави Неъматулло (16.11.2019, соати 09:48, бехато), Маҳмадқулова Ҷамила (18.11.2019, соати 08:06, 16 хато ), Авазова Лайлӣ (18.11.2019, соати 09:00, 10 хато). Аз 7 нафар танҳо 2 нафар (Нозимов Баҳром, Хисрави Неъматулло) ҷавоби кроссвордро бехато ба идора пешниҳод кардаанд. Чунон ки мебинед, Нозимов Баҳром пеш аз Хисрав ҷавобҳояшро пешниҳод кардааст ва ғолиб он кас шуморида мешавад.

*Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад.*

*Мӯҳлати қабули ҷавобҳои кроссворди мазкур то 28.11.2019 муайян шудааст.*

- Маҳсулоти қаннодӣ
- Оиладорнашуда
- Зада тағйири самт кардан (байналхалқӣ)
- Ҷудоиандозӣ, вайронкорӣ
- Зарф барои чойҷӯшонӣ ё чойнӯшӣ
- Бародари калонӣ (лаҳҷа)
- Мазори пайғамбарон
- Болои
- Гиреҳ, оҷинг
- Донаҳои рӯи нон
- Нуқтаи баланди оҳанг
- Хуб, беҳ
- Кинаю ...
- Шахси талбанда
- Дарё дар Олмон
- Ҷанобии эронӣ
- Пентагон дар ин кишвар аст
- Хабари аз даҳон ба даҳон паҳншуда
- Дастаи футболи ш.Москва
- Оча, ота ва бачаҳо
- ... Газманов, овозхони рус
- Зидди аввалин
- Анҷом
- Шабнами сармозада
- Модар (лаҳҷа)
- Деҳқони беҳуқуқи Спартаи қадим
- Гармоба
- Мӯҳтарам, арҷманд
- Расм, таомул
- Кори вазнин (китобӣ)
- Олиме, ки гуфт, одам аз маймун шудаст
- Одами бадгир, дарунсиёҳ
- Аз ин қисми вокзал ба вагон медароянд
- Мошини ҷангӣ
- Номи ҳарфи лотинӣ
- Муқобили шаб
- Мафҳуми математикӣ, D
- Такягоҳ
- Нидои ҳайрат
- Тарс, ҳарос
- Муқаррарӣ, оддӣ
- Нестшаванда, нобудшаванд
- Мошини боркашии минск
- Номи қадимаи Бирма
- Сарвазир
- Давлат дар шимоли Америко
- Падар (лаҳҷ.)
- Асбоби расмкашӣ
- Абӯали ... Сино
- Нанговар
- Фа, ля ва си дар илми мусиқӣ
- Воҳид ..., фолклоршиноси тоҷик
- Илми ҳисоб (русӣ)
- Ай...-як навъ телефони мобилӣ
- Кино
- Оғоз
- зиди гир
- Шармгинӣ, изокашӣ
- Навъи таъм
- Қисми биология, ки растаниҳоро меомӯзад
- Падари Юсуф (а)
- Бародари модар
- Қисми растанӣ
- Ба пурсиш чӣ медиҳанд?
- Зебо ..., устоди рақс
- Меваe, ки рамзи Иди Хеллоуин аст
- Муқобили девона
- Мухбир









**Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 15 (297) аз 13.11.2019**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | К | О | Р | О | Л | Ё | В | А | | Р | У | Т | У | Б | А | Т | | |
| Х | | | | | | | | О | | | О | | | | | | | | Ҳ |
| О | | | | | | | Т | В | И | Н | К | Л | | | | | | | А |
| Б | | | | | | | И | | | Е | | А | | | | | | | В |
| О | | | | | | | Т | В | Е | Р | | Б | | | | | | | О |
| Л | | | | | | | | И | | У | З | Р | | | | | | | Б |
| У | | | | | | | | Л | О | М | | Е | | | | | | | А |
| Д | О | М | И | Н | И | К | А | Н | | А | Р | З | А | | | | Т | У | Л |
| | Р | | Т | | З | | | Ю | А | Н | | | Ф | И | О | Н | А | | А |
| | З | | А | | О | Л | У | С | | Д | А | Ъ | В | О | | | М | А | Н |
| Г | У | М | Р | У | К | | | | | | | | | Н | А | Б | И | | Д |
| | | А | | | А | | | | | | | | | | Қ | | З | О | О |
| Б | У | Н | А | Ф | Ш | | | | | | | | | Т | В | Б | | | Н |
| А | | С | | А | | | | | | | | | | И | | О | И | Ш | А |
| Р | | А | | В | | | | | | | | | | Р | У | З | | О | |
| О | Л | Б | А | Н | И | | | | | | | | | | З | | | И | |
| Д | | | | | Б | | | | | | | | | У | Д | М | У | Р | Т |
| А | Л | П | | К | Р | Е | М | Л | | К | А | Б | К | | | О | | | А |
| Р | | О | | | А | | А | | В | | П | | У | | | К | Л | Ё | Ш |
| А | | П | А | Р | Т | И | Я | | О | Б | Т | А | Р | О | З | У | | | В |
| Н | | | | | | | К | А | Ҳ | | Е | | | | | | | | И |
| Д | | | | | | | О | | А | | К | | | | | | | | Ш |
| А | | | | | | | В | | | Ҳ | А | Б | | | | | | | А |
| Р | | | | | | | С | А | Ш | А | | У | | | | | | | Н |
| | | | | | | | К | | | Ш | А | Л | | | | | | | Г |
| | | | | | | | И | Б | Н | И | | У | | | | | | | Е |
| Ч | О | Б | У | К | П | О | Й | | | Ш | А | Т | Р | А | Н | Ч | Б | О | З |

## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 200 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

*Рӯи хушу овози хуш доранд ҳар як лаззате,*
*Бингар, ки лаззат чун бувад маҳбуби хушовозро.* *Саъдӣ*



# СУХАНИ МОНДАГОР



*Унсурмаолии Кайковус*

*Агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бесурат.*

# 80-СОЛАГӢ МУБОРАК, УСТОД!



**27-уми декабр физик-химики тоҷик, доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ, узви пайвастаи филиали АМБ, узви пайвастаи Академия ва Институтҳои муҳандисии байналмилалии давлатҳои исломӣ (2000, Урдун, Уммон), Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, дорандаи нахустпатенти №TJ 623-и Идораи давлатии патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон, Аълочии маорифи мактабҳои олии СССР, яке аз муассисони рӯзномаи "Анвори дониш", устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ КАРИМОВ САМАРИДДИН КАРИМОВИЧ солрӯз доранд ва ба синни мубораки 80-солагӣ қадам мегузоранд.**

**Маъмурият, ҳайати профессорону омӯзгорон, донишҷӯён ва гурӯҳи эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" устодро ба муносибати солрӯзашон табрик намуда, баҳрашон зиндагии шоиста ва саодати рӯзгорро таманно доранд.**

**Солрӯз муборак бошад, устоди азиз!**

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи декабри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. ҚУРАЕВ ҚАРАҚУЛ, 01.12.1949, ассистенти кафедраи иқтисод ва молия (70-солагӣ муборак бошад!);
2. НАЗАРОВ КАМОЛИДДИН, 01.12.1979, ассистенти кафедраи мудофиаи шаҳрвандӣ (40-солагӣ муборак бошад!);
3. ЮСУПОВА МАЛОҲАТ, 01.12.1972, танзимгари кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
4. СУЛТОНОВА МАЙДАМО, 01.12.1967, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
5. КОМИЛОВА ГУЛИСТОН, 01.12.1975, фаррош;
6. ОДИНАЕВ РАҲМАТУЛЛО, 02.12.1957, комендант;
7. БЕГМАТОВА СОҶИДА, 03.12.1992, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
8. БОБОЕВА МАҲБУБА, 04.12.1972, сардори шуъбаи мониторинг ва назорати сифати таълим;
9. ИЗЗАТОВ МУҲАББАТ, 05.12.1970, китобдори китобхона;
10. ШЕРМАДОВА МЕҲРИНИСО, 06.12.1980, фаррош;
11. САИДОВА МАДИНА, 06.12.1992, лаборанти кафедраи молия ва бонкдорӣ;
12. НЕКРӮЗИ МАҲМАДХОҶА, 06.12.1994, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ (25-солагӣ муборак бошад!);
13. КОМИЛОВА РАҶАБМО, 06.12.1994, лабаранти кафедраи таърих ва ҳуқуқ (25-солагӣ муборак бошад!);
14. РАШИДОВ ҶАМШЕД, 07.12.1986, сардори Раёсати таълим;
15. АЪЗАМОВ ХУРСАНД, 07.12.1943, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
16. ИЗЗАТОВА МАТЛУБА, 08.12.1982, ассистенти кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими он;
17. БОБОҚУЛОВ ҶУМЪАХОН, 09.12.1955, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР;
18. БАРОТОВ НАМОЗАЛӢ, 09.12.1969, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ (50-солагӣ муборак бошад!);
19. САФАРОВ ШИРИНҶОН, 10.12.1981, саромӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
20. НУРИДДИНИ ШЕРАВГАН, 10.12.1992, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
21. САИДОВ ПАЙРАВ, 10.12.1989, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия (30-солагӣ муборак бошад!);
22. РАҲИМОВА ФИРӮЗА, 11.12.1984, фаррош (35-солагӣ муборак бошад!);
23. МИРЗОЕВ РАҲМОНХУҶА, 12.12.1946, омӯзгори кафедраи педадгогикаи умумидонишгоҳӣ;
24. ХОЛИҚОВА ЗУҲРО, 12.12.1973, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика;
25. ҲАБИБУЛЛОЕВА ШАҲЛО, 12.12.1974, лаборанти кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими он (45-солагӣ муборак бошад!);
26. ХОЛОВ СИНО, 13.12.1989, ассистенти кафедраи химия ва биология (30-солагӣ муборак бошад!);
27. СУФИЕВ САДРИДДИН, 13.12.1983, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
28. РАҲИМОВА ШАҲНОЗА, 14.12.1987, ассистенти кафедраи забони англисӣ;
29. ИСОЕВ СОБИР, 14.12.1983, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
30. РАҲИМОВА РУҚИЯ, 15.12.1963, фаррош;
31. ДАВЛАТОВ МАҲМАДСАФАР, 15.12.1955, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика;
32. САФАРОВ ХОЛМАҲМАД, 16.12.1960, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
33. БОБОЕВ БАХТОВАР, 17.12.1989, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он (30-солагӣ муборак бошад!);
34. КЕНҶАЕВ ВОРИС, 17.12.1990, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
35. БОЙМАТОВ ДИЛШОДҶОН, 18.12.1993, ассистенти кафедраи фалсафа;
36. ШАМСИДДИНОВА ҶУМАГУЛ, 18.12.1988, фаррош;
37. АМИРОВ ЁРМАҲМАД, 18.12.1952. ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
38. РАҲМАТУЛОЕВ АБДУЛАЗИЗ, 18.12.1960 ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
39. ДАМИНОВА АРАФАМО, 19.12.1975, номзади илмҳои педагогӣ, директори Колеҷӣ омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ;
40. РАҲМОНОВ МАҲМАДУЛЛО, 20.12.1992, мутахассиси маркази тестӣ;
41. НАБИЕВА МУҚАДДАС, 22.12.1975, саромӯзгори кафедраи равоншиносии умумидонишгоҳӣ;
42. ШАРИПОВ АНВАР, 24.12.1988, сардори маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии НКТ;
43. ИБРОҲИМОВ БОБОҶОН, 24.12.1983, китобдори китобхонаи донишгоҳ;
44. КӮЛОБИЕВ САТТОР, 24.12.1968, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
45. ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН, 24.12.1937, мушовири ректор, номзади илмҳои педегогӣ;
46. ХОЛИҚЗОДА АҲЛИДДИН, 24.12.1989, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия (30-солагӣ муборак бошад!);
47. НАЗАРОВА ГУЛНИГОР, 26.12.1991, ассистенти кафедраи сиёсатиносӣ;
48. РУСТАМОВ ҶУРАХОН, 26.12.1946, мудири осоишгоҳи "Бешаи Сабз";
49. КАРИМОВ САМАРИДДИН, 27.12.1939, академик, профессори кафедраи физика, методикаи таълими он ва техналогияи материалҳо (80-солагӣ муборак бошад!);
50. САМАРИДДИНОВА ЗАЙНАБ, 27.12.1968, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он;
51. ДАВЛАТОВ САИДШОҲ, 27.12.1977, фаррош;
52. ПИРОВ НАВРӮЗ, 28.12.1990, сардори маркази тестӣ;
53. ҚУРБОНОВ УСМОН, 28.12.1971, муҳосиби калони шуъбаи ҳисоб;
54. НАЗАРОВА ОИМГУЛ, 28.12.1958, фаррош;
55. МИРЗОЕВ СУБҲОН, 29.12.1988, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
56. АБДУАЛИМОВА ҲИКОЯТ, 30.12.1958, лаборанти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
57. ОДИНАЕВА ГУЛБОНУ, 31.12.1966, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика;

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,** доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**КАРИМОВ САМАРИДДИН,** доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ

**ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,** доктори илмҳои фалсафа, профессор

**ҶУМЪАХОН АЛИМӢ,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ХОЛИҚОВ САФАР,** номзади илмҳои химия

**ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,** доктори илмҳои таърих, профессор

**МИРЗОЕВ САЛИМ,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**ЗАФАР МИРЗОЁН,** ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
**ҶАҲОНГИР РУСТАМШО**

КОТИБИ МАСЪУЛ:
**ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ**

САҲИФАБАНД:
**МУНИСА КАРИМОВА**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19